В условиях пандемии активизировал сотрудничество Астанинский формат. Таджикистан, Узбекистан, Кыргызстан, Казахстан активизировали двустороннее и многостороннее сотрудничество по урегулированию актуальных межгосударственных проблем и взяли курс к налаживанию углублению стратегического сотрудничества в новых геополитических реалиях в рамках данного формата. Для центральноазиатских государств астанинский формат необходим для снятия напряжения по наиболее острым региональным проблемам и он будет служить гарантом региональной стабильности, что также важно для внешних союзников и партнеров государств Центральной Азии. Центральноазиатские государства в настоящее время пришли к необходимости разработки генеральной стратегии развития Центральной Азии, включающего в себя формирование рынка сбыта собственной продукции, координации развития основных отраслей промышленности с учетом наличия сырья и энергоресурсов, развитие инфраструктуры, энергетики и других направлений.

Пандемия коронавируса подготовила почву для самых масштабных изменений в мироустройстве со второй половины XX века. Глобальные процессы буду отражаться на геополитической динамике Центральной Азии. В Центральной Азии глобальные процессы проецируются на региональном уровне со своей локальной спецификой. Очевидно, стратегическая конкуренция внешних акторов в Центральной Азии будет отражатся на интенсивности реализации экономических проектов, на приоритетных векторах взаимодействия и, наконец, на реализации стратегий развития, и на темпах региональной интеграции.

Переосмысление США геополитики как соперничества крупных держав по линии США-Китай-Россия, в котором может быть только один победитель, видимо, уже исключает дальнейшее углубление взаимозависимости в мире. Однако в формирующийся геоструктуру мира будут вносить свои коррективы возрождение России, Китая, Индии, представляющие собой отдельные цивилизации, которые исторически тесно взаимодействовали на евразийском пространстве и которые уже являются центрами силы в новом мире. Как мы отмечали, на современном этапе обостряется конфронтация США с Китаем и Россией, при этом конкуренция с Китаем на международной арене превращается в важное направление американской внешней политики и стержневую ось международных отношений. Китай, позицируя себя как лидера мирового развития, заключает с 14 государствами договор о создании самой масштабной на планете зоны свободной торговли. В ноябре 2020 года было подписано Соглашение о свободной торговле "Всестороннее региональное экономическое партнерство" (ВРЭП) Китаем и десятью государствами АСЕАН. [13]Данное соглашение еще должны ратифицировать все подписавшие государства и только тогда оно вступит в силу. Очевидно, что ведущая роль Китая в этом крупнейшем экономическом партнерстве в АТР свидетельствует об определении зоны китайского блока на 21 век, однако Центральная Азия является еще одной осью геополитики Китая.

11 мая 2020 года в англоязычной версии китайского издания People"s Daily появилась статья, в которой, была изложена точка зрения на то, как должна строиться медийная политика в рамках китайского инфраструктурного проекта «Один Пояс- Один Путь». Новостная сеть "Пояса и пути" (BRNN) направила открытое письмо 205 средствам массовой информации из 98 стран мира, где четко даны установки для государств реципиентов «Один Пояс-Один Путь». [14] Это звучит не только как манифест об учреждении большого китайского блока с включением очень многих азиатских, африканских и южноевропейских стран, но и как видение китай-

ской модели глобализации. Очевидно, что международные отношения трансформируются в соответствии с формированием новых центров силы, но модель полицентричности 21 века имеет свои особенности. Существует тенденция образования крупных геополитических блоков (трансатлантического-западного, евразийского, китайского- азиатско-тихоокеанского) и не исключено, образование британского блока, состоящего из ее доминионов. Учитывая равноудаленность внешней политики от всех центров силы, Индия, возможно, переформатирует еще одно объединение в блок- южноазиатский на базе СААРК или же, учитывая противоречия в регионе, через ШОС и БРИКС будет более активно усиливать свои позиции в мировой политике.

В условиях, когда государства региона сами готовы к запуску процесса региональной интеграции, Россия и Китай здесь тесно взаимодействуют, а с другой стороны в Центральной Азии проецируется глобальное американо-китайское противостояние, что негативно сказывается на реализации совместных с центральноатскими государствами проектов. Следует отметить, что у Казахстана, Узбекистана, Кыргызстана, Таджикистана все же приоритетным вектором внешней политики остаются центральноазиатский регион, пространство СНГ, а также сотрудничества с членами и партнерами по ШОС. В государствах Центральной Азии получают определенную выгоду от экономических и гуманитарных связей с КНР, однако, новые акторы региона, исходя из собственных национальных интересов нашли некий баланс отношений между Китаем и Россией как в двустороннем формате, так и в рамках ШОС. В Китае есть понимание того, что существуют приоритетные интересы России в постсоветской Центральной Азии и в зоне ответственности ОДКБ. Не существует серьезной конкуренции между Россией и Китаем в Центральной Азии в сфере обеспечения региональной безопасности, так как Поднебесной выгодна система безопасности, созданная в регионе с присутствием России как гаранта сохранения стабильности в неспокойном СУАР КНР. По мере уменьшения вовлеченности США в дела Центральной Азии, видимо, вышеуказанный баланс интересов будет сохранятся.

Между тем, в условиях пандемии все еще острыми остаются угрозы национальной безопасности государств Центральной Азии, исходящие из Афганистана, а также не решенные этнотерриториальные проблемы на таджикско-кыргызской границе. После сокращения американских войск в Афганистане, видимо, длительное время будут сохранятся вызовы региональной стабильности, исходящие из этой страны. В этих условиях в регионах Южной и Центральной Азии нужен новый формат системы безопас-

ности, который бы укрепил сотрудничество государств, расположенных по периметру границ Афганистана (Таджикистан, Узбекистан, Туркменистан, Иран, Пакистан, Китай) и государств имеющих приоритетные интересы в афганском государстве (Россия, США, Индия) – формат 6+3 для координации и объединения усилий для принятия превентивных мер от новых вызовов и угроз современности.

В условиях нарастания новых угроз безопасности, возможно, стоит переориентировать ОДКБ в качестве организации, обеспечивающей комплексную безопасность для сдерживания вызовов гибридных войн. Одна из реальностей, которую обнажила пандемия коронавируса, заключается в том, что безопасность не ограничивается не только военной сферой, но и охватывает виртуальное пространство, информацию, энергетику, промышленность и другую критическую инфраструктуру, систему поставок, а также систему здравоохранения, образования, науки, культуры - все это сферы, где безопасность современных обществ находится под постоянной угрозой. В прошлом ОДКБ несколько раз приспосабливалась к меняющемуся характеру угроз в условиях гибридных войн. ОДКБ должна вновь приспосабливаться, расширяя свое понимание характера угроз и вкладывая средства в инструменты, необходимые для координации политики и действий входящих в него стран по обеспечению безопасности в XXI веке.

Очевидно, что государствам Центральной Азии уже сейчас необходимо внести корректировку в свои национальные стратегии развития с учетом переформатирования мирового порядка и формирования новой экономической системы после пандемии. Проекция мирового кризиса в Центральной Азии показал необходимость наращивания регионального политического, экономического, гуманитарного взаимодействия, ускоренного решения застарелых этнополитических проблем. Объективные предпосылки по-прежнему мотивируют создавать комплексные системы принятия решений и согласовывать позиции стран между собой по целому ряду актуальных проблем регионального развития. Существуют и субъективные причины для продвижения интеграционных инициатив. Отражением возросшего интереса внешних акторов к Центральной Азии, является формирование новых форматов взаимодействия. В частности, мы наблюдаем всплеск интереса к формату «5+1» со стороны многих заинтересованных внешних сил, например, «С5+1» с США, «5+1» с КНР, в 2020 году формируетя формат С5+Россия. В данном формате стали вести консультации Япония - «Япония плюс Центральная Азия», Корея - «Южная Корея плюс страны Центральной Азии. Разработка общей Стратегии Евросоюза в Центральной Азии и даже его участие в министерском диалоге руководителей

внешнеполитических ведомств региона и формирование диалоговой площадки С5+ЕС свидетельствует о возросшей геополитической роли центральноазиатского региона.

Таджикистан всегда стремился поддерживать региональную интеграцию, координировал свои действия с региональными акторами при реализации своей Национальной стратегии - 2030, стремился к разработке согласованной позиции по многим актуальным проблемам регионального развития, а также принимал участие в выработке общих подходов к перспективам развития региона в условиях регионализации и усиления глобализации. Геополитика Таджикистана на XX1 век четко очерчена, выработаны ее механизмы реализации и она эффективно адаптируется к быстрому изменению геополитической динамики Центральной Азии и условиям формирования нового мироустройства.

ЛИТЕРАТУРА

1. Кризис впереди: что ждет экономику Таджикистана после коронавируса //- https://centrasia.org/newsA.php?st=1608638760

2.«Коронакризис» в Центральной Азии: экономические последствия пандемии // https://l.facebook.com/l.php?u=https%3A%2F%2Fcabar.asia%2Fen%2Fthe-corona-crisis-in-central-asia-economic-impact-of-the-pandemic

3. Чоршанбиев П. МВФ назвал антикризисные меры правительства Таджикистана эффективными. А что они сделали? // http://www.toptj.com/News/2020/11/05/mvf-nazval-antikrizisnye-mery-pravitelstva-tadzhikistana-effektivnymi-a-chto-oni-sdelali

4. Кризис впереди: что ждет экономику Таджикистана после коронавируса //- https://centrasia.org/newsA.php?st=1608638760

5. Будущее Центральной Азии определили в стенах ООН // https://ia-centr.ru/publications/budushchee-tsentralnoy-azii-opredelili-v-stenakh-oon/?fbclid=IwAR3u99nlan3Dmg_r13Y27ClphjTDh-bgz7uHSrv1CYqY9xklsuQnpxNOwS4

6. Захватов А.Стратегия – 2030». Где найти деньги на её реализацию? //

https://l.facebook.com/l.php?u=https%3A%2F%2Fwww.dialog.tj%2Fnews%2Fstrategiya-2030-gde-najti-dengi-na-ejo-realizatsiyu%3Ffbclid%3DIwAR3KEaCCErmZaBmQTaUBNNMJpwsJo47CA6H4u6CG ; журнал Иктисодчи №22, (01) январь-февраль, 2019г.

7. Узбекистан направил в Таджикистан медиков для борьбы с коронавирусом //http://infoshos.ru/ru/?idn=24498 ; Гуманитарная помощь: Таджикистан от Казахстана получил 5 тысяч тонн муки //https://l.facebook.

com/l.php?u=http%3A%2F%2Favesta.tj%2F2020%2F05%2F13%2Fgumanitarnaya-pomoshh-tadzhikistan-poluchil-ot-kazahstana-pyat-tonn-tys-muki

8. Иран отправил в Таджикистан 6 тонн медикаментов в качестве гум-помощи //http://www.toptj.com/News/2020/05/12/kitay-prodolzhaet-okazyvat-tadzhikistanu-pomosh-v-borbe-s-koronavirusom ; Китай продолжает оказывать Таджикистану помощь в борьбе с коронавирусом // ИА "Авеста" ;

9. Главы МИД стран СНГ в формате видеоконференции обсудили коронавирус и другие вопросы//http://infoshos.ru/ru/?idn=24522 ;ТАСС: Норов призвал к преодолению конфронтации в борьбе с пандемией и другими вызовами //http://infoshos.ru/ru/?idn=24457

10. Юлдашев А. Глава МИД Таджикистана: COVID-19 создал острую проблему сокращения доходов госбюджета // http://www.toptj.com/News/2020/05/14/glava-mid-tadzhikistana-COVID-19-sozdal-ostruyu-problemu-sokrasheniya-dokhodov-gosbyudzheta

11. Обзор значимых событий Центральной Азии за апрель 2020 //https://l.facebook.com/l.php?u=https%3A%2F%2Fcabar.asia

12.Официальная информация Посольства РФ в РТ //https://www.facebook.com/russianembassyintajikistan/?__cft__[0]=AZXYB4HG_WdcF-X6cInw1soZ0IAC4Zzb5CD97slxVk-zdWFQMB8Ge2A

13. Иванов А. Китай стал сверхдержавой. К нему сбежали даже старые союзники США // https://centrasia.org/newsA.php?st=1605475080

14.Дробницкий Д. Мир будет поделен на постглобальные блоки //https://centrasia.org/newsA.php?st=1589725860

ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ТАШАККУЛЁБИИ ҶАҲОНИ БИСЁРҚУТБА: НАТИҶАИ СОЛИ 2020

МАЙТДИНОВА ГУЗЕЛ,
доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи минтақашиносии хориҷӣ ва сиёсати хориҷии Донишгоҳи Славянии Русия ва Тоҷикистон, директори Маркази тадқиқоти геополитикии ДСРТ, узви пайвастаи Академияи архитектура ва сохтмони Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.Мирзо Турсунзода 30;
тел. 992-93-531-63-33, guzel-maitdinova@mail.ru

Дар мақола рушди Тоҷикистон дар фазои геополитикии Осиёи Марказӣ дар шароити ташаккулёбии ҷаҳони бисёрқутба таҳлил гардидааст. Дар мақолаи мазкур ҳамкории Тоҷикистон бо кишварҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар шароити пандемия таҳқиқ шуда, тамоюлҳои асосӣ дар низоми геополитикии Осиёи Марказӣ муайян карда шуда,

инчунин, таъсири омилҳои берунӣ ва рушди минтақавӣ ва амнияти минтақавӣ таҳлил гаштааст.

Калидкалимаҳо: *Стратегия, ҷаҳони бисёрқутба, ҳамкории байналмилалӣ, низоми блокӣ, пандемия, фазои геополитикӣ, манфиатҳои миллӣ, амнияти минтақавӣ, ҳамгироӣ.*

TAJIKISTAN IN AFORMATION OF THE POLYCENTRIC WORLD: THE 2020 RESULTS

GUZEL MAITDINOVA,
Doctor of Historical Sciences, professor of the Department of the Foreign Regional Studies and Foreign Policy, Russian-Tajik (Slavic) University (RTSU), the Head of the Center of Geopolitical Research at RTSU, the Corresponding Member of the Tajik Academy of Architecture and Urban Planning
Mirzo Tursunzade 30, Dushanbe - 734025, Tajikistan;
tel:. (992) 93-531-63-33, e-mail: guzel-maitdinova@mail.ru

The present paper analyzes the development of Tajikistan in the geopolitical dynamics of Central Asia in a formation of the polycentric world. The research examines the cooperation of Tajikistan with the regional and global actors during the pandemic, defines the main trends in the system of geopolitical location of Central Asia, as well as analyzes the influence of the foreign factors on the regional development and security.

Keywords*: strategy, polycentric world, international cooperation, block system, pandemic, geopolitical dynamics, national interests, regional security, integration.*

УДК: 327

СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ОИД БА КАДРҲО ДАР КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ

ЗОКИРОВ ГУЛМАҲМАД НОЗИМОВИЧ,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи
сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ 17;

НУРИДДИН ПАРВИН РАЙМАЛИХОН,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 89;
тел.: (+992 37) 227-59-80; e–mail:panurama@mail.ru

Дар мақолаи мазкур сиёсати давлатии кадрҳои кишварҳои хориҷӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтааст. Ба ақидаи муаллифон, омӯзиши таҷрибаи амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳои кишварҳои рушдёфта ҷолиб аст ва имкон медиҳад, ки нуқсонҳои ташкилии хизмати давлатии шакли нав ошкор карда шаванд. Аз ин нигоҳ таҷрибаи англосаксонӣ ва аврупоию континенталӣ имкони басандаро барои муқоиса медиҳад. Сарфи назар аз он ки дастгоҳи давлатии Британияи Кабир яке аз куҳнатарин дар Аврупо ва ҳатто дар ҷаҳон мебошад, англисҳо онро мукаммал намешуморанд ва вақт ба вақт онро замонасозӣ мекунанд. Яке аз чунин замонсозии бештар назаррас дар охири солҳои 1960 бо тавсияи Комиссияи лорд Фултон, ки махсус ба ин мақсад ташкил шуда буд, амалӣ гардид. Дар натиҷаи чунин замонасозӣ шароити мусоидтар барои ҷалби одамони нав ба дастгоҳи давлатӣ фароҳам оварда шуд ва ин таъсири мутахассисон–технократҳоро дар он то андозае таҳким бахшид. Ҳамзамон, дар мақола қайд гардидааст, ки низомҳои сиёсӣ, ки аз идеологияи муайян пайравӣ мекунанд ба сиёсати давлатии кадрии мутобиқ ба худ афзалият медиҳанд. Дар натиҷа, метавон дар бораи шаклҳои либералӣ, консервативӣ, консервативии нав, сотсиал–демократӣ ва коммунистии сиёсати давлатии кадрҳо сухан гуфт. Намунаҳои баррасишаванда то андозае ҷанбаи истисноӣ доранд ва дар шакли соф амалан дучор намешаванд.

Калидвожаҳо: *сиёсати давлатии кадрҳо, хизмати давлатӣ, идоракунии давлатӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Британияи Кабир, Аврупо ва ғ.*

Масъалаи сиёсати давлатӣ дар макон ва замони гуногун ба таври доимӣ рӯзмарра буда, таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва коршиносони сиёсиро ба таври ҳамешагӣ ба худ мекашад. Таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои гуногун, махсусан. дар бахши кадрҳо, дарки моҳият ва хусусиятҳои он дар маркази диққат қарор гирифтаанд. Масъалаи мазкур ҳам аҳамияти назариявию методологӣ ва ҳам арзиши бузурги сиёсию амалиро касб менамояд. Аз ин хотир, омӯзиши назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳои кишварҳои пешбари ҷаҳон хеле ҷолиб аст. Он имкон медиҳад, ки хатою иштибоҳҳо ва нуқсониҳои ташкилии хизмати давлатии шакли нав ошкор гарданд.

Дар шароити олами муосир таҷрибаи кишварҳои англосаксонӣ ва европоию континенталӣ имкони бештареро фароҳам меоранд. Сарфи назар аз он ки дастгоҳи идоракунии давлатии Британияи Кабир яке аз куҳнатарин дар Аврупо ва ҳатто дар ҷаҳон ба шумор меравад, англисҳо онро мукаммал намешуморанд. Аз ин ҷост, ки онро ба таври мунтазам такмил медиҳанд. Яке аз чунин ҳолати навсозии бештар назаррас дар охири солҳои 60-уми асри XX бо тавсияи Комиссияи лорд Фултон ба амал омадааст. Дар натиҷа шароити мусоидтар барои ҷалби одамони нав ба дастгоҳи давлатӣ фароҳам оварда шуд. Чунин навсозӣ таъсири мутахассисон–технократҳоро дар низоми идоракунии кишвар то андозае таҳким бахшид. Барои таҳкими омодагии касбӣ ва такмили кадрҳои роҳбарикунанда Коллеҷи хизмати шаҳрвандӣ таъсис доданд.

Ислоҳоти хадамоти давлатии Британияи Кабир, ки аз тарафи ҳукуматҳои М. Тэтчер ва Д. Мейҷор дар солҳои 1980–1990 анҷом гирифт, хислати қатъӣ дошт. Вазифаҳои назораткунанда чӣ дар худи дастгоҳи давлатӣ ва чӣ аз болои он хеле тақвият ёфт ва ба ин мақсад хадамоти қаблан вуҷуддоштаи тафтишотӣ ва хадамоти дигари дорои ҷанбаи ҳуқуқӣ тавсеа дода шуданд, ки мебоист мунтазам идораҳо, агентиҳо ва воҳидҳоро тафтиш намуда, оид ба фаъолияти онҳо хулосаҳои воқеъбинонаи худро пешниҳод намоянд.

Яке аз хусусиятҳои ислоҳоти дастгоҳи давлатиро тиҷоратикунонии он ташкил менамуд. Таҷрибаи пардохти музди меҳнат аз рӯйи самаранокии кори ниҳодҳо ва кормандони онҳо тақвият ёфт. Шартҳои рақобатии хизматрасонӣ дар сохторҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии амалкунанда дар доираи худидоракунии маҳаллӣ ҷорӣ шудан гирифтанд. Дар ҳолатҳои муайян он хосияти маҷбуриро низ касб менамуд.

Тарзи дигари тиҷоратикунонии идоракунии давлатӣ дар шароити Британияи Кабир ворид намудани технологияи идории дар доираи сохторҳои бузурги хусусии дастаҷамъӣ амалишуда мансуб мегардид.

Мудирони ширкатҳои пешбари олам, аз ҷумла ширкати «Марк энд Спенсер», «Юниливер» ва ғайра як силсила пешниҳодотро дар мавриди раванди идоракунӣ таҳия намуданд, ки мебоист услуби ҳукмрони расмию маъмуриро дар дохили хадамоти давлатӣ ба таври назаррас тағйир медоданд.[12] Чунин муносибат на хосияти шаклӣ, балки тарзи моҳиятии муносибатро муқаррар менамуд, зеро ҳадафи асосии навсозиҳоро тағйири муносибатҳо ва натиҷаҳои фаъолият ташкил менамуданд.

Пайванди ин ду омили асосии ислоҳот – *тиҷораткунонӣ* ва *назоратнамоии махсус* – ягонагии таркибӣ ва муассирии ислоҳотро таъмин мекарданд. Усулҳо ва унсурҳои нисбатан қавии он, аз ҷумлаи рақобати солим, пардохт аз рӯйи меҳнат, робитаи мутақобили марказияти идоракунӣ ва мухторият ба тамоми низоми ислоҳот таъсир расонида, ба таври мақсаднок ҳам хадамоти идоракунии давлатӣ ва ҳам шаффофияти ахлоқии маъмуронро такмил доданд. Алҳол дар Британияи Кабир дар низоми идоракунии давлатӣ такя ба ислоҳоти конститутсионӣ мекунанд, ки аллакай ба он шурӯъ намудаанд.[11]

Хадамоти давлатии амрикоӣ аз чунин фаъолиятҳои ниҳодҳои авропоӣ тафовути ҷиддӣ дорад. Маъмурияти рушдёфта дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико баъд аз ташаккул ва рушди идоракунии демократӣ ва таҳкими асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба вуҷуд омадааст. Америкоиҳо салоҳияти ҳокимиятро ба маҷлиси шаҳрвандон ва шахсони интихобшаванда доданд ва дар ибтидо гумон мекарданд, ки бе фаъолияти воҳиди кормандони доимӣ метавон қаноат кард. Аммо бо таассуф мушоҳида карданд, ки ашхоси интихобшаванда ҳам мисли хизматчиёни доимӣ даст ба суиистифода мезананд. Набудани маъмурони касбӣ боиси бенизомӣ ва ҳатто беҳокимиятӣ гардид ва дар натиҷа дар Конститутсия мақоми шахсони таъйиншаванда ба вазифаҳо пайдо шуд.

Дар соли 1829 Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Э. Ҷексон низоми таъйини хизматчиёни давлатӣ аз рӯйи усули «ғанимат – ба ғолиб»–ро ҷорӣ кард. Ин маънои онро дошт, ки намояндагони ҳизби ғолиб, аниқтараш фаъолони маъракаи интихоботӣ, даъвои вазифа мекарданд. Андешаи дигари Э. Ҷексон сода кардани муносибатҳои маъмурӣ то ҳадде буд, ки онро ҳар як шахси бомаълумот иҷро карда тавонад. Бар хилофи хадамоти давлатии аксарияти кишварҳои европоӣ, ин андеша сифати қавии мусбат дорад: яъне самтгирӣ ба шаҳрванд – «мизоҷ», на ба як навъ манфиатҳои олии давлат. Ин махсусияти хадамоти давлатии амрикоиро муайян мекард.

Дар таҳкими низоми идоракунии давлатии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико санади Пендлтон нақши муҳим бозидааст. Он «Дар бораи хадамоти

шаҳрвандӣ» буда, соли 1883 қабул гардидааст ва сароғози хадамоти давлатии муосир мансуб мегардад. Тавассути он дар раванди идоракунии сиёсии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико хусусиятҳои гуногуне ворид намуданд, ки ба принсипҳо ва меъёрҳои мушаххас такя менамуданд. Аз ҷумла, тавассути он низоми ягонаи вазифаҳо, маҳдуд гардонидани ҳолатҳои протексионизм дар вақти таъини вазифаҳо ва муносибатҳои байниҳамдигарии маъмурони давлатӣ, тартиби ташкили музди меҳнат ва имтиҳони такмили ихтисос супоридани хизматчиёни давлатӣ ва ғайраро ҷорӣ намуданд.

Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико В. Вилсон низ дар ислоҳоти хадамоти давлатии америкоӣ саҳми шоиста гузошт. Он дар бисёр мавридҳо аз М. Вебер пешӣ ҷуст ва заминаи назариявии намунаи муносиби хизмати идоракуниро барои замони оянда гузошт. Чунин аломатҳо, аз қабили ягонагии идоракунӣ, мартабаи аниқ, касбият ва назораткунӣ аз тарафи тарроҳони низоми сиёсати кадрӣ иқтибос карда шуданд. В. Вилсон нисбат ба М. Вебер дар масъалаҳои тақсими сиёсат ва идоракунӣ бештар мавқеи консервативӣ дошт. Ӯ ба касбияти зиёди хизмати давлатӣ исрор намуда, мулоҳизаҳои «Қонуни Пендлтон»-ро рушд дод ва чунин мешуморид, ки байни онҳо марзгузорӣ кардан мушкил аст.

«Қонуни Ҳэтч», ки соли 1939 қабул шуд, «Қонуни Пендлтон»-ро дастгирӣ кард ва фаъолияти сиёсии хизматчиёни давлатӣ ва паёмади формулаи ҷексонии «ғанимат – барои ғолиб»-ро маҳдуд кард. Ин қонун ҳадафи худро дар маҳдуд кардани ҳолатҳои гуногуни фасод, таъсиррасонӣ ба таъини интихобкунандагон ба воситаи ниҳодҳои ҳукуматӣ, роҳ надодан ба имконоти сӯистифода аз мансаби хизматӣ дар доираи манфиатҳои шахсӣ мешинохт.

Бояд қайд кард, ки тамоюли пешбари даҳсолаҳои охири сиёсати кадрҳои америкоӣ «ғайрисиёсӣ» кардани хизмати давлатӣ мебошад. Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Р. Никсон низ рӯҳияи зиддимаъмурӣ дошт. Ҷ. Картер, ки ҷойгузини Р. Никсон шуд, талош мекард назорати сиёсӣ бар маъмурияти давлатиро тавсеа бахшад. Ӯ самти афзалиятноки сиёсати худро модернизатсияи босуръати маъмурияти федералӣ мешуморид, ки дар соли 1978 бо қабули «Қонун дар бораи хизмати шаҳрвандӣ» ва татбиқи он анҷом ёфт.[10]

Дар мубориза бо маъмурияти идоракунӣ президент Р. Рейган бо қатъият амал мекард. Ӯ тағрибаи санҷиши бевоситаи номзад ба мансаби давлатиро муқаррар намуд. Меъёри асосиро содиқ будани номзад ба сиёсати ӯ ташкил менамуд. Президент Ҷ. Буш бошад нисбат ба номзадҳо ба вазифаи хизматӣ беэътинотар буд. Б. Клинтон андешаи танқиди маъмуриятро тарафдорӣ карда, шиори «Ҳукумате, ки камшумортар бошад, вале кори бештарро анҷом

диҳад»-ро ба миён гузошт. Чунин ҳолатҳо ва андешаҳо хосиятҳои муҳимтарини маъмурияти Амрикоро дар замони муайян ташкил менамоянд.

Дастгоҳи давлатии амрикоӣ тайи солҳои охир хеле тағйир ёфтааст. Шаҳрвандон аз андозпардози ғайрифаъол ба мизоҷони фаъол – истифодабарандагони хизматрасонии хадамоти давлатӣ табдил ёфтанд. Андешаҳои Р. Рейган ва М. Тэтчер дар бораи муносибати хизмати давлатӣ ва мизоҷ чун муносибати бозорӣ, ки тақрибан дар як замон дар Амрико ва Англия амалӣ мешуданд, самараи худро доданд. [9]

Аз соли 1979 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико хадамоти роҳбарони олирутба ба кори худ оғоз кард. Ин хадамот бояд захираи устувори кадриро барои таъйиноти сиёсӣ таъмин мекард ва сифати кормандони маъмуриро баланд бардошта, идоракунии кормандонро ҳамоҳанг месохт. [7]

Самти умумии хадамоти давлатии Британияи Кабир ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо шаклу усулҳои фаъолият аз рӯйи усулҳои бозорӣ, ғайританзимкунӣ ва хусусигардонӣ сурат мегирифт.

Дар кишварҳои рушдёфта усули асосии тарҳрезӣ ва таъсиси хадамоти давлатӣ иборат аз тақсимбандии вазифаҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои дақиқи уҳдадориҳои мансабдорони ҳар як сатҳ ва тақсимбандии талабот нисбат ба онҳо мебошад. Пешравии зина ба зинаи корманд дар мансаби давлатӣ бо рушди касбият, маълумотнокӣ ва хизмати арзандааш вобаста аст. Масалан, дар сохторҳои давлатии Олмон 16 мартаба барои мутахассисон қабул шудааст (А1–А16). [4.] Мутобиқи мазмуни хизмати давлатӣ ва ҷанбаи фаъолияти мутахассис вазифаи ишғолкардаи онҳо ба чор сатҳ ҷудо карда мешавад:

— сатҳи аввал кормандонеро муттаҳид месозад, ки вазифаҳои одиро иҷро мекунанд. Онҳо номарасонҳо, ёварони мансабдорон ва ғайра мебошанд. Барои кормандони ин сатҳ вазифаи мушаххас ва музди меҳнат аз рӯйи категорияи аз А1 то А5 муқаррар карда мешавад;

— сатҳи миёна полисҳо, ёрирасонҳои ҳукуматӣ ва дигар мутахассисонро дар бар мегирад. Кормандони ин гурӯҳ бояд таълимоти умумии даҳсоларо азбар карда бошанд ва омодагии дусола барои хизматро гузаранд. Пас аз ин онҳо метавонанд вазифа гиранд, ки ба мартабаи аз А6 то А9 дахл дорад;

— сатҳи баландро комиссарҳои полис, бозрасонҳои молиявӣ ва ҳукуматӣ, ки бояд маълумоти умумии дувоздаҳсола дошта, омӯзиши махсуси сесоларо гузаранд, ҳамчунин собиқаи кори тайёрии се соларо дошта бошанд, ташкил медиҳанд. Ин сатҳ мартабаи аз А10 то А13–ро дар бар мегирад;

— мартабаи олии вазифавӣ маълумоти олӣ ва гузаштан аз тайёрӣ ба хизматро талаб менамояд. Мутахассисони ин сатҳ то қабули онҳо ба кори

доимӣ бояд аз муҳлати санҷишии 2–3 сола гузаранд. Ба онҳо, масалан, мутахассисони пешбари вазоратҳо ва идораҳо дохил мешаванд. Кормандони ин гурӯҳ ба хизмат аз рӯйи мартабаи олии аз А14 то А16 қабул карда мешаванд.

Барои ҳайати роҳбарикунандаи сохторҳои давлатӣ феҳристи махсуси мартаба амал мекунад (В1–В11). Масалан, барои сардори *(мудири)* шуъбаи магистрати шаҳрӣ мартабаи В5 амал мекунад.

Шарти ҳатмӣ барои номзад ба вазифаи маъмурӣ (ба ғайр аз сиёсӣ) супоридани имтиҳони дахлдор, гузаштан аз озмун ва аттестатсияи ҳарсола мебошад. Барои интихоби номзадҳо ба мансаби давлатӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Британияи Кабир, Ҷопон ва баъзе кишварҳои дигар бо усули тестӣ, имтиҳони хаттӣ ва мусоҳиба ба кор гирифта мешаванд.

Мақомоти махсуси новобаста аз манфиатҳои тангназаронаи сиёсӣ ва идоравӣ номзадҳо ба вазифаҳои маъмурӣ ва пешрафти онҳо аз рӯйи хизматро назорат мекунанд. Вазифаи Саридораи кадрҳо назорат бар риояи усули хизмат ва амалӣ намудани роҳбарии умумӣ ба кадрҳои тамоми дастгоҳи федералӣ мебошад. Дар сохтори Директорати тафтишоти ҷиноятии Бюрои федералии тафтишоти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико шуъбаи махсус вуҷуд дорад, ки санҷиши номзадҳоро ташкил медиҳад ва дархостро ба маҳалли истиқомат, таҳсил ва кор мефиристад. Дархост барои ашхосе, ки хизмати ҳарбиро анҷом медиҳанд, ба бойгонии ҳарбӣ фиристода мешавад. Кормандони Қасри Сафед супоришро барои санҷиши махсуси номзадҳо барои кор дар муассисаҳои ҳукуматии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико омода менамоянд ва онро ирсол месозанд. Бюрои федералии тафтишот санҷишро анҷом медиҳад, ки натиҷаи он ба интихоби кадрҳо таъсир мерасонад.

Ҳадафи чунин тафтиш таъмини маъмурияти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо иттилооти комил ва воқеъбинона дар бораи эътимоднокӣ (садоқат ба сохти иҷтимоӣ), эътибор ва робитаҳо, хусусиятҳои хислати номзад ба вазифа дар муассисаҳои ҳукуматӣ мебошад. Дар ҷараёни тафтиш хусусиятҳо ва меъёрҳои зерин ба эътибор гирифта мешаванд:

— вазъи моддии номзад;
— иштирок дар равандҳои шаҳрвандӣ;
— сабаби озод шудан аз вазифаи пешин;
— робита бо намояндагони дигар кишварҳо;
— салоҳиятнокӣ ва касбият;
— тамоми ҳолатҳои ихтилофнок дар соҳаи бизнес;
— хулосаи табибон–равоншиносон дар бораи номзад;
— маълумот дар бораи суистифода аз вазифа;
— одат ва рафторҳои ношоиста.

Дар ҷараёни тафтиши номзадҳо ба мансабҳои роҳбарикунанда дар Қасри Сафед на камтар аз 35 нафар, аз ҷумлаи ҳар гуна шиносҳо, ки метавонанд дар бораи садоқат, хусусиятҳои хислат ва эътибори номзад изҳори назар намоянд, пурсида мешаванд, барои номзадҳо ба дастгоҳи кормандони Қасри Сафед на камтар аз 20 нафар мавриди назарсанҷӣ қарор мегиранд. [20]

Дар аксари кишварҳои рушдёфта фаъолияти дастгоҳи давлатӣ ба воситаи қонун дар бораи хизмати давлатӣ танзим мешавад. Қонуни мазкур тартиби таҳияи хизмати давлатӣ, салоҳият ва вазифаҳои онро муқаррар менамояд. Дар он актори асосӣ – маъмури давлатӣ мақоми хоссаро касб намуда, салоҳият, вазифаҳо ва уҳдадориҳои вай муайян мегарданд.

Қарор дар бораи нигоҳдории ниҳоди мансабдории касбӣ дар Қонуни асосии Олмон дарҷ шудааст. Мутобиқи он, аз мансабдори давлатӣ хизмат ва иҷрои масъулият ба манфиати шаҳрванд талаб карда мешавад ва давлат бояд чунин хизматро пурра таъмин намояд. Қонун тамоми ҷиҳатҳои фаъолияти ҳаётии хизматчиёни федералӣ: ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо, тартиботи таъин шудан ба мансаб, додани мартаба, пешрафт аз рӯйи хизматро танзим менамояд. [4]

Дар қонун талаботи муайян нисбат ба мансабдори давлатӣ шаклбандӣ шудааст:

—дар иҷрои масъалаҳои ба ӯ супоридашуда салоҳиятнок бошад;

—боинтизом бошад;

—фақат ба иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ машғул шавад;

—мартабаи хизматиро риоя намояд;

—мутобиқи вазифаи худ музд гирад;

—мунтазам дар хизмат пешрафт намояд.

Зимни бакоргирии чунин усулҳои умумӣ дар ҳар як кишвар, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъала дар он аст, ки сатҳи бакоргирии онҳо чӣ гуна аст.

Вазифаҳои худро дастгоҳи мансабдорони касбӣ фақат дар шароити таъминоти муносиби ҳуқуқӣ ва моддӣ иҷро карда метавонад. Ба ҷумлаи усулҳои анъанавии тартиби дастгоҳи мансабдорони давлатӣ усули хизмати тамоми умр ва усули таъмин аз ҳисоби давлат дохил мешаванд.

Дар кишварҳои рушдёфта қонунҳо ба усули бетарафии сиёсӣ нисбат ба хизматчиёни касбии давлатӣ самтгирӣ мешаванд. Аммо баъзан таъйин ба мансаби маъмурӣ бе озмуни маъмулӣ бо роҳи таъйини бевосита аз тарафи роҳбари ҳокимияти иҷроия сурат мегирад. Шумораи вазифаҳое, ки аз тарафи намояндагони ҳизби ғолиб пур мешаванд маъмулан маҳдуд аст. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ин тақрибан ҳар чорумини вазифаҳо дар

радаҳои олии дастгоҳи давлатӣ мебошад. Категорияи «С» (си) – яъне шумораи мансабдорони сиёсӣ, ки аз тарафи президент таъйин мешаванд, тахминан 3 ҳазор нафар мебошанд.[5] Дақиқан маҳдуд кардани вазифаи хизматчиёни касбӣ ва сиёсӣ барои ҳимояи кормандони касбӣ аз таъсири манфии сиёсати ҳизбӣ ва таъмини суботи рушди касбӣ зарур аст.

Раванди тайёр кардани элитаи идоракунанда дар кишварҳои рушдёфта интихоби дақиқи шумораи ками номзадҳоро дар назар дорад. Ба ин ҳайсияти хизмати олии давлатӣ ва рақобати ҷиддӣ байни хатмкунандагони беҳтарин муассисаҳои таҳсилоти олӣ мусоидат мекунад. Масалан, дар Англия 250–300 нафар ҳамасола дар барномаи тайёр кардани номзадҳо ба мансабҳои олӣ иштирок мекунанд ва фақат баъзе аз онҳо аз тамоми санҷишҳо мегузаранд. Дар ҷараёни таълим таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди қобилияти таҳлилӣ, малакаи қабули қарорҳои идоракунанда дар ташкилотҳои калон, маҳорати тарҳрезии стратегияи ҳалли масъалаҳои амалӣ зоҳир карда мешавад, на ба доштани дониши махсуси назариявӣ.

Маъмулан, дар кишварҳои пешрафта нисбат барои ишғоли вазифаҳо дар зинаҳои олии хизмати давлатӣ қоидаҳои умумӣ вуҷуд надоранд. Мутобиқи талаботи ҳукумат ҷобаҷогузории кадрҳо дар зинаи боло озодтар амалӣ мешавад.

Ба ташаккули ахлоқи элитарӣ дар ин табақа нақши муҳими намояндагони хадамоти олии давлатӣ дар танзими равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳайсият ва мақоми баланди ахлоқӣ, ҳамчунин низоми интихоб ва тайёр кардани кадрҳо мусоидат мекунад. Зинаи олии хизматчиёни давлатӣ аз коррупсия ва тақсимоти ҳизбӣ нисбатан озоданд ва аксаран чун танзимгари субот ва мавзунияти идоракунии давлатӣ дар вазъияти ҳассоси сиёсӣ хизмат мекунанд.

Истифодаи самараноки таҷрибаи кишварҳои мутамаддин барои натиҷагирӣ дар мавриди рӯйоварӣ ба таҷрибаи таърихии хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун яке аз боарзиштарин манбаъҳо, ҳамчунин муроҷиат ба таҷрибаи хориҷии ислоҳоти идоракунии маъмурӣ асос медиҳад ва бо кумаки он, дар сурати истифодаи эҷодкорона, метавон самти ислоҳоти хизмати давлатиро такмил ва таҳким бахшид.

Асоси таъсиси шакли нави ниҳодҳои сиёсати давлатии кадрҳоро арзиши рушди ҷамъиятӣ, шакли муосири муносибатҳои субъектҳои иҷтимоӣ дар давлат ва ҷомеа, равияи нави идоракунии иҷтимоӣ ташкил медиҳанд. Таҳқиқи муқоисавӣ ва таърихии таҷрибаи давраи советӣ ва таҷрибаи кишварҳои дигар маводи фаровонро ҷиҳати тарҳрезии муосир ва амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳо пеш мегузоранд. Дар натиҷаи таҳлил мо

метавонем дар бораи се намунаи гуногуни ташкилии хизмати давлатӣ ва сиёсати давлатии кадрҳо ибрози андешан намоем:

— автократӣ, ки бештар дар шароити ҷомеаи табақотӣ–подшоҳӣ зоҳир мешавад. Дар он усулҳои асосӣ бо самтгирӣ ба ҳайсияту нуфузи ҳоким *(подшоҳ)*, ҳукмфармоии арбоби давлатӣ алоқаманданд;

— идеократӣ, ки дар он нақши пешбарро на усулҳои умумишаҳрвандӣ ва ҳуқуқи инсон, балки муносибати синфӣ, миллӣ ва шохавӣ бозӣ мекунанд;

— демократӣ, яъне муносибати яксон ба тамоми шаҳрвандон ва ба арзишҳои ҳуқуқ ва озодии инсон ва риояи усулҳои маъмурияти оқилона дар идоракунии давлатӣ ва самтгирии низоми ҳокимият асосёфта.

Бо дарназардошти хусусиятҳои давлатдории кунунии Тоҷикистон ва тағйири муносибатҳои иҷтимоӣ, барои таъсиси хадамоти муассири Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр ниҳодҳои сиёсати давлатии кадрҳои кишварҳои таҳқиқшударо бомуваффақият истифода намудан мумкин аст.

Мутаассифона, бояд қайд кард, ки сиёсати давлатии кадрҳо дар марҳалаи муосир аз нигоҳи ҳаҷми талаботи ниҳодӣ, сатҳи таъмини ҳуқуқӣ ва коркарди ҳуқуқии санадҳои қабулшаванда, ҳамчунин аз лиҳози ҳаҷми фаъолияти қонунэҷодкунӣ ва феҳристи ниҳодҳои хизмати давлатӣ, ки бояд аз рӯйи усулҳои меъёрӣ танзим шаванд, аз асоси меъёрии ҳуқуқии давлатҳои муосир хеле ақиб мондааст.

Таҳқиқоти захираҳо ва воситаҳои кадрӣ дар анъанаи таълимоти сиёсӣ ва сиёсатшиносии муосир имкон медиҳад, ки намунаҳои сиёсати давлатии кадрҳоро тақсимбандӣ карда, ба туфайли ин сабабҳои пайдоиш, таҳаввул ва инкишофи онҳо ошкор гарданд. Дар муддати рушди ҷомеаи инсонӣ усулҳои сиёсати давлатии кадрҳо, қабл аз ҳама, аз рӯйи манфиатҳои элитаи ҳукмрон ва сипас, аз рӯйи низом ва вазифаҳои идоракунӣ муайян шудааст. Бинобар ин, асоси бештар эътимодноки тақсимбандии сиёсати давлатии кадрҳо «шакли ҳукмронии сиёсӣ» (ба шарти замонасозии назарияи мазкур бо дарназардошти хусусиятҳои имрӯза) мебошад. Онро дар аввал М. Вебер ҳамаҷониба асоснок намудааст.

Ба ақидаи М. Вебер, низоми хосаи маъмуриро аввалин бор дар давлатҳои анъанавӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Ин доираи мансабдорон, пеш аз ҳама, хизматгорони шахсии хоҷаҳо буданд. «Намунаи анъанавӣ»–и сиёсати давлатии кадрҳо ба муносибати протесионистӣ дар таъйиноти кадрҳо ва қувват гирифтани мансубияти қавмӣ ё ҳамдиёрӣ вобаста аст. Мансубияти табақавӣ, этникӣ ва динию мазҳабӣ низ ба интихоб ва пешрафти мансабдорон таъсир мерасонанд.[3]

М. Вебер ба чунин хосиятҳои низоми идоракуние таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст, ки имкони ба навъ ва шаклҳои мухталиф тақсимбандӣ намудани онҳоро фароҳам меоранд:

а) салоҳияти воқеъбинона ва тақсимоти устувор (ба ҷойи салоҳияти корӣ рақобат байни супоришҳо ва салоҳиятҳои додаи ҳоким сараввал ихтиёрона ва баъдан доимӣ ва ниҳоят, аксар вақт анъанавии қолабӣ ҷой дорад);

б) мартабаи қонунии устувор (аксар вақт номувофиқӣ байни мақоми расмӣ ва ғайрирасмии шахси мансабдор ҷой дорад);

в) аз рӯйи шартномаи озод таъйин кардан ба вазифа ва пешрафт дар хизмат мутобиқи тартиботи муқарраршуда (пешрафт дар хизмат аз ихтиёр ва иродаи хӯҷаин вобаста аст);

г) омӯзиши касбӣ (хӯҷаин номзадро аз рӯйи мансубияташ ба доираи муайян бе тахассус интихоб мекунад);

д) музди кори собит ба пул (масалан, диктатори Конго Мобуту ба мансабдорони худ музд намедод ва зиндагии онҳоро аз ҳисоби пора қонунӣ мекард).

Намунаи анъанавии идоракунии давлат нахустин шакли ҳукмронии сиёсӣ буда, доимо тағйир меёбад, вале моҳиятан аз байн намеравад. Мисоли чунин замонасозии сатҳӣ советикунонии Осиёи Миёна ва Қафқоз шуда метавонад, ки ҳатто дар солҳои "сотсиализми мутараққӣ" мавҷудияти сиёсати кадрҳои анъанавӣ ба таври ниҳонӣ идома меёфт. Пош хӯрдани Иттифоқи Советӣ ва касби истиқлоли ҷумҳуриҳо боиси эҳёи ҳақиқии сиёсати кадрҳои анъанавӣ дар ҷумҳуриҳо гардид.

Шакли дуюми ҳукмронии сиёсиро М. Вебер ҳокимияти харизматикӣ, яъне ба як навъи сифатҳои олӣ асосёфта, ки ба шахсият нисбат медиҳанд, шуморидаааст. Сарфи назар аз таносуби мантиқии муайянкардаи М. Вебер дар доираи тақсимбандии муосир, ӯ низ ба низоми модерникунонӣ ниёз дорад.

Намунаи сеюми идоракунии давлатиро ҳамчун навъи ҳимоятӣ тақсимбандӣ намудан мумкин аст. Чунки пешво ё мансабдори олирутба, ки дастаро аз рӯйи усули садоқати шахсӣ интихоб менамояд, на ҳама вақт аз тарафи атрофиёни худ шахси харизматикӣ *(пешво)* шинохта мешавад. Дар ин намуна интихоби мансабдорон аз ҷумлаи шахсоне ба амал меояд, ки садоқати шахсӣ дар ҷойи аввал қарор мегирад.

Унсурҳои сиёсати кадрҳои ҳимоятиро дар доираи ҳар гуна низоми сиёсӣ мушоҳида кардан мумкин аст, аммо бо таносуб ва андозаи гуногун. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико амалияи ҳимоятӣ фақат нисбат ба ёрдамчиёни наздик, мушовирон ва котибот иҷозат дода мешавад. Асоси иҷтимоии чунин шакли интихоби кадрҳо дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз манбаъҳои зерин ташаккул меёбад: «уҳдадории сиёсӣ, таҷрибаи фаъолияти муштараки ҳизбию сиёсӣ; наздикии муқаррароти идеологӣ; касбият ва дӯстии шахсӣ».[6]

Шакли чоруми ҳокимияти сиёсиро М. Вебер ҳамчун низоми легитимият (эътибор ва эътирофи иҷтимоӣ) муайян кардааст. Ин намунаи сиёсати давлатии кадрҳо чунин тавсиф мешавад:

— мавҷуд набудани азхудкунии шахсии ҷойи хизмат;

— хизмати корманд аз рӯйи шартнома ба асоси интихоби озод аз рӯйи тахассус ва касбият ва сатҳи маълумот, ки санадҳои маълумотнокӣ тасдиқ менамоянд;

— интихоби номзадҳо ба вазифа тавассути озмун ва шакли дигари имтиҳон сурат мегирад;

— пешрафт ба «зинаҳои боло» аз рӯйи муҳлати хизмат ё муваффақият дар кор ба амал меояд;

— интизоми қатъӣ ва назорати доимию ҷиддӣ;

— хизмат аз рӯйи меъёрҳо ва қоидаҳои техникӣ, ки барои истифодаи онҳо шахс бояд касбияти зарурӣ дошта бошад.

Ба намунаҳои сиёсати легитимии кадрҳо инҳо дохил мешаванд: лаёқатмандӣ, низоми хизмат, интихобӣ ва низоми номенклатурии интихоби кадрҳо. Низоми хизмат ё лаёқатмандӣ, ё «гилдеӣ» интихоби кадрҳоро ба мансабҳои болотар аз табақаҳои поёни ҷомеа ба амал бароварда, пешрафти зина ба зина ба мансабҳои болотар, ҳамчунин «сатҳи баланди ниҳодсозии раванди интихобро» дар назар дорад. Нақши меъёрро, яъне талабот барои ишғоли вазифаро метавонанд мансубияти ҳизбӣ, синну сол, собиқаи корӣ, хислатномаи додаи роҳбарият ва ғайра бозӣ кунанд. [14]

Намунаи интихобии амалӣ намудани сиёсати кадрии давлатиро мавҷудияти доираи васеи интихобкунандагонро ташкил менамояд. Он метавонад тамоми интихобкунандагони округи ҳудудӣ, минтақа ва ҳатто кишварро дарбар гирад, ки бо шаффофияти зиёди равандҳои кадрӣ тавсиф мешавад. Чунин шуморида мешавад, ки низоми интихобӣ бештар ба низоми сиёсии демократӣ мутобиқат дорад, аммо усули хизматии интихоби кадрҳо асоси сиёсати давлатии кадрҳоро дар мақомоти маъмурии бисёр давлатҳои демократӣ ташкил медиҳад. Дар айни замон, набояд дар мавриди сатҳи шаффофияти низоми интихобӣ муболиға кард. Имрӯз рушди арзиши маъракаи интихоботӣ чунин аст, ки дар бораи иштироки мустақилонаи намояндагони табақаи поёни ҷомеа ва ҳатто табақаҳои миёна дар интихобот сухан гуфтан нашояд. Дастгирии номзад аз тарафи ин ё он сохтори тиҷоратӣ, ширкатҳои тиҷоратию саноати бузург ҳамчун ниҳодҳои бонуфуз, маъмулан, дар сарнавишти сиёсатмадор ва ё хизматчии сатҳи олии давлатӣ нақши муайянкунанда мебозад.

Тамоюли ҷаҳонии тақвияти саҳми тиҷорати калон дар якҷоягӣ бо саноати бузург боиси пешрафти намунаи дигар, яъне намунаи «қонунӣ»–и сиёсати давлатии кадрҳо дар шароити муосири сиёсӣ гардидааст. Ин намуна аз бозсозии

сиёсат бо усули PR–мудири тиҷорат – сохтор, аз ҷумла истифодаи баъзе воситаҳои идоракунии равандҳои кадрӣ, ба шумул аутсорсинги [1] кадрӣ иборат мебошад. [2] Усули кирояи якумрӣ, кафолати иҷтимоӣ ва ахлоқи иттиҳодиявии хизматӣ ҷойи худро ба шуғли маъмулии шартномавӣ медиҳад, ки хосси сохторҳои тиҷоратӣ мебошад.

Ҳамчунин, ба натиҷагирӣ дар бораи ҷоиз набудани тақсимбандии сиёсати давлатии кадрҳо аз рӯйи меъёри самтгирии сиёсию идеологии он расидем. Масалан, намунаи интихобии кадрҳо бештар ба идеологияи либералӣ мутобиқат дорад, намунаи ҳимоятӣ ба консерватизм, лаёқатмандӣ ба идеологияи сотсиал–демократӣ, таъйинотӣ ба идеологияи коммунистӣ ва легитимӣ ба неоконсерватизм бештар мутобиқ аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки системаҳои сиёсӣ, ки аз идеологияи муайян пайравӣ мекунанд, ба сиёсати давлатии кадрии мутобиқ ба худ афзалият медиҳанд. Дар натиҷа, метавон дар бораи шаклҳои либералӣ ва ё неолибералӣ, консервативӣ, неоконсерватӣ, сотсиал–демократӣ ва коммунистии сиёсати давлатии кадрҳо сухан гуфт.

Намунаҳои баррасишаванда то андозае ҷанбаи истисноӣ доранд ва дар шакли соф амалан дучор намешаванд. Ҳамчунин, бисёр чиз аз хусусиятҳои инкишофи минтақавӣ ва рушди глобалии акторҳои асосӣ вобастаанд. Дар Иттифоқи Аврупо ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико метавон омехтаи намунаҳои лаёқатмандӣ ва интихобии сиёсати кадрӣ мушоҳида гарданд. Дар Ҷумҳурии Мардумии Чин намунаи ҳимоятӣ–лаёқатмандӣ ва дар Федератсияи Русия намунаи ҳимоятии сиёсати давлатии кадрҳо амал мекунанд. Ҳамчунин бояд таъкид кард, ки барои намунаҳои сиёсати давлатии кадрҳои ривоҷёфта дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Иттиҳоди Аврупо ва Федератсияи Руссия тақвияти тадриҷии хусусиятҳои намунаи легитимӣ хос аст.

АДАБИЁТ

1. Аутсорсинг — яистифодаи манбаи беруна дар хориҷи кишвар.

2. Василенко Л. А. Аутсорсинг–инновационная кадровая технология государственной службы [текст] / Л. А. Василенко. — М. : Наука, 2007. — С. 59.

3. Вебер М. Хозяйство и общество [текст] / М. Вебер [манбаи электронӣ] URL : http://www.i-.ru/biblio/archive/unknoun_type_of_having/?search=%c2%e5%e1%f0#st (санаи муроҷиат: 5.05.2018).

4. Волгин А. П. Управление персоналом в условиях рыночной экономики (опыт ФРГ) [текст] / А. П. Волгин. — М. : Дело, 1992. — С. 38–40, 40–43.

5. Загладин Н. В. Государственная служба в США : современное состояние [текст] / Н. В. Загладин // Государственная служба в Российской Федерации: концепция, опыт, проблемы. — М., 1993. — С. 103.

6. Лазарев М. В. Проверка политической лояльности кадров на государственные должности [текст] / М. В. Лазарев // ЧиновникЪ. — 2003. — № 2. — С. 36.

7. Лобанов В. В. Служба высших руководителей в США [текст] / В. В. Лобанов // Государство и право. — 1996. — № 6. — С. 131–139.

8. Нуриддинов Р. Ш., Нуриддинов П. Р. Хадамоти дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ. Китоби дарсӣ [матн] / Р. Ш. Нуриддинов, П. Р. Нуриддинов. — Душанбе: «ЭР-граф», 2018. — С. 104-107.

9. Оболонский А. В. Эволюция государственной службы в Великобритании [текст] / А. В. Оболонский // Государство и право. — 1996. — № 6. — С. 121–130.

10.Организация управления и требования к гражданской службе в США // Вестник государственной службы, 1992. — №4. — С. 57.

11.Перегудов С. П. Великобритания после выборов 1997 г. : обычная смена власти или прорыв в XXI век? [текст] / С. П. Перегудов // Мировая экономика и международные отношения. — 1998. — № 3. — С. 74–89.

12.Перегудов С. П. Тэтчер и тетчэризм [текст] / С. П. Перегудов. — М. : Наука, 1996. — С. 134–136.

13.Полднев К. Ю. Социальная сущность государственной кадровой политики в органах власти и управления : дис. … канд. социол. наук. [текст] / К. Ю. Полднев. — М.: РАГС, 2004. — С. 24.

14.Пугачёв В. П. Введение в политологию [текст] / В. П. Пугачёв, А. И. Соловьёв. — М. : Аспект-Пресс, 2003. — С. 149.

15.Сулемов В. А. О социальной природе и целеустремленности государственной кадровой политики [текст] / В. А. Сулемов // Государственная кадровая политика: проблемы формирования и реализации: материалы «Круглого стола». — М., Сыктывкар, 2001. — С. 16–17.

16.Турчинов А. И. Профессионализация и кадровая политика: проблемы развития теории и практики. [текст] / А. И. Турчинов. — М. : Крафт+, 1998. — С. 82.

17.Турчинов А. И. Человек в социальной политике государства и организации // Управление персоналом. [текст] / А. И. Турчинов. — М.: Крафт+, 2002. — Гл. 1. — С. 25.

18. Управление персоналом в условиях социальной рыночной экономики [текст] / под. ред. Р. Марра и Г. Шмидта. — М. : «Сова», 1997. — С. 5.

19. Управление персоналом : Энциклопедический словарь [текст] / под ред. проф. А. Я. Кибанова. — М. : Ладомир, 1998. — С. 344.

20. Чтоб комар носа не подточил. Процедура проверки кандидатов на высшие посты в администрации США // Независимая газ. — 1992. — 27 нояб.

21. Энциклопедический словарь работника кадровой службы [текст] / под общ. ред. В. М Анисимова. — М. : «Сова», 1999. — С. 92.

ГОСУДАРСТВЕННАЯ КАДРОВАЯ ПОЛИТИКА В ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАНАХ

ЗОКИРОВ ГУЛМАХМАД НОЗИМОВИЧ,
профессор кафедры политологии Таджикского
национального университета
734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.

НУРИДДИН ПАРВИН РАЙМАЛИХОН,
кандидат политических наук, доцент
734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел.: (+992 37) 227-59-80; e–mail:panurama@mail.ru

В данной статье сделано компаративистский анализ государственной кадровой политики зарубежных стран. По мнения авторов, изучение опыта реализации государственной кадровой политики развитых стран весьма показательно и позволяет выявить недостатки организации государственной службы нового типа. В этом плане англосаксонский европейский и континентальный опыт дают достаточно вариативное поле для сопоставлений. Несмотря на то, что государственный аппарат Великобритании — один из старейших в Европе, да и во всем мире, англичане отнюдь не считают, что он является верхом совершенства, и время от времени осуществляют его более или менее далеко идущую модернизацию. Одна из наиболее значительных таких модернизаций была проведена в конце 1960-х годов по рекомендации специально созданной для выработки соответствующих предложений Комиссии лорда Фултона. В ходе этой модернизации были созданы более благоприятные условия для притока новых людей в государственный аппарат, это несколько укрепило в нем влияние специалистов-технократов. Одновременно в статье отмечается, что политические режимы, разделяющие определённую идеологию, отдают предпочтение соответствующему ей типу государственной кадровой политики, вплоть до принуждения к её принятию своих политических сателлитов. В результате можно говорить о либеральном, консервативном, неконсервативном, социал-демократическом и коммунистическом типах государственной кадровой политики. Рассмотренные модели во многом носят абстрактный характер и в чистом виде практически не встречаются.

Ключевые слова: *государственная кадровая политика, государственная служба, государственная управления, Соединенные Штаты Америки, Великобритания, Европа и т.д.*

STATE PERSONNEL POLICY IN FOREIGN COUNTRIES

ZOKIROV GULMAHMAD NOZIMOVICH,
professor of the Department of political sciences Tajik national university.
17, Rudaki Avenue, Dushanbe, Tajikistan, 734025.

NURIDDIN PARVIN RAIMALIKHON,
candidate of political science, associate professor.
734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 89;
tel.: (+992 37) 227-59-80; e–mail:panurama@mail.ru

The article gives a comparative analysis of state staffing policy of the countries On the authors opinions, studying of experience of realization of the state policy of developed countries is very significant and allows us to identify the shortcomings of the public service of the new type. In this regard, the Anglo-Saxon and continental European experience provide a fairly variable field for comparison. Despite the fact that the state apparatus of Great Britain is one of the oldest in Europe, and in the whole world, the British do not believe that it is the height of perfection, and from time to time they carry out its more or less far — reaching modernization. One of the most significant such modernizations was carried out in the late 1960s on the recommendation of the Lord Fulton Commission, which was specially created to develop relevant proposals. In the course of this modernization, more favorable conditions were created for the influx of new people into the state apparatus, which somewhat strengthened the influence of technocrat specialists in it. At the same time, the article notes that political regimes that share a certain ideology give preference to the corresponding type of state personnel policy, up to the point of forcing their political satellites to adopt it. As a result, we can talk about liberal, conservative, neoconservative, social-democratic and communist types of state personnel policy. The considered models are largely abstract in nature and practically do not occur in their pure form.

Keywords: *state personnel policy, public service, public administration, United States of America, Great Britain, Europe etc.*

УДК:316.75

НАҚШИ РАМЗҲОИ СИЁСӢ ДАР ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСӢ ВА ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ

МУҲАММАД САЪДӢ АБДУРАҲМОН,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, сардори кафедраи фаннҳои ҷамъиятии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон
734024, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Мастонгулов 3;
тел.: 992 904-19-69-60; e-mail: mahmadov.2014@mail.ru

Дар мақола, раванди татбиқкунонии рамзҳои сиёсӣ вобаста ба ташаккули худшиносии миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст, ки муаллиф онро дар доираи илмҳои сиёсӣ яке аз масъалаҳои муҳими таҳқиқотӣ мешуморад. Маълум аст, ки дар такмилу дигаргуниҳои аломату нишонаҳо, ормонҳои мардум ва кишвар ҳамеша ба назар гирифта мешуданд. Аз ин рӯ, рамзҳои сиёсӣ дар бисёр ҳолатҳо омили асосии ташаккулдиҳандаи худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ мегардиданд. Дар айни ҳол, ба тавассути рамзҳо арзишҳои муҳимми давлатдорӣ ба одамон фаҳмонида мешавад ва рамзҳо, бемуҳобот, дар вуҷуди шаҳрвандони кишвар ҳисси худшиносиву худогоҳиро бедор месозанд.

Ҳамзамон, мавриди қайд аст, ки то ҳанӯз мавқеи манфии рамзҳои сиёсӣ дар инқилобу тазоҳурот ва «инқилобҳои ранга» аз назари пажӯҳишгарони илмҳои сиёсӣ дур мондааст. Маҳз ба воситаи рамзҳои сиёсӣ ҳисси худшиносии мардум баланд гашта, ҳувияти миллӣ ташаккул меёбад. Яъне рамзҳои сиёсӣ кумак менамоянд, то одамон арзишҳои миллиро дурусттар дарк намоянд ва дар рушду инкишофи ҳувияти миллӣ саҳм дошта бошанд.

Калидвожаҳо: *рамзҳои сиёсӣ, худшиносӣ, ҳувияти миллӣ, давлатҳои тозаистиқлол, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Осиёи Марказӣ, субъектҳои сиёсат, парчам, конститутсия, нишон, суруди миллӣ.*

Дарвоқеъ, баланд бардоштани ҳисси худшиносӣ тавассути рамзҳои сиёсӣ аҳаммияти бисёр муҳим дорад.

Бояд қайд намуд, масъалаи худшиносӣ ва ҳуввияти миллӣ бештар таваҷҷуҳи ҳар як фарди худогоҳи миллатро ба худ ҷалб месозад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо ба масъалаи худшиносиву худогоҳӣ ва ҳувияти миллӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, мардуми кишварро ба дарки истилоҳи «бедориву ҳуввияти миллӣ ва зиракии сиёсиву таҳаммулпазирӣ» ҷалб месозанд [4].

Бояд тазаккур дод, ки имрӯзҳо ин масъала ҳар фарди ҷомеаро водор менамояд, ки ҷанбаҳои гуногуни ташаккули худшиносӣ ва ҳувияти миллиро мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор диҳад. Аз ин рӯ, мо низ тасмим гирифтем, раванди татбиққунонии рамзҳои сиёсӣ вобаста ба ташаккули худшиносии миллӣ дар замони соҳибистиқлолиро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор диҳем, зеро ба андешаи мо мавзӯи мазкур дар доираи илмҳои сиёсӣ яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқотӣ ба шумор меравад.

Рамзҳои сиёсӣ дар раванди дигаргуниҳои ҷомеа мавқеи худро на танҳо ба ҳодисаҳои бавуқӯъомадаи гурӯҳҳои алоҳида, балки ба ҷараёни сиёсати давлат низ мутобиқ намуда, шаҳрвандонро барои баланд бардоштани ҳисси миллӣ ва пешрафти давлату миллат сафарбар менамоянд. Дар баробари ин, ҳимояи арзишҳои миллӣ ва дар маҷмӯъ, рамзҳои сиёсӣ бояд аз ҷониби дигар миллату халқиятҳое, ки дар Тоҷикистон умр ба сар мебаранд, низ ҳамчун муқаддасоти миллӣ шуморида шаванд ва арҷгузорӣ гарданд. Маънои асосии тарбияи миллӣ тарбияи шаҳрвандони кишвар аст, ки бевосита ба сиёсати миллӣ вобастагӣ дорад ва дар ин раванд нақши рамзҳои сиёсӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Бояд гуфт, ки дар аксари давлатҳои пасошӯравӣ баъди ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ мақому мартабаи рамзҳои сиёсӣ хеле афзоиш ёфтанд. Олимону муҳаққиқони илмҳои ҷомеашиносӣ бештар кӯшиш намуданд, ки дар ин раванд нақши рамзҳои сиёсӣ ва ҷойгоҳи онҳоро бо такя ба қарору қонунҳои марбута ва сиёсати пешгирифтаи давлат мутобиқ намоянд. Нақши тарбияи миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ барои дарки муқаддасоти миллӣ, худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ хеле арзишманд буда, барои пешрафти миллати хеш дар пояи манфиатҳои миллӣ ҷой дорад.

Файласуфи машҳури рус Н.А. Бердяев вобаста ба масъалаи худшиносӣ чунин навиштааст: «Юнониён ибтидои фалсафаро дар худшиносӣ дида буданд» ва идомаи фикраш чунин аст: «Шахси ман як воқеияти таҳияшуда нест, ман худ шахси худро дар он ҳангоме ҳам, ки ба шинохтани худ машғул ҳастам, меофаринам» [1, 316].

Мавриди қайд аст, ки мақсаду вазифаҳои ниҳоии рамзҳои сиёсӣ гуногун буда, дар ташаккули инсони комил ва ба даст овардани муваффақиятҳо ва ё дар амал тасдиқ намудани мақсадҳои дарпешистода хизмат менамоянд.

Ба воситаи рамзҳо арзишҳои миллӣ дар тафаккур ва зеҳни шаҳрвандон ҷой мегиранд. Эҳтиром гузоштан ба рамзҳои сиёсӣ худ як навъ худшиносии миллӣ буда, вазифаи шаҳрвандии ҳар як нафар мебошад. Яке аз рамзҳои муҳими сиёсӣ, ки инъикоскунандаи ҳувияти миллии тоҷикон аст, Парчами давлатӣ мебошад.

Дар парчами ҳар давлат нишонаҳои муҳиму арзишманди фарҳанги ҳар миллат ва роҳи таърихии тайкардаи ӯ таҷассум меёбанд. Ҳанӯз аз замонҳои қадим дар рӯйи парчами мо рангу рамзҳои мухталиф тасвир карда мешуд, ки онҳо ифодагари миллати муборизу тавоно ва худогоҳу худшинос будани тоҷикон буданд. Дар замони Куруши Кабир тасвири уқоб дар парчам нишонаи қудрату тавоноӣ дониста мешуд ва ҳанӯз аз он замонҳо парчам рамзи як давлати неруманду устувор ба ҳисоб мерафт. Ливои Коваи оҳангар нишони возеҳи матонату ҷасорат ва ҷоннисориҳои халқи тоҷик арзёбӣ мегардад.

Ниёгони мо тӯли ҳазорсолаҳо зери ливои хеш саф кашида, ватану миллат, номусу озодӣ, забону фарҳанг ва марзу буми аҷдодиро ҳимоя кардаанд. Ҳувияти миллии ягонаро ташаккул дода, давлати худро ҳифз намудаанд. Парчам ҳамчун рамзи давлат ба ифтихори дастоварду пирӯзиҳои фарзандони фарзонаи миллат дар майдонҳои варзишӣ баробари садо додани Суруди миллӣ барафрохта мешавад. Боиси ифтихору сарфарозист, ки имрӯз дар пешгоҳи бинои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ Парчами Тоҷикистон партавафшонӣ мекунад.

Арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, аз ҷумла ба Парчами давлатӣ, рамзи худшиносии миллӣ ва ҳувияти миллӣ аст. Ҷашн гирифтани Рӯзи Парчами давлатӣ ба хотири эҳтиром ва бузургдошти миллат, ба хотири онҳоест, ки барои ҳимояи нангу номус ва марзу буми ин кишвар ҷоннисорӣ намуда, забон, фарҳанг ва ҳуқуқи давлатдории ин миллати куҳанбунёдро ҳифз намуда, бегазанд то ба замони мо расонидаанд. Яъне ин эҳтиром ба рӯҳу равони ниёгон ва садҳову ҳазорон абармардони гузаштаи тоҷик аст. Ин ҷашн ҳар фарди баномуси кишварро бори дигар ба ифтихору сарфарозӣ аз давлату давлатдорӣ, таҳкими истиқлолияти миллӣ, ҳифзи дастовардҳои он ва саъю талоши ҳамешагӣ барои ободию озодии кишвар ҳидоят месозад. Муҳаббат ва садоқат ба Парчами давлатии Тоҷикистон ифодагари ҳақиқии эътиқоду имон ба миллат, давлат, сарзамин, тамаддуну фарҳанг ва тамоми арзишҳои миллии халқи тоҷик мебошад. Имрӯз Парчами миллии мо чун рангинкамон болои сари мо парафшон аст. Парчам низ ба мисли Нишону Суруди миллӣ барои боло рафтани ҳисси худшиносии мардум ва ташаккули ҳувияти ягонаи миллӣ воситаи муҳим маҳсуб мешавад.

Бояд гуфт, ки худшиносӣ, қабл аз ҳама, ин хештаншиносӣ ва дарк намудани арзишҳои миллӣ, бунёди ҳувият ва озодӣ мебошад, ки аз ҳама шаҳрвандони кишвар доштани ҳисси миллиро тақозо менамояд. Дарвоқеъ, ҳисси ватандорӣ нишонаи музаффариятҳои ҳувияти хоси миллӣ мебошад, ки новобаста ба дигар равандхои ҷомеа меҳру муҳаббатро нисбат ба Ватан

пос медоранд. Шояд дар як марҳилаи таърихӣ бузургтарин дастоварди миллату халқиятҳо чунин буд, ки онҳо кишварҳояшонро бо номи миллати бумӣ нигоҳ дошта тавонистанд. Яъне нахуст ғояи миллӣ сарҷамъ шудан дар атрофи як миллат ё қавмест, ки нишонаҳои асосии миллат дар он таҷассум гаштааст. Ба андешаи мо, Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз нахустин ва муҳимтарин ғояи миллии тоҷикистониён аст, ки барои рушди он камари хидмат бояд баст. Ба ибораи дигар, андешаҳо перомуни ғояи миллӣ барои рушди ҷомеаи мо боз дигар ғояҳои нави созандаеро ба миён меоранд, ки боиси пешравии кишвар хоҳанд гашт.

Дар баробари нишон, артиш ва пули миллӣ парчам низ яке аз муқаддасоти миллӣ ва рукнҳои давлатдорист. Парчам баёнгари хусусият, ифшогари ниёзҳо ва инъикоскунандаи сарватҳои маънавию моддии миллат аст. Парчам дар тӯли садсолаҳои зиёд мояи ифтихору ғурури гузаштагони мо буда, дар қатори рамзу аркони давлатдории онҳо мақому манзалати арзишманде доштааст. Вақте ки ба таърихи гузаштаи халқамон назар меандозем, возеҳ мебинем, ки ниёгонамон дар зери Парчам саф кашида, барои ҳимояи марзу буми хеш чӣ ҷонбозиҳо кардаанд. Аз ин рӯ, эҳтиром ва арҷ гузоштан ба парчам маънои эҳтирому арҷгузорӣ ба арзишҳои деринаи таърихӣ ва фарҳангиву маънавии миллӣ ва гузашта аз ин, эҳтироми миллат ва давлату давлатдорӣ мебошад, зеро Парчам дар баробари Конститутсия, Нишон ва Суруди Миллӣ, аз ҷумлаи муқаддасоти милливу давлатӣ маҳсуб мешавад.

Парчами давлатӣ барои мо – тоҷикон нишонаи бақои давлат, ваҳдату ягонагӣ, ҳувияти миллӣ ва беҳтарин василаи тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи ифтихор аз давлатдории миллӣ ва ҳифзи арзишҳои таъриху фарҳанги халқамон мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як фарди ҷомеа, бахусус, насли ояндасози миллат, бояд аз Парчами миллии худ ифтихор намояд ва эҳтироми онро ҳамчун рамзи пойдории давлату миллат ба ҷо оварад.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дӯстиву бародарии ҳамаи миллатҳои он ба шумор меравад. Ин рамзи давлатӣ шаҳрвандонро ба зиндагии ором, сулҳу осоиш ва талош ба хотири ҳаёти арзанда, рушду нумӯи ҳаматарафа ва соҳибихтиёрию соҳибдавлатӣ сафарбар менамояд[5].

Барои баланд бароштани ҳисси худшиносӣ, ташаккули ҳувияти миллӣ, ғояи ягонаи миллӣ рамзҳои сиёсӣ аҳаммияти бисёр муҳим доранд. Ғояи миллӣ падидаи оламшумул буда, ҳувият як рукни асоси он мебошад. Ғояи миллии комил бошад, иқтидори миллатро пурзӯр намуда, роҳҳои фароҳам овардани мақсадҳои миллиро возеҳу равшан карда метавонад. Бо дарназардошти хусусиятҳои биосотсиологии гурӯҳҳои этникӣ ҳувияти миллӣ ин зуҳуротест, ки ба ирратсионализми ғояи миллӣ сару кор дорад. Агар инсон

ба ҳукми ақлу дониш дар ин самт амал карда тавонад, пас ин амал афзалияти идеяи миллӣ ба ҳисоб меравад. Ғояи миллӣ ҳамчун зуҳуроти фарогир бояд ба давлат ва тамоми шаҳрвандони он тааллуқ дошта бошад. Ба ибораи дигар, фаҳмиши муосири миллат бояд шаҳрванд бошад, ки идеяи миллӣ хоси вай аст. Далел он аст, ки идеяи миллӣ бо раванди давлатсозӣ ва ниҳодигардонии муносибатҳои миллӣ дар робитаи зич қарор дорад.

Таҳлили конститутсияҳои давлатҳои алоҳида нишон медиҳад, ки истифодаи мафҳумҳои калидии ифодакунандаи ғояи миллӣ ба таври гуногун истифода шудаанд. Аз ҷумла, мафҳумҳои арзишҳои миллӣ, манфиатҳои миллӣ, худшиносии миллӣ, озодӣ, манфиатҳои ҳаётан муҳими миллӣ, фарҳанги миллӣ, ахлоқи миллӣ, ватандӯстӣ, истиқлоли миллӣ, амнияти миллӣ ва монанди инҳо. Мафҳумҳои мазкур барои устувории ғояи миллӣ замина гузошта, ҳувияти миллиро ҳаматарафа тақвият дода метавонанд.

Яке аз рамзҳои муҳиме, ки дар нишони давлатии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, тоҷ (кулоҳ) мебошад. Кулоҳ нишонаи нажодӣ ва этноними ориёиҳо ба ҳисоб меравад.

Кулоҳ дар ақоиди ориёиҳо аз мақоми хос бархӯрдор буд. Кулоҳи нӯкборики қавмҳои ориёии саҳронавард (тиграхуд) ва тоҷи шоҳон, шоҳзодагон, аъёну ашроф, мубадони зардуштия, моликони шаҳру вилоятҳои ориёӣ ва ғайра нишонаи этникӣ, шаҳомат ва салобати ин нажод ба шумор мераванд [6,13].

Ҳанӯз дар асри V пеш аз милод падари таърих, муаррихи юнони қадим Ҳеродот навишта буд, ки ҳамаи саккоиҳо (скифҳо) кулоҳи нӯгборик доранд.

Ба ақидаи муҳаққиқ Мирошина дар нақшҳои кулоҳи скифҳо ба сурати ҳатмӣ мазмунҳои вобаста ба ҳайвонот (гавазн, нарғум, бузи кӯҳӣ, парандаҳо), наботот (рустаниҳои хӯшадор, ғунчагулҳо, гули нилуфар ва ғайра) ва нақшкошӣ (доира) вуҷуд доранд. Масалан, дар кулоҳҳои аз гӯристонҳои қадимаи скифӣ пайдошуда ороиш аз тиллобарг бо расмҳои гавазн, нарм, бузи кӯҳӣ, паранда, асп, хӯшаи гандуму ҷав, гули нилуфар. дарахти ҳаёт, нақшҳои шабеҳи офтоб тасвир ёфтаанд [3].

Фарра нишонаи бузургию тавоноӣ ва ҷузъи рамзии кулоҳи ориёӣ мебошад. Фарра ҳамчун рамзи тоҷи шоҳони ориёӣ дорои мазмуни мазҳабии мураккаб буд. Масалан, дар кулоҳи шоҳони сакоӣ ба шакли одам–паранда, аспи шохдор, бузи кӯҳӣ, сару гардани парандаи бо бадани нарғум тасвир шудаанд. Дар баъзе кулоҳҳо сари асп, сари бузи кӯҳӣ ва паранда дар ҳолати парвоз болои ҳам акс ёфтаанд. Нӯги тези кулоҳ бо паранда рамзи пайвастан бо Худованд ва мансубият ба фарр, ба олами боло маҳсуб мешуд.

Дар Каёняшт, ки яке аз қадимтарин бахшҳои “Авесто” мебошад, одатан, аз ду ҷавҳари илоҳӣ – зиндагӣ ва фарр ёд мешавад. Яке фарри ориёиён – Апуапет Хуагепо ва дигаре фарри Кавӣ – Кауаепет Хуагепо. Дар баъзе маврид ҳар ду фарр якҷоя низ омадаанд. Фарри ориёиён ба маънои шукӯҳу ҳашмат, давлату савлат буда, ақлу хирад ва донишу илмро низ ифода мекунад. Фарри Каёниён мутааллиқ ба бузургону шоҳон ва покони ориёӣ мебошад [6,27].

Фарра дар сиккаҳои кушонӣ эзади мустақил буда, нигаҳбони давлати ин сулола ба ҳисоб мерафт. Фарра ба шакли боша дар тоҷи шоҳони дудмонҳои гуногун, аз ҷумла Хоразмиён, Сосониён ва Ҳайтолиён тасвир шудааст. Акси паранда дар ороиши тахти шоҳони ориёинажод як суннати маъмулӣ буд. Дар байни тоҷикон афсонаи бози давлат машҳур аст. Аз бози давлат дар сурати набудани вориси тоҷу тахт истифода мешуд, бозро дар маҷлиси умум парвоз медоданд ва он дар сари ҳар касе менишаст, ӯро ба подшоҳӣ мепазируфтанд [6,28].

Тоҷикон воқеан, мардуми куҳанбунёд ва озодипараст буда, барояшон истиқлоли сиёсӣ бузургтарин арзишест, ки ба он ифтихори беҳамто доранд. Истиқлол ин асоси давлатдориест, ки солиёни дароз миллати тоҷик онро интизорӣ мекашид. Бинобар ин, дигар ҳеҷ як қувваи носолим ва пастию баландиҳои ҳаёти иҷтимоӣ наметавонанд, ки ин ғояи бузурги миллии моро халалдор намоянд. Истиқлол дурнамои рушди миллату кишвари мо ва ояндаи дурахшони ин сарзамин аст.

Пажӯҳишҳо собит намудаанд, ки инсонҳо дар раванди рушду такомули хеш дар тӯли ҳазорон сол аз фард ба хонавода, қабила, қавм ва билохира, ба марҳалаи миллат ё давлат-миллат расидаанд. Дар чунин давлат миллат ба як сатҳи андешаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ баромада, моҳияти қавмию фарҳангии худро аз даст медиҳад. Миллатҳо ба таври механикӣ сохта намешаванд ва бо мурури замон ва тағйири шароит метавонанд мустаҳкам ва ё заифу нотавон гарданд.

Муҳимтарин унсур ва ё омил дар ин миён давлати миллӣ аст, яъне давлате, ки бар асоси иродаи озоди мардум ба вуҷуд омада, адолати иҷтимоӣ, яъне шароитҳои баробари рушду инкишофро барои ҳамаи шаҳрвандони кишвар фароҳам месозад. Дар чунин давлат тафаккур ва эҳсоси шаҳрвандӣ низ рушду инкишоф намуда, заминаҳои хуберо барои эҷоди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати миллӣ фароҳам меоварад. Фақат дар чунин ҷомеае, ки ҷой барои вобастагиҳои қавмӣ, маҳалгароӣ ва ғайра дар байни давлат ва ҷомеа боқӣ намондааст, заминаҳои воқеии айнӣ ва зеҳнӣ барои эҷод ва истеҳкоми ваҳдати миллӣ таъмин мегарданд.

Бояд дар хотир дошт, ки бо ба вуҷуд овардани давлати миллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ метавон шароити комилро барои эҷоди истиқлоли миллӣ фароҳам сохт, вале бо он ҳам охирин насли пойдор, давомдор ва такмилкунандаи раванди истиқлоли миллӣ метавонад фақат “довталабӣ” бошад.

Истиқлоли миллӣ падидаи созандаест, ки маҳсули тафаккур ва ақлу хиради солим буда, инъикосгари пирӯзии рӯшноӣ бар зулмот, некӣ бар бадӣ ва мушаххасан, пирӯзии ақл бар ҳиссиёт мебошад. Инро мо дар мисоли истиқлоли миллии бисёр кишварҳои узви ИДМ дида метавонем. Дар ин масъала метавон омилҳоеро номбар кард, ки барои ба даст овардани истиқлоли миллӣ мусоидат намудаанд. Ба сифати яке аз омилҳо вазъи иҷтимою сиёсии Тоҷикистони тозаистиқлол, тамоми давлатҳои собиқ Шӯравӣ ва умуман ҷаҳонро метавон арзёбӣ кард. Дарвоқеъ, он шабу рӯз барои миллати тоҷик масъалаи ҳаёту мамот ҳаллу фасл мешуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки самараи истиқлоли бадастомада на танҳо сулҳу оромӣ дар қаламрави Тоҷикистон, балки ташаккулу ҳувияти миллӣ ва побарҷо мондани як давлати соҳибистиқлол дар арсаи ҷаҳонӣ аст. Барои ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон мутамарказонидани неруи ҳаракату ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон, СММ ва дигар давлатҳою ташкилотҳои байналмилалӣ ба хотири расидан ба як ҳадаф ва эҳтирому эътирофи як арзиши воқеан ҳам наҷиби инсонӣ сурат гирифт. Дар ин давра муносибатҳои қувваҳои сиёсӣ аз амалиёти ҷангӣ ба мизи муколама ва баъд ба раванди барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон интиқол ёфтанд.

Истиқрори сулҳу салоҳ баъди воқеаҳои нангини Тоҷикистони азизамон яке аз дастовардҳои бузургтарини миллати тоҷик дар қарни XX-ум ба шумор меравад. Махсусан, ба имзо расидани Созишномаи, умумии сулҳ ба хотири ризояти миллӣ, ки 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Маскав бо унвони «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» сурат гирифта буд, барои ваҳдати миллӣ заминаи боэътимоде гузошт. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тақвияти сулҳу салоҳ ва муътадил гардонидани вазъият дар кишвар ба бисёр масъалаҳое рӯ овард, ки ба сатҳи зиндагии мардум таъсири мусбат расониданд. Яке аз ин масъалаҳо тақсими замин ба аҳолӣ мебошад, ки дар беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум нақши муассир бозид.

Пойдории истиқлоли миллӣ бештар ба он вобаста аст, ки то кадом андоза ин истиқлолиятро барои бунёдкорию созандагӣ метавон истифода кард ва чи гуна ҳувияти миллиро бояд эҷод намуд.

Ҳамдигарфаҳмии бадастомада, назар ба манфиатҳои ахлоқию динӣ бештар ба манфиатҳои прагматикӣ асос ёфта, метавонад ба инкишофи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ такони бузург бахшад. Дар натиҷа таҳаммулпазирии ҷомеа нисбат ба барномаҳои идеологии аҳзобу ҷунбишҳои гуногун мақоми баландтару бартариятдошта пайдо намуда, ин тамоюлот маҳдудкунӣ ва коҳиши ҳуқуқҳои сиёсии аъзои ҷомеаро аз ҷониби ҳизбҳо, гурӯҳҳо ва давлатҳои алоҳида беоқибат мегардонад.

Бидуни муболиға, метавон гуфт, ки оғози муваффақиятҳои ҳозираи ҷомеаи Тоҷикистон маҳз ба истиқлол ва ризояти миллӣ вобаста мебошад. Ҳамаи ин ба беш аз пеш дарк намудани манфиатҳои миллӣ ва тақвияти тамоюлоти ҳимоя ва таҳкими Тоҷикистони соҳибистиқлол ва суботи он оварда расонд. Ва имрӯз шаҳрвандони мо барои ободию пешрафти кишварамон талош менамоянд.

Маълум аст, ки Тоҷикистон дар қатори дигар кишварҳо пайваста ҷонибдори соҳибистиқлолӣ, амният ва субот дар Осиёи Марказӣ мебошад. Хусусиятҳои минтақа, мавқеи геополитикии Осиёи Марказӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар сурати ба амал омадани нооромиҳо дар минтақа он метавонад яке аз нишондиҳандаҳои бесуботӣ дар минтақаҳои дигар гардад. Бояд қайд кард, ки дар Осиёи Марказӣ тақрибан сад миллион одамон ба гурӯҳҳои гуногуни этникӣ ва мазҳабӣ мансубанд ва мавқеи рамзҳои сиёсӣ дар ташаккули худшиносӣ ва ҳувияти миллии онҳо ҷойгоҳи худро дорад.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ субъектҳои сиёсати байналмилалӣ бевосита манфиатҳои миллии худро доранд, ки метавонанд ба манфиатҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон ё инчунин, манфиатҳои шарикони дигар мувофиқат кунанд ё не. Албатта, на танҳо Тоҷикистон дар ташаккули худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ ҳадафҳои геополитикии худро дорад, балки дигар субъектҳои минтақа низ вуҷуд дорад ва ин далел барои онҳо низ дар ин раванд имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, тамоми хусусиятҳои муносибатҳои Тоҷикистон дар ташаккули давлатдории миллӣ дар робита бо ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷониба тақозо менамояд, ки барои рушду инкишофи давлатдорӣ дар минтақа манфиатҳои аввалиндараҷаи хешро ҳимоя карда тавонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳимояи манфиатҳои миллӣ ҳамчун кишвари соҳибистиқлол бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ – Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Конфронси Исломӣ, Иттиҳоди Аврупо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди Иқтисодии Авру Осиё ва Созмони Ҳамкории Шанхай ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ мондааст. Чунин ҳамкориҳои

судманд ҷомеаи ҷаҳониро бо сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд муаррифӣ мекунад. Пас аз ба даст овардани истиқлол ва соҳибихтиёрии кишварҳои Осиёи Марказӣ, нақш ва мавқеи рамзҳои сиёсӣ дар ташаккули худшиносӣ ва ҳувияти миллии ин кишварҳо низ дигар пайдо намуд. Муносибати давлату шаҳрвандони ин кишварҳо маънои нав пайдо намуда, дар рушду дигаргуниҳои равандҳои сиёсии нав тағйиротҳои куллӣ ба миён омад. Дар аксарияти кишварҳои Осиёи Марказӣ тағйироти гуногун дар рамзҳои сиёсии ин давлатҳо ба вуқӯъ пайвастанд. Тамоми рамзҳои асосии сиёсии парчам, нишон, суруди миллӣ, пули миллӣ, артиш ва ғайра ба куллӣ тағйир дода шуда, таваҷҷуҳи мардум ба худшиносию худогоҳӣ ва ҳувиятсозӣ равона гардиданд. Чунин муносибатҳо бо татбиқи сиёсати дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва дахолат накардан ба корҳои дохилии ҳамдигар то ҷое мусоидат менамуд. Аммо дар баъзе кишварҳои ҳамсоя раванди азхуд намудани ғановати таърихӣ ва дигар моҷароҳои нуҳуфта ба майдон омад, ки як андоза ба раванди давлатсозӣ таъсири манфӣ бахшид.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки агар давлати Руссия сиёсати худро дар ин кишварҳо дуруст ба роҳ монда метавонист, ҳалли осоиштаи тамоми масъалаҳои баҳсталаб, аз ҷумла масъалаҳои таърихӣ, фарҳангӣ, сарҳадӣ ва обӣ-энергетикӣ ба тавассути муколама ва гуфтушунидҳо дар асоси эътимоди тарафҳои манфиатдор ва эътирофи усули баробарӣ ва тақсимнопазирии амният дар минтақа бояд ҳалли худро ҳамон замон пайдо мекарданд. Аммо, мутаассифона, ин кишвар низ сару калобаи худро гум карда, барои бартараф кардани нооромиҳои зиёде, ки дар собиқ минтақаҳои Иттиҳоди Шӯравӣ рух дода буданд, ёрӣ расонида наметавонист. Ин марҳалае ба ҳисоб мерафт, ки аксари мардумони ин кишварҳоро ба истиқлол ҳидоят менамуд.

Зиёиёни аксари мамлакатҳои пасошӯравӣ ба чанд гурӯҳ тақсим шуда, муборизаҳои гуногуни сиёсию фарҳангиро пеша менамуданд. Сафи миллатгароён низ меафзуд. Баҳсу мунозираҳо вобаста ба атрибутҳои давлат, шакл, намуд ва ранги онҳо қариб ки дар аксари ин давлатҳои тозаистиқлол авҷ мегирифт. Аммо, дар маҷмӯъ, ин раванде буд, ки дар он мардум ба бедории сиёсӣ рӯ оварда буданд. Новобаста ба камбудиву норасоиҳои иқтисодӣ раванди худшиносию худогоҳӣ ва ҳувиятсозӣ дар ин кишварҳо хеле боло гирифта буд. Рамзҳои сиёсии мардумони ин кишварҳо дар ташаккули давлатдории миллии онҳо нақши бориз доштанд.

Имрӯзҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ вобаста ба манфиатҳои миллии худ, ҷумҳуриҳо кӯшиш мекунанд, ки самтҳои асосии сиёсати фарҳангии худро устувор намоянд. Аллакай он равандҳои ташаккулёбӣ суръати худро

пасттар намуда, ин давлатҳои миллӣ тамоми атрибутҳои давлатдории хешро муайян намудаанд. Яъне дар фазои АвруОсиё, аз ҷумла дар Тоҷикистон системаи, нави муносибатҳои байналмилалӣ ба вуҷуд омадааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон замони соҳибистиқлолӣ ба майдони созандагию бунёдкорӣ табдил дода шуд. Новобаста ба оне ки ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ панҷ сол давом кард, шаҳрвандони кишвари мо бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишварро аз ҳолати садамавӣ ба оромию ватансозӣ бароварда тавонистанд. Дар ин раванд нақши аломату рамзҳои сиёсӣ низ дар ташаккули худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ мақоми худро доштанд.

АДАБИЁТ

1. Бердяев Н. А. Самопознание. -Москва,1991.
2. Қонуни ҶТ «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». (АМОҶТ с. 2007, №5, мод. 362; с. 2009, №9-10. мод. 551; с.2011, №3, м.162; №6, м.451;с.2016,№11, мод.892)
3. Мирошина Н.В. Некоторые типы скифских женских головных уборов 4-3 вв. до н.э.- СА, 1981 №4- С. 52-53.
4. Самадова Дилбар. Пешвои миллат ва худшиносии миллӣ// https://www.hgu.tj/news/post/peshvoi-millat-va-khudshinosii-millii.html
5. Холбойзода Неъматулло. Парчами давлатии Тоҷикистон рамзи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.// https://www.parlament.tj/news/661-parchami-davlatii-to-ikiston-ramzi-isti-loliyati-davlatii-um-urii-to-ikiston-meboshad- 20 ноябри 2020
6. Ю. Якубшоҳ. Таърихи пайдоиши этноним ва забони тоҷик.-Душанбе, 2018.

РОЛЬ ПОЛИТИЧЕСКИХ СИМВОЛОВ В ФОРМИРОВАНИИ САМОПОЗНАНИЯ И НАЦИОНАЛЬНОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ

МУХАММАД САЪДИ АБДУРАХМОН,
кандидат политических наук, доцент, заведующий кафедры общественных дисциплин Академии Министерства внутренних дел Республики Таджикистан
734024, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мастонгулова 3;
тел.: 992 904196960; e-mail: mahmadov.2014@mail.ru

В статье анализируется и исследуется процесс применения политических символов, связанных с формированием национальной идентичности в период независимости, что автор считает одним из важнейших исследовательских вопросов в области политологии. Понятно, что при совершенствовании и преобразовании знаков и символов всегда учитывались чаяния народа и страны. Поэтому политические символы во многих случаях становились ключевым фактором формирования самопознании и национальной идентичности. При этом важные ценности государства разъясняются народу через символы, а символы, без сомнения, пробуждают чувство самопознания у граждан страны.

В то же время следует отметить, что негативное положение политических символов в революциях, демонстрациях и «цветных революциях» еще не изучено политологами в полной мере. Именно через политические символы усиливается чувство самопознании людей и формируется национальная идентичность. Другими словами, политические символы помогают людям лучше понять национальные ценности и способствуют развитию национальной идентичности.

Ключевые слова: *политические символы, самопознание, национальная идентичность, новые независимые государства, Республика Таджикистан, Центральная Азия, субъекты политики, фалаг, конституция, герб, государственный гимн.*

THE ROLE OF POLITICAL SYMBOLS IN THE FORMATION OF SELF-COGNITION AND NATIONAL IDENTITY

MUHAMMAD SADI ABDURAHMON,
Candidate of political sciences, associate professor,
Head of the department of social sciences of the Academy of the
Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan
734024, Tajikistan, Dushanbe city, st. Mastongulova 3;
tel.: 992 904196960; e-mail: mahmadov.2014@mail.ru,

The article analyzes and investigates the process of applying political symbols associated with the formation of national identity in the period of independence, which the author considers one of the most important research issues in the field of political science. It is clear that when improving and transforming signs and symbols, the aspirations of the people and the country were always taken into account. Therefore, political symbols in many cases became a key factor in the formation of self-cognition and national identity. At the same time, the important

values of the state are explained to the people through symbols, and symbols, no doubt, awaken a sense of self-cognition and self-awareness among the citizens of the country.

At the same time, it should be noted that the negative position of political symbols in revolutions, demonstrations and "color revolutions" has not yet been fully studied by political scientists. It is through political symbols that people's sense of self-cognition is strengthened and national identity is formed. In other words, political symbols help people better understand national values and contribute to the development of national identity.

Keywords: *political symbols, self-cognition, national identity, new independent states, Republic of Tajikistan, Central Asia, subjects of politics, flag, constitution, coat of arms, national anthem.*

УДК 327.88; 32.019.51

ШИНОХТИ ТАҲДИДҲО ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРПАЗИРИИ РАВАНДҲОИ СИЁСӢ

САФАРАЛИЗОДА ХУҶАМУРОД ҚУДДУСӢ,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, докторанти кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: +992 98- 812-73- 83; e-mail: quddusov@mail.ru

Шинохти таҳдидҳо, дарк намудани оқибатхои ногувори онҳо ва муайян карда тавонистани сарчашмаҳои пайдоиши падидаҳои мазкур яке аз омилҳои баланд бардоштани самаранокии таъмини амнияти миллӣ маҳсуб меёбанд. Дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар баробари давлату ҳукумат инчунин, шаҳрвандони кишвар ва қишрҳои гуногуни ҷомеа низ бояд дар мавриди шинохти таҳдидҳо дониш ва тасаввуроти зарурӣ дошта бошанд. Зеро ҷангҳои иттилоотӣ ва ҳуҷумҳои иттилоотию психологӣ дар ҳолати баръакс метавонанд ба афкори ҷамъиятӣ таъсири манфӣ расонанд. Гарчанде таҳдидҳо аз ҷониби олимони гуногун омӯхта шуда бошанд ҳам, ба масъалаи шинохти таҳдидҳо он қадар таваҷҷуҳи зиёд дода нашудааст. Ҳамзамон, дар шароити муосир табиати таҳдидҳо низ ба дигаргунии ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуда истодаанд. Масалан солҳои қаблӣ субъекти таҳдид мақсади худро ба таври ошкоро эълон менамуд, аммо дар замони муосир вай кӯшиш менамояд, ки мақсадҳои худро пинҳонӣ анҷом диҳад. Бо дарназардошти чунин вазъ омӯзиши ин масъала дар шароити муосир хеле муҳим гардидааст. Дар алоқамандӣ бо ин, дар мақолаи мазкур мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додани роҳу усулҳои шинохти таҳдидҳо мақсади ин тадқиқотро ташкил медиҳад. Омӯзиши ин масъала нишон дод, ки шинохти таҳдидҳо аз дониш, таҷриба ва иттилооти саривақтӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, субъекти амният метавонад мавҷудияти таҳдидро эҳсос накунад (агар дар бораи табиати ин гуна таҳдидҳо иттилоти зарурӣ надошта бошад) ва ҳамзамон метавонад таҳдидҳои дар оянда пайдошавандаро пешгӯӣ намояд (агар дониш ва таҷрибаи кофӣ дошта бошад). Таҳқиқоти мазкур барои муайян намудани тафовутҳои байниҳамдигарии таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ аҳамиятнок мебошад. Инчунин, маводи таҳқиқот барои асоснок намудани

зарурияти ташаккули зиракии сиёсии шаҳрвандон, муайян намудани субъектҳои таҳдидҳои эҳтимолӣ ва дарк намудани сарчашмаҳои таҳдидҳои воқеӣ муҳим мебошанд.

Калидвожаҳо: *таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ, субъекти таҳдид, шинохти таҳдид, мубориза бо таҳдид, сарчашмаҳои таҳдид, секюритизатсия.*

Яке аз масъалаҳои муҳимтарини соҳаи таъмини амният шинохти таҳдидҳо мебошад. Ба ибораи дигар, сатҳу сифати амнияти миллӣ ва дар кадом вазъ қарор доштани таъмини он аз шинохти таҳдидҳо вобаста аст. Ин аст, ки дар кишварҳои гуногуни олам ба воқеаву ҳодисаҳо, равандҳои сиёсию иҷтимоӣ ва махсусан, ба рафтори субъектҳои мухталиф баҳои гуногун медиҳанд. Ҳамчун таҳдид шинохта шудани падидаҳои манфӣ ва ё то кадом андоза хатарноку зиёновар дониста шудани ин гуна падидаҳо аз донишу таҷриба вобастагии калон дорад. Ин равандро дар илм «стигматизатсия» номидаанд. Яъне, то кадом андоза ин ё он падида ва ё омил ҳамчун таҳдид тасаввур гардида истодааст ва ҷомеа то кадом сатҳ омода аст, ки онҳоро ҳамчун таҳдид қабул намояд. Аз ин рӯ, таҳдидшиносӣ унсури муҳимтарини давлатдории миллиро ташкил менамояд. Зеро қарорҳое, ки дар сатҳи мақомоти давлатӣ қабул мегарданд, ҳамагӣ барои бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта нигаронида шудаанд. Зеро ҳалли масъалаҳо ва бартараф кардани мушкилиҳои ҷойдошта ҷиҳати таъмини рушди минбаъдаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ зарур мебошанд. Хавфҳо ва таҳдидҳо падидаҳое ҳастанд, ки дар раванди амалишавии ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумат дар ин ё он шакл монеа эҷод менамоянд ва мушкилиҳои навро ба вуҷуд оварда, рушди соҳаҳоро боз медоранд. Дар байни онҳо як қатор таҳдидҳо ба суботи сиёсӣ ва устувории ниҳодҳои давлатию сиёсӣ таъсири манфӣ расонида, қобилият ва иқтидори онҳоро коҳиш медиҳанд, ки дар раванди қабули қарорҳо ва махсусан, дар рафти татбиқи онҳо мушкилиҳои ҷиддӣ пайдо мешаванд. Аз ин рӯ, таъмини рушду инкишоф аз безараргардонии хавфу хатарҳо оғоз меёбад. Аммо барои он, ки таҳдиду хатарҳо безарар ва камзарар гардонида шаванд, сараввал шинохти онҳо ва муайян намудани сарчашмаҳои пайдоиши онҳо хеле муҳим аст.

Гузашта аз ин, таҳдидшиносиро унсури муҳимми маданияти стратегӣ низ донистан зарур мебошад. Зеро барои шинохти таҳдидҳо донишҳои сиёсӣ, идеологӣ, технологӣ, иқтисодӣ ва ниҳоятан стратегӣ заруранд. Шинохти таҳдидҳо ҳам барои роҳбарияти сиёсии кишвар, ки ба қабули қарорҳои муҳим машғуланд ва ҳам барои қишрҳои дигари ҷомеа хеле муҳим аст. Дар баробари роҳбарияти олии мамлакат, элитаи илмӣ ва зиёиён

низ метавонанд дар самти шинохти таҳдидҳо саҳми зиёд гузоранд. Зеро ба ғайр аз роҳбарияти олии мамлакат, ки дар мавриди идоракунии корҳои давлатию сиёсӣ бо иттилооти зарурӣ таъминанд, инчунин, олимону зиёиён низ огоҳтарин қишри ҳар як ҷомеа маҳсуб меёбанд. Ҳатто олимону донишмандон дар заминаи донишҳои илмию назариявии худ метавонанд дар бораи пешомадҳо ва дурнамои рушди соҳаҳо ояндабинии худро ироа созанд. Дар маҷмӯъ, чи гунае, ки табиб роҳу воситаҳои табобати бемориро муайян мекунад, дар ҳалли масъалаҳо ва бартараф сохтани мушкилиҳо олимон низ ҳамин мавқеъро соҳибанд. Аз ин рӯ, истифодаи иқтидори илмию зеҳнии олимон дар самти шинохти таҳдидҳо хеле зарур буда, барои муайян намудани сарчашмаи пайдоиш, иқтидор ва роҳу усулҳои пешгирӣ намудани оқибатҳои номатлуби падидаҳои манфӣ метавонанд хизмат намоянд. Дар ин самт ёдоварӣ намудани андешаҳои донишманди италиявӣ Н.Макиавелли хеле бамаврид аст. Ба қавли ӯ, «бемории силро дар аввалин лаҳзаҳои пайдоиш муайян намудан мушкил, аммо табобат карданаш осон аст. Замоне, ки ин беморӣ авҷ гирад, муайян карданаш осон, аммо табобаташ душвор мегардад. Ба ҳамин монанд, дар корҳои давлатӣ ва идоракунии ҷомеа низ агар мушкилиҳои ҷойдошта саривақт муайян карда шаванд, бартараф намуданашон осон аст, аммо то сатҳе рафта расад, ки мавҷудияти онро ҳар як нафар эҳсос намояд, пешгирӣ карданаш душвор мегардад» [5, с.16]. Аз ин рӯ, олимону донишмандон метавонанд дар самти саривақт муайян намудани мушкилиҳои ҷойдошта ва ё мушкилиҳои бавуҷудоянда саҳми худро гузоранд. Масъалаҳои ҷалбу иштироки олимон дар ин равандҳо, бетарафӣ зоҳир намудани онҳо ва дар кадом сатҳ қарор доштани омодагии касбии онҳо баҳси дигар аст, ки онҳоро дар тадқиқоти алоҳида баррасӣ намудан зарур аст. Дар маҷмӯъ, олимону зиёиён на танҳо ҷомеаро аз мавҷудияти таҳдиду хатарҳо метавонанд огоҳ намоянд, балки дар мавриди пешгирии онҳо тадқиқоти илмӣ анҷом дода, барои ҳукумат роҳу усулҳои безарар гардонидани таҳдидҳо ва ҳимоя намудани манфиатҳои миллиро манзур созанд.

Ғайр аз ин, дар шароити кунунӣ, ки раванди тавсеаи ҷангҳои иттилоотию психологӣ ба мушоҳида мерасад, барои шаҳрвандони кишвар ва махсусан, ҷавонону насли миёнасол донишҳои амниятӣ ва шинохти таҳдидҳо хеле зарур аст. Зеро онҳо агар тафаккури танқидию таҳлилӣ надошта бошанд, дӯст ва душман, фоида ва зарарро аз ҳам фарқ карда натавонанд, дар зери таъсири ҳуҷумҳои иттилоотӣ ба осонӣ ба доми тундгароён ва тахрибкорон меафтанд. Чунин ҳолат таҳдиди воқеӣ ба суботи сиёсии ҷомеа мебошад. Бо дарназардошти ин вазъ як қатор муҳаққиқон дар атрофи ташаккули иммунитети иҷтимоӣ суҳбат намуда истодаанд. Иммунитети

иҷтимоию сиёсӣ қобилияти мустақилона муайян карда тавонистани ҳама гуна таъсиррасониҳои беруна аз рӯйи меъёри «худӣ ва бегона», «фоидаовар ва зараровар», «ба рушду инкишоф мусоидаткунанда ва ё ба таназзул нигаронидашуда» ва монанди инҳо мебошад. Муҳаққиқи рус Р.И. Балбек иброз медорад, ки «эҳтимоли ба амал омадани бесуботӣ дар системаҳои сиёсие дида мешавад, ки дар онҳо агар мутобиқшавӣ бо таъсиррасонии беруна ва қобилияти ба таври танқидӣ баҳогузорӣ намудани ин гуна падидаҳо дида нашавад. Ба ибораи дигар дар ин гуна ҷомеаҳо иммунитети иҷтимоӣ дар муқобили падидаҳои манфӣ рушд накардааст» [1, с.33]. Чунин тарзи баррасии масъала фаъолияти системаи муҳофизатии организми инсонро ба хотир меоварад. Аз соҳаи иммунология маълум аст, ки системаи муҳофизатии организм ё худ иммунитети бадан маҷмӯи ҳуҷайраҳое мебошанд, ки барои безарар гардонидани вирусҳо хизмат мерасонанд. Сатҳу сифат ва самаранокии чунин безараргардонӣ аз шинохти онҳо вобаста мебошад. Баъзан вақт дар ҳолати бо вируси нав рӯ ба рӯ гардидани организм ба таври сунъӣ подтан (антитела)-ҳои мушаххасро ба бадани инсон ворид менамоянд, ки мақсад аз ин кор шинос намудани организм бо вирусҳо мебошад, то ки онҳоро безарар карда тавонад. Дар ҷомеа низ чунин механизми безараргардонӣ мушоҳида мегардад. Онҳое, ки дар бораи падидаҳои манфӣ дониш ва маълумоти кофӣ доранд, метавонанд ба доми иғвогарон ва тундгароён наафтанд. Аммо дар муносибат бо нафароне, ки ин гуна тасаввуротро надоранд, ҳолати баръаксро дидан мумкин аст. Аз ин рӯ, фиреби сиёсӣ ҳамчун технологияи мубориза аз ҷониби душманон барои иғвоангезӣ намудан, тағйир додани рафтори сокинони кишвар ва ниҳоятан коҳиш додани самаранокии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ истифода бурда мешаванд. Дар ин гуна вазъият ташаккули иммунитети иҷтимоӣ барои шинохти падидаҳои манфӣ зарур маҳсуб меёбад. Аз ин баррасӣ хулоса ин аст, ки дар раванди таъмини амният дар баробари ниҳодҳои давлатӣ инчунин, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандони қаторӣ низ бояд иштирок намоянд. Аммо сатҳу сифати иштироки онҳо дар таъмини амният аз он вобаста аст, ки онҳо то кадом андоза таҳдидҳои мавҷударо мешиносанд ва дар муқобили онҳо мубориза мебаранд.

Ҳамин тариқ, то он замоне, ки табиати таҳдидҳо пурра муайян карда нашавад, мубориза бо онҳо натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Гузашта аз ин, шинохти табиати таҳдидҳо имкон медиҳад, ки субъекти таҳдид ва иқтидори он муайян карда шавад. Вобаста ба иқтидори таҳдид барои пешгирӣ намудан ва ё безарар гардонидани он сипас манбаҳои зарурӣ истифода бурда мешавад. Файласуфи Чини Қадим Сун Тзи дар ин бора андешаҳои хеле ҷолиб баён намудааст. Ба ақидаи ӯ, «агар мо иқтидори худро донем ва

иқтидори душманро донем, ҳама вақт ҳангоми мубориза ғолиб мешавем, агар иқтидори худро донему иқтидори душманро ба инобат нагирем, агар як бор ғолиб шавем, дафъаи дуюм мағлуб мешавем. Агар на иқтидори худ ва на иқтидори душманро донем, сад бор, ки дар муқобили онҳо мубориза барем, ҳеҷ гоҳ ғолиб намешавем» [8, с.135]. Мутаассифона, ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки пешгирӣ ва ё мубориза бо таҳдидҳо бе дарназардошти иқтидори таҳдид амалӣ мегардад, ки дар аксар маврид чунин амал натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Сиёсатшиноси амрикоӣ Ф.Фукуяма дар ин маврид иброз менамояд, ки самаранокии манбаҳои сафарбаргардида аз он вобаста аст, ки иқтидори таҳдиди сиёсӣ то кадом дараҷа зиёд аст [9, с.97]. Ӯ дар мавриди тундгароии исломӣ ин гуна вазъиятро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки «агар аксари мусулмонони ҷаҳон омода бошанд, ки ба сафи террористони худкуш шомил гарданд ва дар муқобили ИМА мубориза баранд, пас неруҳои қудратии Амрико қобилияти пешгирӣ намудани онҳоро аз даст медиҳанд. Аммо шумораи террористони хатарнок агар камтар бошанд, мубориза бо онҳо имконпазир мегардад. Аз ин рӯ, баҳогузорӣ намудани ин таҳдид бо дарназардошти имкониятҳои тундгароёни исломӣ бояд сурат гирад» [9, с.97].

Дар баробари ин гуфтаҳо равоншиносони амрикоӣ Ҷ.Кипер ва Р.Сосис дар тадқиқоти худ иброз медоранд, ки «ба баҳсу мунозираҳои бешумори сиёсӣ ва барномаҳои тӯлонии телевизионӣ нигоҳ накарда, гуфтан мумкин аст, ки таҳдиди эҳтимолӣ ва тахминӣ метавонад на он қадар хатарнок бошад, ба мисле, ки онро тасаввур менамоянд» [17, с.110]. Онҳо дар мисоли таҳдиди терроризм чунин фарзияи худро асоснок намуда, иброз медоранд, ки «дар муқоиса бо таҳдидҳои дигар, ба монанди садамаҳо ва бемориҳои сироятӣ, амалҳои террористӣ он қадар бештар рух намедиҳанд ва на ҳамаи онҳо метавонанд амалӣ шаванд. Гузашта аз ин, агар терроризм ҳамасола якчанд миллион доллар зарару зиён расонад, танҳо ИМА баъди воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 то имрӯз дар самти мубориза бо терроризм зиёда аз 1 трлн доллар масраф намудааст» [17, с.111]. Онҳо ба саволи ин, ки «чаро одамон имкониятҳои террористонро ин қадар зиёд нишон медиҳанд?» посух дода, қайд менамоянд, ки «чунин рафтор дар доираи ғаризаҳои тарсу ҳарос ба амал меояд. Масалан, рафтори одам ҳангоми дидани каждум ва ё мор тағйир меёбад, зеро ғаризаҳои тарс онҳоро ҳамчун рамзи зӯроварӣ ва марг муайян менамоянд, новобаста ба он, ки сатҳи таҳдид дар кадом дараҷа (паст ё баланд) қарор дорад. Дар муносибат бо терроризм низ ғаризаҳои тарс новобаста аз воқеиятҳои терроризм зарурати мутобиқгардонии роҳу усулҳои безараргардонии таҳдидҳои террористиро ба миён меоваранд» [17, с.111].

Чунин ҳолат бо он асоснок карда мешавад, ки дар раванди шинохти таҳдидҳо мавҷудияти иттилооти зарурӣ нақши калидӣ мебозад. Чи қадаре, ки дар бораи таҳдид маълумоти бештар мавҷуд бошад, ҳамон қадар тарсу ҳарос аз он камтар мешавад. Аз чунин шакли баррасии масъала ба хулосае омадан мумкин аст, ки аз таҳдидҳои воқеӣ дида, таҳдидҳои эҳтимолӣ одамонро бештар метарсонанд. Зеро одамон дар бораи таҳдидҳои эҳтимолӣ, аз ҷумла роҷеъ ба иқтидори онҳо, оқибатҳои онҳо, дар кадом миқёс таъсири манфӣ доштани онҳо ва махсусан дар бораи пешгирии ин гуна падидаҳо маълумоти кофӣ надоранд. Аз ин рӯ, иттилооти пурра ва мукаммал дар бораи таҳдид ба мақомоти дахлдори соҳа имкон медиҳад, ки дар самти пешгирии оқибатҳои ногувори таҳдиду хатарҳо чораҳои саривақтӣ андешанд. Барои мисол, дар муносибат бо терроризм як гурӯҳ муҳаққиқон иброз медоранд, ки пешгӯинашаванда будани рух додани амали террористӣ тарсу ҳароси мардумро бештар менамояд [12, с.623]. Аз ҷониби террористон интихоб гардидани макон, замон ва қурбониёни амали террористӣ ба таври пинҳонӣ амалӣ карда мешавад ва аз ин рӯ, одамон барои коҳиш додани хавфу хатари он оҷизанд. Тавсия намудани худдорӣ варзидан аз ҷойҳои серодам на барои ҳама қобили қабул аст ва баъзан номумкин аст [21, с.185]. Тариқи ВАО ҳамарӯза намоиш додани амалҳои террористӣ тарсу ҳароси оммавиро аз ин таҳдид бештар менамояд. Инчунин, худи ташкилотҳои террористӣ низ дар аксар маврид тариқи шабакаи Интернет амалҳои террористӣ ва қатлу кушторҳои бераҳмонаро паҳн менамоянд, ки чунин ҳолат ба афкори ҷамъиятӣ ва тафаккури омма таъсири манфӣ мерасонанд.

Ҷомеашиноси немис Н.Луман дар мавриди шинохти хавфҳо андешаҳои хеле ҷолиб пешниҳод намудааст, ки онҳоро дар самти таҳдидшиносӣ низ ба кор бурдан имконпазир аст. Ӯ аслан шинохти хавфҳоро аз дониш ва иттилооти зарурӣ вобаста менамояд. Ба андешаи ӯ, «дар бораи масъалаҳои номаълум чи қадаре, ки маълумоти зиёд дар ихтиёр бошад, ҳамон қадар зудтару хубтар дарки хавфҳо ба амал меояд. Вақте ки оянда норавшан аст, хавфҳо низ вуҷуд дошта метавонанд. Ин аст, ки дар самти омӯзиши хавфҳо илми алоҳида ташаккул дода шудааст. Ҷомеаи муосири дорои хавфҳои гуногун танҳо натиҷаи муайян намудани оқибатҳои техникӣ нест. Шинохти хавфҳо бо тавсеи имконияти тадқиқотӣ ва афзун гардидани дониш оғоз гардидааст» [4, с.155]. Дар маҷмӯъ, олимону донишмандон дар раванди шинохти таҳдидҳо муайян намудани иқтидори онҳоро шарти аввали мубориза бо таҳдидҳо медонанд. Аммо шинохти таҳдидҳо бо чунин амал анҷом намеёбад.

Сиёсатшиноси исроилӣ Р.Кохен дар раванди шинохти таҳдидҳо ду равanди муҳимро нишон медиҳад. Ба андешаи ӯ, «дар шароити мавҷуд будани далелҳои объективӣ агар таҳдид шинохта нашавад, сафарбар намудани манбаъҳо ғайриимкон аст ва баръакс, дар шароите, ки рақиб нияти бад надорад, таҳдид метавонад шинохта шавад ва чораҳои пешгирӣ намудани он низ қабул гарданд» [13, с.93]. Дар мавриди аввал сухан дар бораи таҳдидҳое меравад, ки субъекти амният ҳанӯз ҳам дар бораашон маълумоти зарурӣ надорад. Дар мавриди дуюм сухан дар бораи таҳдидҳое меравад, ки субъекти амният пеш аз пайдоиши таҳдид аллакай дар бораи сарчашмаҳои он маълумоти зарурӣ пайдо намудааст. Бо дарназардошти ин гуна вазъ се сатҳи шинохти таҳдидро муайян намудан мумкин аст (Ниг. ба ҷадвали №1).

Сатҳи якум	Субъекти таъмини амният дар бораи сарчашмаи таҳдидҳои эҳтимолӣ маълумоти зарурӣ дорад ва барои пешгирӣ намудани он омодагӣ мегирад.
Сатҳи дуюм	Субъекти таҳдид дар бораи таҳдидҳои воқеӣ маълумот дорад ва барои пешгирӣ намудани онҳо манбаъҳои заруриро сафарбар намудааст.
Сатҳи сеюм	Субъекти таҳдид дар бораи таҳдидҳои мавҷуда иттилооти зарурӣ надорад ва аз ин рӯ, наметавонад, ки манбаъҳои заруриро барои пешгирӣ намудани он сафабар намояд.

Барои шинохти таҳдидҳо ва махсусан барои муайян намудани афзалиятнокӣ ва мушаххас намудани эҳтимолияти ба вуқуъ омадани онҳо андешаҳои олими англис Е.Крахманн хеле ҷолиби диққатанд. Ӯ муътақид аст, ки муайян намудани таҳдидҳои аввалиндараҷа аз тасаввуроти субъектҳо ва баҳогузории онҳо вобаста мебошад [18, с.8]. Воқеан ҳам чунин мулоҳизаронӣ ҳақиқати бебаҳс аст. Чунончӣ, анҷомёбии ҷанги сард таҳдиди ба амал омадани ҷанги ядроиро, ки дар байни ду абарқудрати ҷаҳонӣ ҳоло ҳам мавҷуд аст, аз байн набурд. Дар соли 2003 маълум гардид, ки ҳам ИМА ва ҳам Россия 7-8 ҳазор адад яроқи ҳастаиро дар ихтиёри худ нигоҳ медоранд. Аммо бо дарназардошти он, ки ин абарқудратҳо даъвоҳои худро дар сиёсати хориҷӣ тағйир доданд, хавфи ба амал омадани ҷанги ядроӣ низ коҳиш ёфт. Айни замон аз таҳдиди ҷанги ядроӣ дида, таҳдиди терроризм бештар дониста мешавад. Чунин ҳолат на танҳо бо дарназардошти паҳншавии яроқи қатли ом, ки метавонад ҳангоми рух додани амалҳои террористӣ истифода бурда шавад, балки эҳтимоли ба вуқуъ омадани амалҳои террористӣ, мақсадҳои эҳтимолии онҳо, шиддат ва таъсири манфии онҳо муайян

карда мешавад. Яъне, афзалияти таҳдидҳо аз тасаввурот ва баҳогузории субъект вобаста мебошад. Ҳатто дар чунин раванд таҳдиди воқеӣ метавонад ҳамчун таҳдиди эҳтимолӣ ва баръакс таҳдиди эҳтимолӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ баҳогузорӣ гардад. Яъне, дар раванди муайян намудани афзалиятнокии таҳдид онҳо метавонанд баъзан дуруст ва баъзан вақт ба таври нодуруст муайян карда шаванд. Субъект метавонад дар раванди муайян намудани афзалиятнокии таҳдидҳо ба иштибоҳ роҳ диҳад, ки чунин ҳолат аз иттилоот, дониш ва таҷрибаи субъект вобаста мебошад.

Як қатор олимон дар раванди шинохти таҳдидҳо ба сохтори онҳо диққати бештар дода, масъалаи муайян намудани субъекти таҳдидро хеле муҳим мешуморанд. Ин аст, ки дар атрофи субъекти таҳдид ва шинохти онҳо ҳанӯз ҳам баҳсу мунозираҳо идома доранд. Барои мисол, олимони Шветсия Ҷ.Эрриксон ва Е.Норин дар яке аз мақолаҳои илмии худ модели махсуси шинохти таҳдидҳоро пешниҳод намудаанд, ки дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ аҳамияти зиёди стратегӣ дорад. Дар тадқиқоти олимони мазкур субъект ва объекти таҳдид ба таври мушаххас муайян гардида, сарҳади байни онҳо нишон дода мешавад. Онҳо пешниҳод менамоянд, ки кадом падидаҳо ва ё омилҳо ҳамчун таҳдид баромад менамоянд (субъекти таҳдид) ва кадоме аз онҳоро ҳамчун таҳдид донистан мумкин аст (объекти таҳдид) [14]. Модели пешниҳоднамудаи Ҷ.Эрриксон ва Е.Норин тақозои онро менамояд, ки таҳдидро на танҳо намояндагони ҳокимияти давлатӣ, балки ҷомеаи шаҳрвандӣ низ бояд эътироф намоянд. Чунин шакли баррасии масъала ҳарчанд муҳим ба шумор равад ҳам, каме нофаҳмиҳоро дар худ нигоҳ медорад. Муҳиммияти андешаҳои онҳо дар ин аст, ки кулли ҷомеа бояд мавҷудияти таҳдидро эътироф намояд. Аммо дар бораи субъект ва объекти таҳдид андешаҳои онҳо каме баҳсноканд. Масалан, оқибатҳои ногувор, зарару зиёни имконпазирро агар объекти таҳдид муаррифӣ кунем ба мақсад мувофиқтар аст. Аммо худи падидаҳоро субъекти таҳдид гуфтан иштибоҳ аст. Зеро ба он нигоҳ накарда, ки баъзе таҳдидҳо субъекти мушаххас надоранд, субъекти таҳдид (агар мавҷуд бошад) бавуҷудоваранда ва ё ташкилкунандаи воқеаи нохуш ва оқибати ногувор бояд дониста шавад.

Ин масъаларо олими дигари Шветсия Р.Шёстедт хеле хуб ҳаллу фасл намудааст. Ӯ дар раванди шинохти таҳдидҳо нақши субъектро дар маркази диққат қарор дода, дар ин замина ду гурӯҳи таҳдидҳоро нишон медиҳад. Ӯ симои таҳдидҳоеро, ки аз рафтори субъектҳои мушаххас вобастаанд, аз симои таҳдидҳое, ки аз субъект вобаста нестанд, аз ҳам ҷудо менамояд. Ба андешаи ӯ, «Ал-Қоида» ҳамчун ташкилоти террористӣ ифодагари симои таҳдиде мебошад, ки бо рафтори субъекти мушаххас алоқаманд аст, ҳол он ки тағйирёбии иқлим таҳдиде мебошад, ки бо рафтори субъект алоқамандӣ

надорад [19, с.25]. Яъне, таҳдиди аввал ҳадафмандона ба вуҷуд оварда мешавад, дуюмӣ бошад натиҷаи рафторҳое мебошад, ки нияти расонидани зарарро надоранд.

Дар тӯли ин солҳо як қатор ташаббусҳо ҷиҳати истиқрори сулҳ ва ҳалли вазъ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон амалӣ карда шуданд. Аз ҷумла, бо иштироки кишварҳои минтақа ва бо дастгирии СММ, гурӯҳи 6+2 (кишварҳои ҳамсоя: Эрон, Покистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Чин, инчунин,, Русия ва ИМА) ташкил карда шуданд, ки ба ҳалли мушкилоти Афғонистон ва таъмини амнияти минтақавӣ нигаронида шудааст. Ҷаласаи аввалини гурӯҳ соли 1997 дар иёлоти Ню-Йорки ИМА ва дуюм дар моҳи июли соли 1999 дар шаҳри Тошканд баргузор гардид. Дар нишасти НАТО дар Бухарест дар моҳи апрели соли 2008, собиқ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон И.Каримов пешниҳодро дар бораи қобилияти барқарор ва тавсеаи ташаббуси сулҳи 6+2 бо ҳамроҳ кардани НАТО ба ин гурӯҳ ва ба 6+3 табдил додани он пешниҳод кард. Иштирок дар кори гурӯҳи 6+3, маблағгузорони асосии барқарорсозии Афғонистон – Ҳиндустон, Ҷопон ва дигар кишварҳои манфиатдор ба муколамаи боз ҳам босамари байналмилалӣ мусоидат хоҳанд кард. Инчунин,, соли 1998 бори дигар дар масъалаи таҳкими амният дар Афғонистон ва ҷомеъа ҷаҳонӣ аз таҳдидҳои хусусияти экстримизм ва терроризм дошта, паҳншавии маводи мухаддир, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 20-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид пешниҳоди бунёди «камарбанди амниятӣ»-ро дар атрофи Афғонистон ба миён гузошт, ва мутассифона, ин пешниҳод аз ҷониби кишварҳои дахлдор дар вақти зарурӣ амалӣ карда нашудва дар натиҷа воқеаҳои фоҷеабори ИМА амалӣ шуданд ва Афғонистони бесубот ба макони терроризми байналмилалӣ мубаддал гардид [9].

Дар умум, кишварҳои минтақа қатъиян зидди терроризми байналмилалӣ дар ҳамаи шаклҳояш буда, муттаҳидсозии талошҳои ҷомеаи байналмилалиро дар сатҳи глобалӣ, минтақавӣ ва миллӣ ҷонибдорӣ менамоянд. Дар самти мубориза бар зидди терроризм ва дигар зуҳуроти номатлубкишварҳои минтақа бо СММ ва зерсохторҳои он ҳамкории мутақобилан судмандро ба роҳ мондаанд ва кишварҳои минтақа як қатор конвенсияҳои байналмилалие, ки самти амниятиро ба танзим медаронанд,пазируфтаанд. Аз ҷумла, ба муқобили хариду фурӯши одамон [3], мубориза ба мубориза бо маблағгузории терроризм [4] зидди шиканҷа [5], муқобили ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ [6] ва ғайра.

Инчунин,, кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ Стратегияи ҷаҳонии зиддитеррористии СММ, ки соли 2006 аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ дар шакли қатънома ва Нақша чорабиниҳои амалишаванда

(A/RES/60/288) якдилона бо ҷонибдории кишварҳои узви созмон қабул гардид, дастгирӣ намудаанд. Ин стратегия санади муҳим буда, барои беҳтар намудани кӯшишҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ оид ба мубориза бо терроризм замина гузошта, имконияти муттаҳид намудани кӯшишҳои 30 созмони байналмилалии шомил ба Гурӯҳи мақсаднок оид ба амалӣ намудани чорабиниҳои зиддитерористии СММ, ки соли 2005 аз ҷониби Дабири кулли СММ бо мақсади мусоидат ҷиҳати татбиқи стратегияи СММ дар соҳаи мубориза бар зидди терроризм таъсис дода шудааст, фароҳам меоварад.

Бояд тазаккур дод, ки моҳи декабри соли 2007 бо мақсади амали намудани Стратегияи зиддитерористии СММ ва ҷиҳати дастгирии сулҳ ва амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ бо ташаббуси ҳукуматҳои панҷ кишвар (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон) Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи боздоранда дар Осиёи Марказӣ, таъсис дода шуд. Маркази болозикр вазифаи махсуси сиёсии СММ ба ҳисоб рафта, ҳадафи асосии он мусоидат ва дастгирии ҳукуматҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар рушди тавоноиҳои онҳо ҷиҳати дастгирии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо терроризм ва экстремизм, пешгирии низоъ тавассути муколама,шарикӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ мебошад. Ҳамзамон, Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи боздоранда дар Осиёи Марказӣдар ҳамкорӣ бо кишварҳои минтақа вагурӯҳи кории Гурӯҳи мақсаднок оид ба амалӣ намудани чорабиниҳои зиддитерористии СММ Нақшаи муштараки минтақавӣ доир ба амалиёт дар чаҳорчӯби Стратегияи ҷаҳонии зиддитерористии СММ дар Осиёи Марказӣ таҳия намуданд. Баъдан ин нақшаи муштарак дар як нишасти сатҳи баланд 30 ноябри соли 2011 аз ҷониби намояндагони Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон бо иштироки Узбекистон ба ҳайси нозир тасдиқ карда шуд.

Мушкилоти дигаре, ки кишварҳои минтақа тавонистанд дар ҳамкорӣ бо СММ тавонистанд ҳал намоянд ин масъалаи озод намудни минтақа аз силоҳи ҳастаӣ мебошад. Чӣ тавре, ки маълум аст мушкилоти аз байн бурдани силоҳи ядроӣ яке аз муҳимтарин мушкилоти амниятии ҷомеаи ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад. Ин мушкилот низ дар Осиёи Марказӣ актуалӣ ва масъалаи аввалиндараҷа мебошад. Доир ба ин масъалаи собиқ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов дар ҷаласаи 43-юми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид суханронӣ намуда, пешниҳод кард, ки минтақаи Осиёи Марказӣ, минтақаи озод аз силоҳи ҳастаӣ эълон карда шавад. Ин пешниҳод аз ҷониби Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Тоҷикистон ва дигар кишварҳо пурра дастгирӣ гардид .

Пас аз ҳамкориҳои бисёрсолаи муштараки намояндагони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва коршиносони байналмилалӣ, моҳи сентябри соли 2006 дар шаҳри Семипалатинск (Ҷумҳурии Қазоқистон) "Созишнома дар бораи минтақаи озод аз силоҳи ядроӣ дар Осиёи Марказӣ" [15] дар сатҳи роҳбарони вазирони корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба имзо расонида шуд. Ба имзо расонидани созишномаи мазкур имконияти саҳми воқеии кишварҳои минтақаро ҷиҳати амали намудани "Созишнома оид ба паҳн накардани силоҳи ҳастаӣ" дар сатҳи ҷаҳонӣ фароҳам овард.

Ҳамин тариқ, то соли 1991 дар ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон иқтидори бузурги силоҳҳои қатли ом: 1040 адад бомбаи ҳастаӣ барои мушакҳои балластикии континенталӣ ва 370 адад пайкон барои мушакҳои зидди ҳавоӣ мавҷуд буданд. Ин иқтидори ҳастаӣ дар ҷаҳон баъд аз Русия, ИМА, Чин дар ҷойи чорум қарор дошт. Аммо, сарфи назар аз пешниҳодҳои гуногун оид ба таркиши ин қудрат, Ҷумҳурии Қазоқистон ихтиёран роҳи аз байн бурдани силоҳи пурраи ҳастаиро интихоб намуд.

Бо вуҷуди ин, давлатҳои узви минтақаҳои озод аз силоҳи ядроӣ муваззаф мегарданд, ки дар ҳудуди кишвари худ силоҳи ҳастаӣ ё дигар дастгоҳҳои таркандаи атомиро, ки дар қатли ом истифода мешаванд, коркард ва аз дигар кишварҳои дорои чунин иқтидор ба даст наорад ва ҳеҷ гуна кӯмакро дар ин маврид қабул накунад. Аз ин рӯ, таъсиси минтақаҳои озод аз силоҳи ҳастаӣ яке аз воситаҳои умумиҷаҳонии пешгирии паҳншавии силоҳи ҳастаӣ дар ҷаҳон мебошад.

Маълум аст, ки дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Қазоқистон дар майдони озмоиши ҳастаии Семипалатинск беш аз 450 озмоиши ҳастаӣ гузаронида шудааст, ки ба бошандагон ва муҳити зисти он минтақа таъсири манфӣ расонидааст [10].Охирин зарядҳои ядроӣ 27 майи соли 1995 ва нақби охирини озмоиши ҳастаӣ дар собиқ озмоишгоҳи ҳастаии Семипалатинск 29 июли соли 2000 нобуд карда шуд [11]. Бо ташаббуси Ҷумҳурии Қазоқистон 2-юми декабри соли 2009 дар Иҷлосияи 64-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 29-август Рӯзи байналмилалии муқобили озмоишҳои ҳастаӣ эълон гардид ва қатъномаи 64/35 якдилона қабул карда шуд [7]. Инчунин,, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон соли 2012 дар Ассамблеяи Генералии СММ суханронӣ намуда пешниҳод кард, ки Эъломияи Умумиҷаҳонии бидуни яроқи ҳастаӣ қабул карда шавад.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ дар созишномаҳо ва шартномаҳои муҳими байналмилалӣ дар соҳаи нобудсозӣ ва паҳн накардани силоҳи қатли ом, Конвенсия оид ба силоҳҳои кимиёвӣ ва биологӣ ҳамроҳ шудаанд. Кишварҳои минтақа узви Оҷонсии байналмилалӣ оид ба энергияи атомӣ

(АБЭА) гардида, бо таҷрибаи ҷаҳонӣ ва технологияҳои пешрафта дар истифодаи усулҳои ядроӣ дар илм, тандурустӣ, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо ва коркарди бехатари маводи ҳастаӣ дастрасӣ пайдо намуда, дар якҷоягӣ бо узви кишварҳои АБЭА беш аз даҳ лоиҳаи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалиро амалӣ кардаанд.

Бо вуҷуди ин, дар замони муосир даҳҳо давлат бо сабабҳои гуногун кӯшиши аз худ намудани яроқи ҳастаӣ ва дигар намудҳои яроқҳои қатли омро доранд. Моҳи сентябри соли 2013 тасмим гирифта шуд, ки силоҳи кимиёвии Сурия таҳти назорати байналмилалӣ қарор дода шавад, ки ин, албатта, яке аз нишонаҳои кӯшиши пурзӯр намудани назорати ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбат ба чунин омилҳои хатарнок мебошад. Дар ин ҷо нақши СММ ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад, аз ин рӯ, мувофиқи мақсад шуморида мешавад агар чунин раванд бо дигар кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон идома дода шавад.

АДАБИЁТ

1. Каримов И.А. От региональной безопасности с глобальной безопасности. //По пути созидание. Том 4. Ташкент.«Узбекистан» 1996, стр. 56.

2. Каримов И.А. Узбекистан на пороге XXI века: угрозы безопасности, условия стабильности и гарантии прогресса. Т.: «Узбекистан», 1996. ст. 300.

3. Конвенсия дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон ва истисмори фоҳишагӣ аз ҷониби шахсони сеюмhttps:// undocs.org/ru/A/RES/317%28IV%29

4. Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бо маблағгузории терроризмhttps://undocs.org/ru/A/RES/54/109

5. Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф https://undocs.org/ru/A/RES/39/46

6. Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид ба муқобили ҷиноятқории муташаккили трансмиллӣ https://undocs.org/ru/A/RES/55/25

7. Международный день действий против ядерных испытаний 29 августа https://www.un.org/ru/observances/end-nuclear-tests-day

8. Рахимов М.А. Многостороннего сотрудничества Республики Узбекистан с Организация Обеденных Нации. //первые страницы истории независимого Узбекистана. – Ташкент, 2000. С.185–198.

9. Сарвари давлат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар бораи масъалаҳои мубрам ва ибтикороти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон– Душанбе. «Контраст», 2019 саҳ 244.

10. Сколько испытаний провели на Семипалатинском полигонеhttps://ru.sputniknews.kz/infographics/20180829/7018400/semipalatinskij-poligon.html

11. Сотни ядерных взрывов за 40 летhttps://www.gazeta.ru/science/2015/07/29_a_7660565.shtml

12. Суханронӣ дар мубоҳисаҳои умумии Иҷлосияи 72-юми Маҷмаи Умумии Созмони Миллали Муттаҳид 19.09.2017. https://www.president.tj/node/16227

13. Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон – Душанбе. «Ирфон», 2012 саҳ 23.

14. Basic Facts About the United Nations. New-York, 1998. P. 3–5.

15. Central Asian Nuclear Weapon Free Zonehttps://en.wikipedia.org/wiki/Central_Asian_Nuclear_Weapon_Free_Zone

СОТРУДНИЧЕСТВО СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ С ОРГАНИЗАЦИЕМ ОБЪЕДИНЕННЫХ НАЦИЙ В УКРЕПЛЕНИИ РЕГИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

ТОШОВ ХОДЖИАКБАР МУХИДИНОВИЧ,
докторант PhD второго года кафедры политологии
Таджикский государственный педагогический университета
имени Садриддина Айни
734003, Таджикистан, г Душанбе, проспект Рудаки 121;
тел.:+992 93 -442- 77 - 07; e-mail:akbar.00007@mail.ru

В статье рассматриваются различные аспекты сотрудничества стран Центральной Азии и Организации Объединенных Наций (ООН) в укреплении региональной безопасности, мира и стабильности в регионе.Сегодня Организация Объединенных Наций – единственный признанный глобальный орган, наделенный функциями управления миром, и в соответствии со своим уставом – является международной организацией стабильности и основным поставщиком мира и стабильности в современном мире. Поэтому роль ООН в мировой стабильности имеет первостепенное значение.

С момента обретения независимости страны региона установили взаимовыгодное сотрудничество с влиятельными региональными и международными организациями, включая Организацию Объединенных Наций (ООН), для поддержания безопасности и мира в регионе. Страны Центральной Азии – Казахстан, Кыргызстан, Таджикистан, Узбекистан

и Туркменистан – стали полноправными членами ООН на 46-й сессии Генеральной Ассамблеи ООН, состоявшейся 2 марта 1992 года. Со временем Организация Объединенных Наций открыла постоянные представительства в столицах каждой страны региона.

Ключевые слова: *Организация Объединенных Наций, Центральная Азия, мир и стабильность, ядерное оружие, международный терроризм, региональная безопасность, незаконный оборот наркотиков, стратегия, укрепление безопасности.*

COOPERATION OF CENTRAL ASIA COUNTRIES WITH THE UNITED NATIONS IN STRENGTHENING REGIONAL SECURITY

TOSHOV HOJIAKBAR MUHIDINOVICH,
PhD student of the Department of Political Science,
Tajik state pedagogical university named after Sadriddin Aini
734003, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave 121;
тel: +992 93-442-77-07; e-mailakbar.00007@mail.ru;

The article discusses various aspects of cooperation between the countries of Central Asia and the United Nations (UN) in strengthening regional security, peace and stability in the region. The United Nations is the only recognized global organization with the functions of managing the world and, in accordance with its charter, is an international organization for stability and the main provider of peace and stability in the modern world. Therefore, the role of the UN in global stability is of paramount importance.

Since independence, the countries of the region have established a mutually beneficial cooperation with influential regional and international organizations, including the United Nations (UN), in order to maintain security and peace in the region. The countries of Central Asia - Kazakhstan, Kyrgyzstan, Tajikistan, Uzbekistan and Turkmenistan - became full members of the UN at the 46th session of the UN General Assembly, held on March 2, 1992.Over time, the United Nations opened permanent missions in the capitals of each country in the region.

Keywords:*United Nations, Central Asia, peace and stability, nuclear weapons, international terrorism, regional security, drug trafficking, strategy, strengthening security.*

УДК: 32.019.5

МОҲИЯТ ВА ТАСНИФОТИ «МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ» ДАР ИЛМҲОИ СИЁСӢ

ИСМОИЛОВ СИНО РУСТАМОВИЧ,
унвонҷӯйи Институти сиёсатшиносӣ, фалсафа ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А. Баҳовaддинов,
мутахассиси пешбари Раёсати таҳлил ва ояндабинии сиёсати хориҷии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 89;
тел.:(+992) 934-74-77-77; e–mail: r.sino01@yahoo.com

Муаллиф дар мақолаи мазкур мафҳуми «манфиатҳои миллӣ» ва самтҳои назариявии онро таҳлилу таҳқиқ намудааст. Дар баробари ин, муаллиф мафҳуми "амнияти давлатӣ"–ро низ баррасӣ карда, бо кадом омилҳо пайваст будани онро шарҳ додааст, ки дар маҷмуъ алоқамандии манфиатҳои миллӣ ва амнияти миллиро ифода мекунад. Бояд зикр кард, ки манфиатҳои миллӣ дар муқоиса бо амнияти миллӣ ва манфиатҳои ҳаётан муҳим аз назари мафҳуми ҷудогона буда, дар таснифоти илмӣ якдигарро пурра менамоянд. Баҳси манфиатҳои миллӣ дар илмҳои сиёсӣ таърихи тӯлонӣ дошта, вобаста ба тахассусҳои муносибатҳои байналмилалӣ ва равандҳои сиёсӣ мавқеи устувори илмӣ пайдо намудааст.

Калидвожаҳо: *Ҷумҳурии Тоҷикистон, манфиатҳои миллӣ, амнияти давлатӣ, манфиатҳои ҳаётан муҳим, ҷаҳонишавӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, равандҳои сиёсӣ*

Мафҳуми "манфиатҳои миллӣ" дар фаъолияти касбии ҳаррӯзаи сиёсатмадорон ва дар сатҳи шуури оммавии шаҳрвандон васеъ истифода мешавад. Андешаву назарҳои гуногун дар мавриди мафҳуми мазкур мавҷуд мебошанд ва бисёре аз муҳаққиқон ин падидаро дар муқоиса бо мафҳуми "амнияти миллӣ" баррасӣ мекунанд ва дар баъзе мавридҳо манфиатҳои миллиро бо "манфиатҳои давлатӣ" шабеҳи ҳам мешуморанд.

Баъзан мафҳуми "манфиатҳои миллӣ" бо вазифаҳои сиёсати дохилӣ алоқаманд ҳисобида мешавад ва равишҳои гуногуни тафсири ин мафҳум истифода мегарданд. Аз тарафи дигар, манфиатҳои миллӣ ҳамчун воситаи таҳлили сиёсати хориҷӣ амал мекунанд. Ин равиш, масалан, барои мактаби реализми сиёсӣ, алалхусус барои М.Моргентау, хос мебошад.

Истилоҳи "манфиат" инчунин,, дар Ғарб ба таври васеъ истифода мешавад ва муддатҳои тӯлонӣ яке аз таркибҳои асосӣ ва системаъмоли консепсияи "манфиатҳои миллӣ" ба шумор меравад. Истифодаи васеъи ин мафҳум дар луғатномаи сиёсӣ аз асри 17 оғоз меёбад.

Аввалин кӯшиши аз нуқтаи назари манфиат шарҳ додани муносибатҳои сиёсӣ аз ҷониби файласуфони фаронсавӣ – энсиклопедистон К.Гелветсей, П.Голбах, Д.Дидро сурат гирифтааст. Ба ақидаи онҳо, агар олами ҷисмонӣ ба қонуни ҳаракат тобеъ бошад, пас олами сиёсат ба қонуни манфиат итоат мекунад.

Дар рушди назарияи манфиат Г.Гегел нақши муҳимро иҷро намудааст, ки бар хилофи файласуфони фаронсавӣ аз фитрати табии инсон ҷудо будани манфиатро таъкид намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки манфиат васеътар аз муҳтавои ният ва шуур аст. Г.Гегел манфиатро бо шуури ҷаҳонӣ ва ғояи комил айният додааст, ки тавассути ниёзҳо ва манфиатҳои гуногун амалӣ мешавад [1].

Равиши дигар нисбат ба муҳтавои ин консепсия аз он иборат аст, ки муҳаққиқон манфиатҳои миллиро бо манфиатҳои давлат як мешуморанд. Ҳамин тавр, сиёсатшиноси рус Э.А. Поздняков қайд мекунад, ки "манфиатҳои миллӣ аз давлат ҷудонопазиранд, дар асл ин ду мафҳум як маъноро ифода мекунанд ва ин монандӣ хусусан дар сиёсати хориҷии давлатҳо аён мегардад[2]". Аммо муҳаққиқи рус М.А. Гареев нуқтаи назари дигарро ҷонибдорӣ мекунад. Вай бар ин назар аст, ки “манфиатҳои миллӣ” ва “манфиатҳои давлатӣ” бо як хусусият фарқ мекунанд, аввалӣ аз охирин васеътар аст, зеро он на танҳо манфиатҳои сохторҳои расмиро, балки манфиатҳои тамоми ҷомеаро низ инъикос менамояд [3].

Дар тафсири ин мафҳум хулосаҳо ва андешаҳои яке аз асосгузорони назарияи реализми сиёсӣ Г.Моргентау таваҷҷуҳи бештарро ба худ ҷалб менамояд. Моҳияти он дар тафсири муҳаққиқ А.П. Цыганков ба таври зерин шарҳ дода мешавад:

1. Манфиати миллӣ аз як тараф, ба хусусиятҳои ҷойгиршавии ҷуғрофии давлат, хосиятҳои рушди иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии он, аз тарафи дигар, бо хусусиятҳои табиати инсон асос ёфтааст. Аз ин рӯ, манфиати миллӣ заминаи устувори сиёсати байналмилалии давлат ба шумор меравад.

2. Манфиати миллӣ барои бавуҷудории фаҳмиши оқилонаи ходимони давлатӣ комилан мувофиқ аст. Ходимони давлатӣ бояд донанд, ки сиёсати хуб сиёсати оқилонаест, ки бо манфиатҳои дуруст дарккардаи миллӣ асос ёфтааст.

3. Манфиати миллӣ аз манфиати ҷамъиятӣ куллан фарқ мекунад. Агар аввалӣ дар муҳити анархияи байналмилалӣ арзи вуҷуд дошта бошад, дув-

вум бо системаи қонунҳои танзимкунандаи сиёсати дохилӣ алоқаманд аст[4].

Ҳамин тавр, дар тӯли ду даҳсолаи охир нисбат ба мафҳуми "манфиатҳои миллӣ" фаҳмишҳои хеле гуногун ба вуҷуд омадаанд. Масалан, дар сиёсатшиносии Ғарб, доираи баҳсҳо акнун на байни "объективистҳо" ва "субъективистҳо", балки дар байни тарафдорони равишҳои реалистӣ ва либералӣ–идеалистӣ ҷараён дорад.

Намояндагони реализм чунин мешуморанд, ки «манфиатҳои миллӣ бидуни истисно категорияи бунёдии ҳамаи давлатҳои ҷаҳонанд ва беэътиноӣ кардан ба онҳо на танҳо хато, балки бениҳоят хатарнок хоҳад буд». Яъне манфиати миллӣ аз нуқтаи назари онҳо на танҳо бо маҷмӯи манфиатҳои шаҳрвандон маҳдуд намешавад, балки омилҳои зиёди объективонаи иҷтимоию иқтисодӣ, геополитикӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

Бовуҷуди серистеъмол буданаш, пайдоиши ибораи "манфиатҳои миллӣ" дар фарҳанги сиёсии мо таърихи чандон тулонӣ надорад. Баробари ворид шуданаш ба фарҳанги сиёсӣ, атрофи манфиатҳои миллии тоҷикон фаҳмишҳои комилан нав ба вуҷуд омаданд. Пеш аз ҳама, маълум шуд, ки манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ як чиз нестанд.

Дарвоқеъ, аз нигоҳи миқёс "манфиатҳои миллӣ" назар ба мафҳумҳои "манфиатҳои давлатӣ", "манфиатҳои ҳаётан муҳим" ва ғайра, ки дар амалияи сиёсӣ истифода мешаванд, васеътар мебошад. Манфиатҳои миллӣ василаи ҳамгироӣ, ифодаи ниёзҳо ва арзишҳои ҳаётан муҳими шахс, ҷомеа ва давлат ба ҳисоб мераванд. Дар асоси ин гуфтаҳо манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон натиҷаи эҳтиёҷи омма барои зинда мондан, амният ва рушди кишвар, инчунин, баланд бардоштани дарҷаи некӯаҳволии аксарияти шаҳрвандон маънидод намуд.

"Манфиати миллӣ" консепсияи бунёдӣ ва аз ҷиҳати методологӣ муҳими сиёсати давлатӣ буда, асоситарин самтҳои рушди миллат, роҳҳои тавсеаи қудрати он, инчунин, амалкарди роҳбарияти кишвар ва тамоми мақомоти давлатиро ифода мекунад, ки ба нафъи мардум ва тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон равона шудааст.

Аз ҷиҳати фарогирӣ, он нисбат ба мафҳумҳои "манфиатҳои давлатӣ", "манфиатҳои ҳаётан муҳим" ва ғайра, ки дар амалияи сиёсӣ истифода мешаванд, васеътар мебошад. Манфиатҳои миллӣ василаи ҳамгироӣ, ифодаи ниёзҳо ва арзишҳои ҳаётан муҳими шахс, ҷомеа ва давлат ба ҳисоб мераванд. Дар асоси ин гуфтаҳо манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон натиҷаи эҳтиёҷи омма барои зинда мондан, амният ва рушди кишвар, инчунин, баланд бардоштани дарҷаи некӯаҳволии аксарияти шаҳрвандон маънидод намуд.

Муаллифони китоби "Манфиатҳои миллии Тоҷикистон" чунин мешуморанд, ки "манфиатҳои миллӣ" ниёзҳо ва манфиатҳои даркшудаи давлат аст, ки бо мавқеи иқтисодӣ ва геополитикӣ, анъанаҳои фарҳангию таърихии давлат, зарурати таъмини амният, муҳофизати аҳолӣ аз таҳдидҳои беруна ва вайронкориҳои дохилӣ, офатҳои экологӣ, инчунин, ҳадафҳои умедбахши рушди кишварҳо асос ёфтааст[5].

Дар адабиёти ватанӣ ва сиёсӣ оид ба мундариҷаи истилоҳи «манфиатҳои миллӣ» нуқтаи назари гуногун мавҷуданд. Дар раванди рушди таърихӣ, қайд мекунад муҳаққиқи тоҷик С.С.Ятимов, «инсоният, дурусттараш қисми элитаи он, масъулияти ба зиммаи ӯ вогузоршударо дарк намуда, барои дар шакли формулаҳо инъикос намудани ин консепсия, истилоҳи «манфиатҳои миллӣ»–ро ба матнӣ иҷтимоию сиёсии ҷомеа дохил кардааст[6]. Муҳаққиқони дигари тоҷик чунин мешуморанд, ки «таърифи манфиати миллӣ на танҳо ба дарк ва огоҳии воқеият аз ҷониби субъекте, ки онро ташаккул медиҳад, балки аз самтҳои арзишии ӯ, "ҷанбаҳои ҷаҳонбинӣ, хусусиятҳои шахсӣ ва дараҷаи таъсири гурӯҳҳои манфиатдор ба он вобаста мебошад[5]".

Ҳамин тавр, манфиатҳои миллӣ ин таносуби ниёзҳои миллат бо шароити мавҷуда ва омилҳои татбиқи онҳост. Мутаносибан, дар зери фишори омилҳо ва шароити нави рушди ҷаҳон – тавсеаи соҳаҳои нуфузи иқтисодӣ, такмили воситаҳои иртиботи оммавӣ, интернатсионализатсияи тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, пайдоиш ва шиддат ёфтани мушкилоти глобалӣ, афзоиши майли одамон ба демократия, шаъну қобилияти шахсӣ ва некӯаҳволии моддӣ манфиатҳои миллӣ ба таври назаррас дигаргун мешаванд ва шакл мегирад.

Дар баробари ин, манфиатҳои миллиро бидуни чунин шароити мавҷудияти давлат, ба монанди суботи дохилӣ, некӯаҳволии иқтисодӣ, ҳаёти маънавии ҷомеа, амнияти ҳарбӣ–стратегӣ, амнияти экологӣ, сиёсати мусоиди хориҷӣ ва нуфузу эътибор дар арсаи ҷаҳонӣ таъмин кардан ғайриимкон аст.

Агар мо ин манфиатҳоро дар маҷмӯъ баррасӣ кунем, пас манфиатҳои миллию давлатӣ дар асоси параметрҳои геополитикӣ, захираҳои давлат ва бо дарназардошти шумораи зиёди самту соҳаҳои ба ҳам алоқаманди манфиатҳо, афзалиятҳо ва ғайра муайян карда мешаванд. Ин афзалиятҳо дар сатҳи муайяни рушди иқтисодии кишвар, аҳамият ва ҷойгоҳи он дар арсаи ҷаҳонӣ, анъанаҳои милливу фарҳангӣ ва ғайра ташаккул меёбанд.

Бояд қайд кард, ки таъмини манфиатҳои миллӣ танҳо дар заминаи тавозуни мақсадҳои зикршуда ва иборат аз системаи кушоди унсурҳои ба ҳам вобаста ва ҳамдигарро пуркунанда ба даст оварда мешавад. Таъмини пурраи ҳар кадоми онҳо танҳо аз нуқтаи назари консептуалӣ имконпазир мебошад, дар амалияи бошад, ҳолатҳои мавҷуд набудани ягон унсур ва шароит ё

рушди нокофии онҳо ба назар мерасанд, ки тавассути рушди интенсивии дигар ҷанбаъҳои он ҷуброн карда мешаванд. Таъмини ин тавозун аз моҳият ва санъати татбиқи муваффақонаи манфиатҳои миллии ин ё он давлат вобастагии қавӣ дорад. Афзалияти асосӣ дар ин самт манфиатҳои аввалиндараҷа ва ҳаётан муҳими миллатҳо: ҳифзи тамомияти арзӣ, соҳибихтиёрӣ дар қабули қарорҳо оид ба сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, рушди иқтисодӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ, ки аз ҳамкорӣ бо муҳити беруна вобастагии қавӣ доранд, маҳсуб меёбанд.

Ба манфиатҳои миллии дигар ҳамон манфиатҳое шомил мебошанд, ки аз мушкилоти мушаххаси рушд ё ҳолатҳои буҳронӣ бармеоянд. Ин манфиатҳо тағйирёбанда буда, вобаста ба вазъи ба вуҷуд омадаистодаи байналмилалӣ доимо ислоҳ мешаванд. Татбиқи онҳо тавсеа, афзоиш ва тақвияти миқёси манфиатҳои ҳаётан муҳимро пешбинӣ мекунад. Аммо, самти асосии сиёсии давлат ҳамеша ба манфиатҳои афзалиятноки миллӣ такя мекунад, ки ҳатто ҳангоми тағйир ёфтани самтҳои алоҳидаи сиёсати давлат ва самти стратегии он бетағйир боқӣ мемонанд. Дар навбати худ, устувории стратегия аз он вобаста аст, ки он то чӣ андоза ба ин манфиатҳои афзалиятноки миллӣ ҷавобгӯ мебошад.

Ин гурӯҳбандии манфиатҳои миллӣ аз рӯйи миқёс ва инчунин, аз рӯйи сатҳи аҳамият ба ҳар давлат дахл дорад. Аз тарафи дигар, манфиатҳои миллӣ метавонанд аз як ҳалқа ба доираи дигар гузаранд ва вобаста ба вазъи минтақавию ҷаҳонӣ, инчунин, омилҳое, ки вазъи кунунии рушди иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодиро муайян мекунанд, тасҳеҳ карда шаванд.

Мусаллам аст, ки барои ислоҳоти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ субот ва амнияти дохилӣ ва берунии давлат муҳим мебошанд, ки бидуни онҳо давлат ба шикаст рӯ ба рӯ хоҳад шуд.

Амният ҳолати набудани таҳдид, хавфу хатар ба ҳастӣ ва мавҷудияти механизмҳои боэътимоди ҳифз мебошад, ки бехатарии субъекти ҳастиро кафолат медиҳад. Аз замони пайдоиши башарият, вазъи амният асоситарин ниёзи инсон, муҳимтарин шарти зиндагӣ ва устувории системаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Ҳолати субъективии амният аз замонҳои дур танҳо натиҷаи фаъолият мебошад. Азбаски ҳастӣ комилан бехатар буда наметавонад, муҳофизат низ мутлақ буда наметавонад, таҳдид ҳамеша имконпазир аст, пас ҳолати бехатарии инсон вобаста аз муваффақияти ӯ дар самти таъмини бехатарии ҳастӣ вобаста аст, яъне аз он ки ба инсон чӣ қадар муяссар шудааст, барои анҷом додани фаъолиятҳои худ шароити нисбатан мусоидро фароҳам орад. Мо дар пайравӣ бо як қатор муҳаққиқон миллатро пеш аз ҳама ҳамчун ваҳдати давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мешуморем[7].

Ин аст, ки дар қатори дигар давлатҳо, Тоҷикистон пайваста ҷонибдори таъмини амният ва субот дар Осиёи Марказист. Хусусияти ин минтақа, мавқеи геополитикии он чунин аст, ки дар сурати мураккабшавии вазъият, метавонад ба "бомба"–и ноустуворӣ дар минтақаҳои дигар гардад. Гуфтан кифоя аст, ки дар Осиёи Марказӣ тақрибан ҳаштод миллион нафар одамон ба гурӯҳҳои гуногуни қавмӣ ва динӣ зиндагӣ мекунанд. Дар ин ҷо силоҳи ҳастаӣ ва аслиҳаи маъмулии қудратҳои бузурги харобиовар ҷамъ оварда шудаанд.

Аҳамияти манфиатҳои миллӣ барои давлат ва халқ имкон медиҳад, ки ҳар гуна таҳдид ба ин манфиатҳо ҳамчун масъалаи амнияти миллӣ баррасӣ карда шавад. Аз ин рӯ, ҳам манфиатҳои миллӣ ва ҳам амнияти миллӣ ба таври органикӣ ба ҳам пайваст ва бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд.

Дар шакли умумӣ, амнияти миллӣ – қобилияти давлат барои аксуламали муносиб ба таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ ё бартараф кардани онҳо бо истифода аз воситаҳои инфиродӣ ё дастаҷамъӣ мебошад.

Аз нуқтаи назари методологӣ маҳз манфиатҳои миллӣ асоси бунёдии воситаҳои омӯзиши мушкилоти амнияти миллиро ташкил медиҳанд, ки чун «ҳолати ҳимояи манфиатҳои ҳаётии шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ», ба таносуби се унсури асосии худ: манфиатҳо – таҳдидҳо – ҳимоя асос ёфтааст [8].

Мусаллам аст, ки амнияти миллӣ танҳо аз омилҳои муҳити беруна ва таҳдидҳо вобаста нест. Сиёсати амниятӣ барои вокуниши кофӣ ба таҳдидҳо ва чолишҳои гуногун таҳия шудааст, ки на танҳо дорои хусусияти ҳарбӣ ва сиёсӣ, балки хусусияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Ба ибораи дигар, он бояд ба таҳдидҳое, ки на танҳо аз берун, балки аз дарун ба миён меоянд, вокуниш нишон диҳад ва ҳам суботи берунӣ ва ҳам дохилии давлатро таҳким бахшад.

Ҳадафи таъмини амнияти миллӣ, дар маҷмӯъ, кафолати ваҳдат, соҳибихтиёрӣ ва истиқлоли давлат, тамомияти арзӣ ва сохти конститутсионии он, инчунин, ҳаёт ва моликияти шаҳрвандон мебошад. Метавон гуфт, ки амнияти миллӣ тавассути пешбурди сиёсати ягонаи давлатӣ, системаи тадбирҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ, низомӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра ба даст оварда мешавад.

Дар ҷаҳони баҳамвобастаи имрӯз як чиз маъмулӣ шудааст, ки амнияти давлатҳоро танҳо тариқи тадбирҳои дастаҷамъӣ кафолат додан мумкин аст. Ин фаҳмиши амният бо як қатор ҳолатҳо вобаста аст, ки дар байни онҳо имкониятҳои маҳдуди ҳар як давлат сабаб мешавад.

Пайдоиши таҳдидҳои нав сиёсатмадорон ва олимонро водор месозад, ки роҳҳои ғайримуқаррарии амнияти кишвари худро таҳия кунанд. Дар ин ра-

диф таҳдидҳои ғайримуқаррарӣ дар мадди аввал қарор мегиранд. Имрӯзҳо дар тамоми қаламрави пасошӯравӣ се намуди таҳдидҳои ғайримуқаррарии амният бартарӣ доранд: ҷиноятқории муташаккил, аз ҷумла қочоқи маводи мухаддир ва шустушӯи пул, сипас терроризм дар ҳама шаклҳо ва зуҳуроти он ва ниҳоят, таҳдидҳои марбут ба муҳоҷират, ҷудоихоҳии қавмӣ ва хушунат. Чунин таҳдидҳо барои бисёр давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ аҳамияти махсус доранд.

Мушкилоти болозикр ба андозаи зиёд тавассути рушди фавқулодаи робитаҳои ба ҳам вобаста, ки ҷаҳонишавӣ номида мешаванд ва инчунин иртиботи бидуни марз ба вуҷуд омадаанд. Чун дар ҳама равандҳои дигари иҷтимоию иқтисодӣ, ҷаҳонишавӣ низ ҷанбаҳои мусбат ва манфии худро дорад. Агар мо ҷанбаи мусбат, имкониятҳое, ки ҷаҳонишавӣ тавассути афзоиши самаранокии иқтисод дар заминаи баҳамвобастагии иқтисодӣ ё афзоиши вуруди сармоягузорӣ фароҳам меорад, дида бароем, пас мо метавонем тахмин кунем, ки аз ин нуқтаи назар аксари кишварҳои ИДМ хеле суст "ҷаҳонӣ" шудаанд.

Ҷанбаи манфиии ҷаҳонишавӣ аз бисёр ҷиҳат ба мушкилоти якхелаи кишварҳо дар самти таъмини амнияти миллӣ алоқаманд мебошад ва ҳатто давлатҳои дар робита бо ҷаҳонишавӣ пешрафта низ гирифтори он мебошанд. Терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, шустушӯи пул ва ғайра, аз ҷумлаи таҳдидҳое мебошанд, ки кишварҳои пасошӯравӣ барои мубориза бо онҳо қобилиятҳои техникӣ ва молиявии хеле камтар доранд.

Бояд зикр намуд, ки сохтори системаи муносибатҳои байналмилалӣ ба таври мушаххас тағйир ёфтааст. Дар натиҷаи тағйироти баамаломада, муқовимати шадиди дуқутба ҷойи худро ба маҷмӯи муносибатҳои сустназоратшавандае супорид, ки бар пояи қобилият ва манфиатҳои қудратии кишварҳо асос ёфтааст. Тавре ки аксар вақт дар системаи муносибатҳои дохилии сиёсӣ ба мушоҳида мерасад, холигии қудрат дар системаи муносибатҳои байналмилалӣ зуд аз ҷониби ҳама гуна неруҳои экстремистӣ ва дигар қувваҳои харобиовар пур карда шуда манфиатҳои миллӣ ва амнияти миллиро дар ростои хатарҳои ҷиддӣ қарор медиҳад.

Ҳамин тариқ, дар адабиёти ватанӣ ва сиёсӣ атрофи манфиатҳои миллӣ нуқтаи назари гуногун мавҷуданд. Ихтилофи асосӣ дар атрофи масъалаи барандагони асосии манфиатҳо ба мушоҳида мерасад. Баъзе муҳаққиқон ин мафҳумҳоро муродиф меҳисобанд, дигарон бошанд, дар бораи моҳияти фарқкунандаи онҳо андеша меронанд. Ба андешаи мо "манфиатҳои миллӣ" дар шакли умумии худ ин робитаи эҳтиёҷоти миллат бо шароити ҳозира ва омилҳои нав ва шароити рушди ҷаҳонӣ – тавсеаи соҳаҳои иқтисодӣ, беҳбудии иртиботи оммавӣ, интернатсионализатсияи ҳама ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, пайдоиш ва шиддат ёфтани мушкилоти глобалӣ, хоҳиши афзояндаи

мардум ба демократия, шаъну шарафи шахсӣ ва беҳбудии моддӣ – “манфиатҳои миллӣ” ба таври назаррас тағйир меёбанд. Хуллас, манфиатҳои миллӣ дар ҳаёти ҳар як давлат нақши пешбаранда доранд ва бидуни манфиатҳои муштарак, ки ниёзҳои асосии тамоми аҳолии давлатро инъикос мекунанд ва ҳифзу зинда мондани онро таъмин мекунанд, кишварҳо ба шикасти ҷиддӣ рӯ ба рӯ хоҳанд гашт.

АДАБИЁТ

1. Философский энциклопедический словарь.–М.: Советская энциклопедия.1983.–С.2014.

2. Поздняков Э.А. Нация. Национализм. Национальные интересы.–М.:Прогресс, 1994.– С.78

3. Гареев М. А. Национальные интерсы и военная доктрина: Материалы заседания круглого стола «Армия и общество»//полис.–1994.–№ 4.–С. 153–157

4. Цыганков А.П. Моргентау: взгляд на внешнюю политику//Власть и демократия: зарубежные ученые о политической науке.–М., 1992.–С.162–180

5. Махмадов А.Н., Асадуллоев И.К. Национальный интерес Таджикистана (методическое руководство). Душанбе: ООО «Авесто», 2009.–С.9

6. Ятимов С. Асарҳо. Ҷилди 7. Идеология ва манфиати миллӣ.–Душанбе, 2019.–С.15.

7. Общая теория национальной безопасности /Под общ.ред. А. Прохожева. – М.: РАГС, 2002.– С. 21.

8. О безопасности.//Российская газета.–1992.– 6 мая.

ПОНЯТИЕ И КЛАССИФИКАЦИЯ «НАЦИОНАЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ» В ПОЛИТОЛОГИЧЕСКИХ НАУКАХ

ИСМОИЛОВ СИНО РУСТАМОВИЧ,
соискатель института политологии, философии, права национальной Академии наук Республики Таджикистан,
ведущий специалист Управления анализа и прогнозирования внешней политики Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 89;
тел.:(+992) 934-74-77-77; e–mail: r.sino01@yahoo.com

Автор в данной статье анализирует термин «национальных интересов», а также исследует их основные теоритические направления. Наряду

с этим, автор изучает общность «государственной безопасности» и связанными с ней факторами, которые выражают тесную взаимосвязь национальных интересов и государственной безопасности. Необходимо заметить, что национальные интересы, государственная безопасность и жизненно важные интересы, являясь разными терминами в научной классификации, дополняют друг друга. Полемика термина «национальных интересов» имея давнюю историю в политологических науках, в зависимомсти от специфики международных интересов и политических процессов начинает приобретать своё устойчивое положение в современной науке.

Ключевые слова: *Республика Таджикистан, национальные интересы, государственная безопасность, жизненно важные интересы, глобализация, международные отношения, политические процессы*

CONCEPT AND CLASSIFICATION OF "NATIONAL INTERESTS" IN POLITICAL SCIENCES

ISMOILOV SINO RUSTAMOVICH,
Postgraduate studentat the Institute of Political Science, Philosophy, Law of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan,
Leading Specialist of the Department for Analysis and Forecasting of Foreign Policy of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave 89;
phone.:(+992)934-74-77-77; E–mail: r.sino01@yahoo.com

The author in this article analyzes the term "national interests", and also explores their main theoretical directions. Along with this, the author studies the generality of "state security" and related factors that express the close relationship between national interests and state security. It should be noted that national interests, state security and vital interests, being different terms in the scientific classification, complement each other. The controversy of the term "national interests" having a long history in political science, depending on the specifics of international interests and political processes, begins to acquire its stable position in science.

Keywords*: the Republic of Tajikistan, national interests, state security, vital interests, globalization, international relations, political processes*

УДК:331.5.024.5

АНАЛИЗ ПРЕДОСТАВЛЕНИЯ УСЛУГ СЛУЖБ ЗАНЯТОСТИ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

ДЖУРАХОНЗОДА САОДАТИ ХУРСАНД,
кандидат экономических наук, заместитель директора
Центра стратегических исследований
при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 89;
тел. +992 907- 98-69-13; e-mail: s.mutieva@mail.ru,

В статье рассмотрены основные направления деятельности служб занятости, которые направлены на снижение уровня безработицы и бедности в стране. Проведен анализ предоставления услуг служб занятости населения Республики Таджикистан за последние 5 лет в области профессиональной подготовки кадров и повышение квалификации, по вопросу трудоустройства, трудоустройства через службы занятости по отраслям и тд.

Ключевые слова: *служба занятости, рынок труда, трудоустйство, профобучение, работодатели, работа с населением, подготовка кадров, вакансии.*

В современных условиях важное значение приобретает вопрос о трансформации трудовых отношений в экономике страны, возникновение их новых форм в связи с функционированием рыночных отношений. Взаимодействие трудовых и рыночных отношений, возникающих в сфере труда, значительно и непосредственно оказывает влияние на его эффективность. Именно эффективный труд как более качественный и производительный обеспечивает рациональное использование природных и материальных ресурсов и на этой основе увеличение объема производства жизненных благ, удовлетворяющих потребности людей. Важнейшая задача экономической науки заключается в том, чтобы обосновать методологические подходы и научные принципы к исследованию трудовых отношений, содействующих не только повышению эффективности труда, но и улучшению качества услуг центров занятости на рынке.

Услуги на рынке труда оказываются преимущественно Агентством труда и занятости населения Министерства труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан. В регионах Республики оно представлено

Главными управлениями Агентства труда и занятости населения по регионам Республики Таджикистан, которые были созданы 3 марта 2007 года постановлением Правительства Республики Таджикистан, № 102 на базе действующих центров по трудоустройству. Финансирование управлений осуществляется за счет средств республиканского бюджета.

Услуги службы занятости на рынке труда оказываются с применением современных информационных технологий. В 1991 г. началась деятельность по автоматизации работы службы занятости. Сначала специалисты вручную заполняли карточки персонального учета, перелистывали подшивки поступивших данных о вакансиях для подбора подходящего рабочего места, с 1995 г. каждый специалист был обеспечен автоматизированным рабочим местом.

Сейчас в службах занятости Республики Таджикистан автоматизированы практически все операции, которые требуют определенной работы. К ним, на наш взгляд, можно отнести:

- учет и оперативное оформление информации о вакансиях;
- персональный учет обратившихся в службу занятости;
- подбор вакансий для обратившихся;
- начисление пособий и стипендий;
- учет информации о направлении безработных на обучение;
- тестирование по профориентации;
- другие участки работы.

Рассмотрим основные направления деятельности Главных управлений Государственного агентства по труду, занятости населения по регионам Республики Таджикистан, которые направлены на снижение уровня безработицы и бедности в стране.

Работа с населением. Наибольшее распространение получили услуги по трудоустройству и профориентационному содействию. С 1991 г. динамично развивается такое направление, как профессиональная подготовка, переподготовка, повышение квалификации безработных граждан с целью их трудоустройства. Наблюдается спад числа безработных, направленных на профессиональное обучение. Если в 2008 г. на профобучение было направлено 20411 чел., в 2009 - 20932 чел., то за 2012 г. эта цифра составляет 20019 человек (см.: табл. 1). В профессиональное обучение входят такие направления, как: профессиональная подготовка, повышение квалификации и стажировка на предприятиях и организациях.

Таблица 1

Профессиональная подготовка кадров и повышение квалификации на предприятиях и в организациях по регионам Республики Таджикистан (человек) [5; 156]

	2015	2016	2017	2018	2019	2015г. к 2019 г., в %
Всего по Республике Таджикистан, в том числе:	**21888**	**29987**	**46507**	**53220**	**49750**	**227,29**
ГБАО	**8**	**119**	**123**	**106**	**271**	**в 33 раз**
Хатлонская область	**2632**	**2293**	**1700**	**3218**	**3988**	**151,5**
Согдийская область	**9672**	**19258**	**23106**	**26502**	**28262**	**292,20**
гор. Душанбе:	**9390**	**4880**	**7393**	**6351**	**6140**	**63,38**
РРП	**4426**	**3136**	**14183**	**17043**	**11089**	**250,5**

Данные таблицы показывают, что по всем регионам страны, кроме города Душанбе, наблюдается увеличение объема услуг по переподготовке кадров. Хатлонская область, как в абсолютном, так и в относительном значениях находится на четвертом месте, после ГБАО, Согдийской области и РРП.

Профобучение проводят в таких образовательных учреждениях, как Центры обучения взрослых Агентства по труду и занятости населения; учебно-курсовые комбинаты, технические школы, отделы предприятий и организаций; учреждения начального профессионального образования; учреждения среднего и высшего профессионального образования, институты повышения квалификации и их филиалы; другие образовательные учреждения.

Также Агентством по труду населению оказываются такие виды услуг, как профориентационное содействие и психологическая помощь, здесь можно получить профессиональную информацию; профессиональную консультацию; психологическую поддержку.

Общественные работы проводятся службами занятости начиная с 1992 г. Организация общественных работ проводится как в целях материальной поддержки безработных граждан, так и предотвращения явлений застойной безработицы. Необходимо чтобы и предприятия были заинтересованы в организации общественных работ. С этой целью администрациями районов, городов и областей установлены льготы на прибыль предприятиям, участвующим в проведении общественных работ.

Заинтересованность работодателей определяется тем, что они имеют возможность выбрать достойного работника из числа практикантов, а заработная плата, в период прохождения молодежной практики, частично компенсируется из фонда службы занятости (до 50 % средней заработной платы на предприятии и до 50 % заработной платы по отрасли в городе).

С 1994 г. службы занятости населения Республики Таджикистан помогают безработным не только найти работу по своей профессии, но и организовать собственное дело, заняться предпринимательством. Специалисты службы занятости оказывают консультационные услуги, помогают составить бизнес-план, проводят тестирование. При заключении годового договора о содействии в организации собственного дела значимым является и предоставление субсидии, рассчитанной в размере 12-месячного пособия по безработице, причитающегося безработному. Основными видами предпринимательской деятельности являются услуги населению: производство товаров народного потребления; художественные ремесла; торгово-закупочная деятельность.

В работе службы занятости существуют формы психологической поддержки безработных. Очень многие безработные, имея неплохое образование и опыт, оказываются неспособны правильно провести собеседование с работодателем, составить анкету или резюме, подчеркнуть свои сильные стороны, да и просто неуверенны в себе. Преодолеть эти трудности помогают специалисты и психологи, работающие в службе занятости.

Работа с предприятиями. Службы занятости населения разрабатывают и развивают новые направления своей деятельности на каждый год, руководствуясь при этом требованиями, которые диктует динамично развивающийся рынок труда.

Организация ярмарок вакансий с участием безработных и работодателей позволяет в полной мере использовать возможности широкого информирования граждан о свободных рабочих местах, а также об услугах, которые оказывает населению и работодателям государственная служба занятости населения. Такие мероприятия мотивируют граждан к активному поиску работы, дают высокий процент трудоустроенных, а также направляют их на переподготовку. В 2019 г. по программе содействия занятости было проведено 685 ярмарок рабочих мест.

Для оказания реальной помощи в поиске работы гражданам, особо нуждающимся в социальной защите, в управлении занятости г. Душанбе с 1993 года ведется работа по квотированию рабочих мест на предприятиях, на основе договоров, заключаемых между органами местного самоуправления и работодателями. Постановлениями глав администраций районов города

при участии служб занятости предприятиям устанавливаются квоты на прием или сохранение рабочих мест для каждой слабо защищенной группы населения (инвалиды, многодетные и др.).

С 1994 г. Агентством по труду и занятости населения Республики Таджикистан реализуется программа оказания безвозвратной финансовой помощи предприятиям. Помощь выделяется на конкурсной основе - предприятиям, признанным победителями конкурса бизнес-проектов по организации дополнительных рабочих мест.

Также служба занятости населения готова оказать предприятиям и предпринимателям помощь в подборе кадров. У службы занятости населения есть постоянные клиенты среди работодателей, с которыми сложились устойчивые отношения. Предприятие подает заявку на свободные рабочие места, а служба занятости производит подбор кандидатур из числа граждан, которые состоят на учете в службе занятости, а также из тех, кто просто обратился за консультацией.

В 1999 г. в Республике Таджикистан был создан банк высококвалифицированных специалистов, который содержит информацию не только о безработных, которые состоят на учете службы занятости, но и о занятых гражданах, желающих поменять прежнее место работы на более престижное и высокооплачиваемое.

Кроме этого, сотрудничество с предприятиями осуществляется по следующим направлениям:

- работа по предупреждению массового высвобождения;
- работа с подлежащими высвобождению работниками;
- работа по подготовке и переподготовке безработных;
- организация общественных работ.

Созданию более тесных контактов с работодателями способствует проведение и других мероприятий, таких как «ярмарки вакансий», «дни открытых дверей», «дни безработного», выездные семинары, выездные отделы кадров, которые обеспечивают взаимодействие работодателей и наемных работников, либо их представителей для решения основных вопросов найма.

Наибольшее распространение получили трудоустройство, профориентационное содействие и психологическая помощь, профобучение, направление части обратившихся граждан на досрочную пенсию. При этом агентством особое внимание уделяется численности лиц, обратившихся по вопросу трудоустройства в службы занятости населения (см.: табл. 2).

Таблица 2

Численность лиц, обратившихся по вопросу трудоустройства в службы занятости Республики Таджикистан (тыс. человек) [6; 139]

	1992	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**1992г. к 2019 г., в %**
Всего обратившихся по вопросу трудоустройства, в том числе:	40,2	**77,3**	**79,6**	**92,6**	**106,5**	**2,6 раз**
незанятые трудовой деятельностью	39,4	**77,3**	**79,6**	**92,6**	**106,5**	**2,7 раз**
в % от обратившихся	98,0	100	100	100	100	102
занятое население и учащиеся, желающие работать в свободное от работы (учебы) время	0,8	-	-	-	-	-
в % от обратившихся	2,0	-	-	-	-	-
трудоустроено	13,0	**39,1**	**49,5**	**63,1**	**76,4**	**5,8 раз**
в % от обратившихся	32,3	**50,6**	**62,1**	**68,1**	**71,7**	**2,2 раз**

За исследуемый период спрос на услуги Государственного агентства по труду и занятости населения Республики Таджикистан со стороны обратившихся граждан был неравномерным: в 1998-1999 гг. наблюдался спад (с 44674 чел. до 26542 чел. или на 40 %), с 2016-2019 гг. - произошло увеличение (от 77,3 тыс. чел. до 106,5 тыс. чел. или на 36,7%).

Динамика изменения численности трудоустроенных граждан имеет тенденцию к увеличению: начиная с 2015 года, количество трудоустроенного через службы занятости населения стабильно возрастает: в 2016-2017 гг. рост составил 26,6 % (в 2010 г. было трудоустроено 53,6 тыс. чел.), а в 2018-2019 гг. – 21 % (см.: табл. 3).

Таблица 3

Распределение населения трудоустроенного через службы занятости по отраслям Республики Таджикистан (человек) [5; 151]

	2015	2016	2017	2018	2019	2015г. к 2019 г., в %
Всего по Республике Таджикистан, в том числе по формам собственности:	37952	39067	49480	63115	76374	в 2,1 раза
- государственная	21012	20375	26294	35873	40330	191,9
- негосударственная	16940	18692	23186	27242	36044	В 2,12 раз
По отраслям:						
- промышленность	2439	3125	3672	4940	4554	186,7
-сельское хозяйство	4827	5316	6548	8166	9004	186,5

- строительство	3881	3319	3307	3684	5520	142,2
- здравоохранение	5213	5472	5558	6032	7249	139
- образование	445	592	7159	7745	10202	В 23 раз
- другие отрасли	10136	9806	14448	21076	26863	В 2,6 раз

За исследуемый период динамика численности граждан, поставленных на учет в службах занятости в качестве безработных, имела тенденцию к уменьшению. За период 2015-2020 гг. этот показатель увеличился на 11,8 % и составил в 2020 г. 49,0 тыс. чел (что на 6,5 тыс. чел. меньше, чем в 2015г.). По г. Душанбе также численность безработных, зарегистрированных в службе занятости, имеет тенденцию к увеличению. Так, если в 2015 г. безработных по городу Душанбе было 2,5 тыс. чел., то уже в 2020 году их насчитывалось 3,3 тыс. чел., т.е. на 32% больше. Если сравнить данные за январь 2015-2020 гг., то численность безработных сократилась только в Хатлонской и Согдийской областях. РРП и ГБАО по данному показателю показывают увеличение. (см.: табл. 4).

Таблица 4

Численность безработных, зарегистрированных в службах занятости по регионам Республики Таджикистан, на 1 января (тыс. человек) [5; 140-141]

	2015	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**2015г. к 2020 г., в %**
Численность безработных всего по Республике Таджикистан, в том числе:	55,5	51,0	53,1	49,7	47,5	49,0	88,2
ГБАО	3,3	3,0	4,4	4,9	5,1	4,5	136,4
Хатлонская область	24,3	21,0	18,9	16,0	15,0	14,6	60,1
Согдийская область	10,9	11,0	10,8	9,7	8,1	8,9	81,6
гор. Душанбе:	2,5	2,7	2,5	2,5	2,7	3,3	132
РРП	14,5	13,3	16,6	16,6	16,6	17,6	121,4

Дар мақола роҷеъ ба нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки аз 26 январи соли 2021 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Ҳамзамон, дастовардҳое, ки ҷумҳурӣ дар зарфи сӣ соли соҳибистиқлолӣ ба даст овардааст, бахусус дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, музди меҳнат, пардохти нафақаҳои иҷтимоӣ, таҳсилоти миёнаи касбӣ, мақоми занон дар ҷомеа мушаххасан қайд гардидаанд. Мусаллам аст, ки яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ тавассути таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи ҳадди ақали музди меҳнат, нафақа, нафақаҳои иҷтимоӣ ва дастгирии оилаҳои ниёзманд ба шумор рафта, батадриҷ андозаи пардохтҳои номбурда афзоиш меёбанд.

Калидвожаҳо: *Паём, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, музди меҳнат, пардохтҳои нафақаи иҷтимоӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ.*

Тайи сӣ соли Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеаи кишвар, алалхусус, дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, пешравиҳои назаррас рух додаанд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26

январи соли 2021, бо дарназардошти муҳиммияти нақши соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар рушди иқтисодӣ, суботи сиёсӣ ва боло бурдани сатҳи маърифатию фарҳангии ҷомеаи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол таъкид карда мешавад: «Дар марҳалаи кунунии пешрафти Тоҷикистон ба соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, илму маориф ва масоили гендерӣ афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад, зеро онҳо дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ нақши калидӣ мебозанд» [1].

Воқеан ҳам, устувории низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисодӣ ва суботи сиёсии ҳар кишвар маҳсуб меёбад. Дар ҳар давру замон сатҳи пешрафти иқтисодиёт ва иҷтимоёти ҳар як кишвар маҳз аз рӯйи дараҷаи ҳифозати иҷтимоии аҳолӣ, махсусан, таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ ба ниёзмандон ва аз тибқи сатҳи зиндагии аҳолӣ баҳогузорӣ мегардад.

Бо шарофати таваҷҷуҳи ҳамешагии Сарвари давлат, сол то сол ҷанбаи устувори иҷтимоӣ доштани сиёсати давлати мо бештар эҳсос карда мешавад.

Асосҳои қонунгузории низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва амалӣ намудани он аз меъёрҳои конститутсионию ҳуқуқӣ ва санадҳои байналмилалӣ доир ба ҳуқуқи инсон маншаъ мегиранд. Тибқи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷумҳурӣ давлати иҷтимоӣ маҳсуб ёфта, барои ҳар як фарди ҷомеа шароити мусоид ва арзандаи зиндагӣ ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Аз ин рӯ, таъминоти иҷтимоӣ хусусияти умумиҷамъиятӣ дорад, ҳар як фарди дорои имкониятҳои баробар, дар сурати ба миён омадани зарурат ва доштани асос, аз навъҳои гуногуни таъминоти иҷтимоӣ истифода бурда метавонад.

Дар Паёми Сарвари давлат вобаста ба вазъи иқтисодиву иҷтимоии мамлакат барномаи мукаммали пешрафти ҷомеа пешниҳод гардидааст. Пешвои муаззами миллат аз боби раванди номатлуби таъсири муассири пандемияи коронавирус ва паст рафтани фаъолнокии иқтисодӣ бо овардани далоили мушаххас ибрози назар намуданд ва бо қаноатмандӣ зикр карданд, ки дар айни замон сатҳи хуруҷи бемории COVID–19 коҳиш ёфтааст ва барои пешгирии мавҷи навбатии нав Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои заруриро андешидааст.

Чун дигар соҳаҳои калидии кишвар меҳвари Паёми солонаро таваҷҷуҳ ба масоили рушди соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ фаро гирифтааст. Масалан, буҷаи соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар ҳашт соли охир аз 1 миллиарду 740 миллион сомонии соли 2013 дар соли 2020 ба 2 миллиарду 100 миллион сомонӣ расонида шудааст [1].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, алалхусус, вазъи маъюбиятро ба эътибор гирифта, онро дар қатори дигар Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид ба “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва “Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2016–2020” ворид намуда буд. Ҳадафи қабули стратегияву барномаҳои давлатӣ, ин дастгирии табақаҳои осебпазири аҳолӣ, бахусус маъюбон мебошад. Бояд гуфт, ки тайи солҳои Истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ вазъи зиндагии шахсони дорои имконияти маҳдуд ба таври назаррас беҳбудӣ ёфта, пайваста андозаи пардохтҳои иҷтимоии онҳо зиёд мегардад. Ҷиҳати боз ҳам бештар боло бурдани сатҳи зиндагии ин табақаи ниёзманд Сарвари давлат дар Паёми навбатии худ пешниҳод карданд, ки аз 1 сентябри соли равон нафақаи маъюбон аз синни кӯдакӣ ва нафақаи кӯдакони маъюби то 18 – сола ба андозаи 20 фоиз, инчунин,, нафақаи маъюбони гурӯҳи якум ба андозаи 50 фоиз зиёд карда мешавад. Иқдоми Сарвари давлат имкон медиҳад, ки шароити иҷтимоии қариб 100 ҳазор нафар шаҳрвандон аз гурӯҳҳои осебпазири зикршуда беҳтар гардад [1].

Сарвати асосии ҳар як давлату миллат, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон сармояи рушдёфтаи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Нишондиҳандаҳои рушди неруи инсонӣ аз се самти асосӣ – дастрасӣ ба таҳсилот, тандурустиву дарозумрӣ ва сатҳи шоистаи зиндагӣ таркиб меёбанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 ноябри соли 1993 ба Конвенсияи № 142/150 (1975) Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат *“Дар бораи рушди захираи инсонӣ”* ҳамроҳ шуд, ки тибқи он давлат ба уҳдадорӣ гирифт, ки ҷиҳати таъмини зиндагии арзанда шароити мусоид фароҳам меоварад.

Ба хотири рушди минбаъдаи кишвар Пешвои муаззами миллат як пешниҳоди хеле муфиду арзишмандро дар Паёми худ ироа намуданд, ки он ба рушди минбаъдаи илму маориф тааллуқ дорад. Ҳадафи Пешвои муаззами миллат аз тақвият бахшидани илму маориф, ҷомеаи навини Тоҷикистони соҳибисиқлолро фарогир шудани тафаккури техникӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ мебошад. Маҳз омӯзиш ва пажӯҳиши пайваста ва мудомулумр доираи имконияти илмро ба воқеият табдил медиҳад ва ба он дар самти рушди тамоми ҷанбаҳои ҷомеа нақши калидиро медиҳад. Илм худ меҳвари асосии рушди ҳар як кишвар мебошад ва олимон захираи бузурги зеҳнии ҷомеа маҳсуб меёбанд.

Қобили ёдоварист ки бо ташаббуси Сарвари давлат солҳои 2020–2040–ро ҳамчун солҳои омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ эълон намудан, яке аз роҳҳои муассири расидан ба ин ҳадаф аст, зеро маҳз

дар замони ҷаҳонишавӣ илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ муҳимтарин рукни ҷаҳонбинии дунявӣ ба шумор мераванд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар гардидани вазъ дар самтҳои мазкур барномаҳои давлатӣ ва тадбирҳои иловагиро амалӣ карда, ба дастовардҳои назаррас соҳиб гардидааст.

Пешвои муаззами миллат дар Паёми хеш аз аҳаммияти роҳандозӣ гардидани ду иқдоми муҳим – озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Тоҷикистон — ватани азизи ман» ёдовар гардида, қайд намуданд, ки онҳо «…як нуктаи бисёр муҳимро собит намуданд: дар байни наврасону ҷавонони мо истеъдодҳои нодир ба воя расида истодаанд, ки мо бояд онҳоро ҳамаҷониба дастгириву ҳавасманд гардонем».

Бо мақсади боз ҳам бештар ба илм рӯ овардани аҳли зиёи ҷомеа, Пешвои муаззами миллат дар Паёми худ пешниҳод намуданд: «Ба хотири боз ҳам бештар ба омӯзиши илмҳои риёзиву дақиқ ва табиӣ ҷалб кардани наврасону ҷавонон, олимону муҳаққиқон ва устодону омӯзгорон ҳамасола озмуни ҷумҳуриявӣ зери унвони «Илм – фурӯғи маърифат» гузаронида шавад», ки он қобили таваҷҷуҳи ҷомеа гардид.

Аҳли илми тоҷик дар тӯли таърих на танҳо пешбарандаи фарҳангу тамаддун ва расму оини миллӣ, балки таквиятдиҳанда ва вусъатдиҳандаи давлатдории миллии мутамаддин ва пешрафта буданд.

Ҳадафи Роҳбари давлат аз ин ташаббусҳо, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳи саводу маърифатнокии аҳолӣ ва дар навбати аввал, наврасону ҷавонон, тақвияти ҳисси миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ва омӯхтани забон, таърих, фарҳанги бостонии тоҷикон, рушди доираи донишу ҷаҳонбинии илмиву техникӣ дар кишвар мебошад. Зеро ки илм ҳамчун унсури муҳимтарини фарҳанг ва шакли олии донишҳои инсонӣ, инчунин, нишондиҳандаи асосии фарҳанги миллӣ ва кафолати рушди бемайлони давлат низ маҳсуб меёбад.

Бо дарназардошти ин, аз ҷониби Пешвои муаззами миллат зимни ироаи Паём раванди донишандӯзии наврасону ҷавонон дар зинаҳои гуногуни таҳсилот мавриди таҳлили амиқ қарор гирифт. Дар ин радиф, Сарвари давлат таъкид намуданд, ки тибқи таҳлилҳо сатҳи касбияти коргарон ҳанӯз ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй набуда, ин масъала ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад.

Бояд тазаккур дод, ки маҳз тараққиёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар аз рӯйи мутахассисони салоҳиятнок рушд меёбад. Зарурат ва моҳияти ин масъала пеш аз ҳам дар он зоҳир мегардад, ки дар баробари тарққиёти илму техика ва технологияи замонавӣ, тарзу усули кор низ такмил меёбад ва талаботи зиёди касбиро ба миё меорад. Агар шахс дар интихоби касб хато

накунад, пас вай дар оянда сазовори комёбиҳо гашта, оилаи худ ва ҷамъиятро қаноатманд мегардонад. Ҳамзамон, таъкид гардид, ки имрӯз дар Тоҷикистон зарурат ва талабот барои ҷорӣ намудани омӯзиши садҳо ихтисоси дигар вуҷуд дорад.

Сарвари давлат қайд карданд, ки ҳоло дар кишвар 62 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯйи 97 ихтисос ва 5 маркази таълими калонсолон бо 41 филиал ва 21 намояндагӣ аз рӯйи 93 касб кадрҳои коргарӣ тайёр мекунад. Дар асоси дастури Пешвои миллат имсол дар заминаи литсею коллеҷҳои техникӣ боз 47 маркази ҳунарҳои миллӣ ва муосир барои омӯзиши 50 касбу ҳунар ба фаъолият шурӯъ менамояд [1]. Сарвари давлат аз он изҳори нигаронӣ намуданд, ки «қисми зиёди таҷҳизоти таълимӣ дар ин муассисаҳо фарсуда гардида, истифодаи таҷҳизоту технологияҳои муосир омӯзонида намешавад. Илова бар ин, дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва марказҳои таълими калонсолон китобҳои дарсӣ ва тахассусӣ намерасанд».

Бо назардошти вазъи мавҷуда, Пешвои миллат дар Паёми худ фармуданд, ки «барои ислоҳоти ҷиддӣ, азнавсозии низоми таълим ва таҳкими заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ чораҳои мушаххас андешида шаванд». Ин таъкиди Сарвари давлат барои ҳар як олиму коршиноси соҳаи илм бояд дастуре бошад, ки иҷрои билфосила ва ҳатмиро тақозо мекунад.

Дар баробари ин, вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм супориш гирифтанд, ки ҷиҳати таҷдиди назар кардани барномаву нақшаҳои таълими касбҳои коргарӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва таъмини муассисаҳои зикршуда бо китобҳои дарсӣ чораҳои заруриро ба роҳ монанд.

Тибқи ҳисоботи пешниҳоднамудаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020 дар 62 литсейи касбии техникӣ ва филиали МД “Литсейи касбии махсуси маъюбон” дар ноҳияи Рӯшон 1722 нафар омӯзгор ва 1004 нафар устои таълими истеҳсолӣ, дар маҷмӯъ, 2726 нафар фаъолият менамоянд. Дар соли таҳсили 2020–2021 теъдоди хонандагони муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз 22491 нафар иборат мебошад, ки аз ин шумора 4354 нафар духтарон буда, аз шумораи умумӣ 19809 нафар дар гурӯҳҳои буҷавӣ ва 2682 нафар дар гурӯҳҳои шартномавӣ таҳсил намуданд. Аз шумораи умумӣ 176 нафар (62 духтарон) маъюб ва 84 нафар (16 духтар) ятими кулл мебошанд[2].

Дар соли 2020 бо мусоидати мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар муассисаҳои таълимии системаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

дигар муассисаҳои таълимии дар ҷумҳурӣ фаъолиятдошта 14376 нафар шаҳрвандон, аз ҷумла, занону духтарони хонашин ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили ҳунарҳои «Қолинбоф» – 500 нафар, “Қуроқдӯз” – 1225, “Бофанда” – 1122, “Гулдӯзӣ” – 652, “Дӯзанда” – 7885, “Сӯзанидӯз” – 138, “Заргар” – 128, “Зардӯз” – 95, “Оҳангар” – 159, “Дуредгар” – 338, “Адрасбоф” – 366, “Сангтарош” – 6, “Ҷомадӯз” – 88, “Бофандаи маҳсулоти пашмин” – 30, “Кешбоф” – 12, “Сабадбоф” – 61, “Тоқидӯз” – 99, “Кулолгар” – 51, “Муҳрабоф” – 94, “Дӯзанда – гулдӯз” – 83, “Кандакор” – 51, “Ресанда” – 20, “Чакандӯз” – 472, “Попурдӯз” – 389, “Дӯзанда – бурранда” – 143, “Курпадӯз” – 16, “Гилембоф” – 82, “Нонпаз” – 38, “Дӯхти либосҳои миллӣ” – 20 ва “Пардадӯз” – 13 нафар занону духтарон ва шаҳрвандон ҷалб гардиданд [2].

Бо қаноатмандӣ бояд қайд кард, ки як иқдоми басе муфиди Сарвари давлат хеле саривақтӣ ва ба манфиати кори муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ мебошад. Пешвои муаззами миллат дар Паёми худ ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаҳои пешорӯйи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ қарордошта пешниҳод намуданд, ки «ба ҳар як муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз ҳисоби аъзои Ҳукумат, вакилони парламент, роҳбарони сохтору мақомоти марказӣ ва шаҳру ноҳияҳо якнафарӣ ба ҳайси сарпараст вобаста карда, дар зарфи ду соли оянда тамоми мушкилоту масъалаҳои ҷойдоштаи онҳо ҳаллу фасл карда шаванд».

Дар айни замон қисмате аз муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо барномаҳои муосири таъмин нестанд. Дар ин робита, зарурати такмили минбаъдаи низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба миён омадааст ва бо кор таъмин намудани ҷавонони соҳибихтисос дар сиёсати иҷтимоии давлат яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Яке аз унсурҳои асосии фаъолияти инноватсионии муассисаи таълимӣ, ин бо иттилооти муосири илмӣ – техникӣ таъмин намудани онҳо мебошад. Муассисаҳои таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар навбати аввал бояд бо шабакаи иттилоотии интернетии боэътимод ва баландсуръат, ки асоси онро техникаи муосири компютерӣ ташкил медиҳад, ба таври доимӣ пайваст гарданд.

Ин тадбир имкон медиҳад, ки барои ташкил ва доир намудани видеоконференсияҳо бо мақсади руйнамоии технологияҳои инноватсионӣ (намоиши технологияҳо бо риояи ҳуқуқҳо ба ҳифзи моликияти зеҳнӣ), табодули таҷрибаи корӣ, ташкили таҳсилоти фосилавӣ ва тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи инноватсия имконияти мусоид фароҳам гардад. Аксари муассисаҳои таълимӣ тавони ба таври алоҳида роҳандозӣ намудани фаъолияти муваффақонаи инноватсиониро надоранд, аз ин рӯ зарурати ба

роҳ мондани ҳамкориҳои онҳо бо шарикони рушди дохиливу хориҷӣ ба миён меояд.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамдастӣ бо шарикони рушд ва созмонҳои байналмилалӣ кӯшиш дорад, ки мутобиқи талаботи муосири бозори меҳнат мутахасисони рақобатпазирро омода намояд.

Дар ин ҷода махсусан, нақши лоиҳаи "Кумаки техникии Иттиҳоди Аврупо дар самти такмили ихтисоси муаллимони системаи таҳсилоти ибтидои касбӣ ва барномаи таълимӣ" ва лоиҳаи грантии Бонки Осиёии Рушд "Тақвияти таҳсилоти касбӣ– техникӣ ва омӯзишӣ" басе назаррас мебошад.

Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" дар соли равон маҳз бо дастгирии молиявии лоиҳаи "Кумаки техникии Иттиҳоди Аврупо дар самти такмили ихтисоси муаллимони системаи таҳсилоти ибтидои касбӣ ва барномаи таълимӣ" вазъи кунунии таснифгари касбҳо ва шуғлро дар системаи таҳсилоти ибтидои касбӣ дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқот қарор дод.

Таҳлили доиргардида собит намуд, ки воқеан ҳам санадҳои дар ин самт қабулшудаву татбиқшаванда ба талаботи имрӯзаи бозори меҳнат, махсусияти касбу вазифаҳои нав ва меъёрҳои байналмилалӣ чандон мутобиқат намекунанд.

Яке аз камбудиҳои ҷиддии "Таснифгари умумиҷумҳуриявии шуғлҳо" дар он аст, ки намудҳои дар бозори меҳнати амалкунандаи шуғл ва корҳо дар он вуҷуд надоранд. Масалан, ба рушди фаъолонаи шаклҳои нави хизматрасонӣ ва шуғл, ҳунармандӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар мамлакат нигоҳ накарда, онҳо амалан дар таснифот инъикос наёфтаанд. Ин раванди ташкили ҳунарҳои мардумӣ ва вусъатёбии минбаъдаи шуғли самарабахши ин гурӯҳи аҳолиро мушкил мегардонад.

Айни замон, Лоиҳаи «Тақвияти таҳсилоти касбии техникӣ ва омӯзиш»–и назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтаст, ки "Таснифгари умумиҷумҳуриявии шуғлҳо"–ро дар заминаи "Стандарти байналмилалии таснифоти шуғлҳо–2008" (ISCO–08) Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат омода намояд (рамзҳои касбҳо, рақамҳои назоратӣ, гурӯҳҳои заминавӣ ва дигар нишондиҳандаҳои он).

Сарвари давлат дар баромади худ олимонрро вазифадор карданд, ки «корҳои илмиву таҳқиқотиро дар доираи самтҳое, ки Ҳукумати мамлакат муайян кардааст, вусъат бахшида, дар рушди иқтисоди миллии кишвар фаъолона саҳм гузоранд».

Пешвои муаззами миллат бо мақсади дастгирии давлатӣ ва тақвияти вазъи иҷтимоии донишҷӯёну магистрҳо ва аспиранту докторантҳо пешниҳод намуданд, стипендияи онҳо аз 1–уми сентябри соли 2021 ба андозаи 30 фоиз зиёд карда шавад.

Қобили қайд медонем, ки Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ" тасмим гирифтанд, дар навбати аввал тадбирҳои зайлро татбиқ намоянд:

– доир намудани силсилаи семинарҳои омӯзиширо дар мавзӯъҳои мубрами рӯз, аз қабили масоили ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, танзими муносибатҳои меҳнатӣ, бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021;

– ба ҳайси лекторон–омӯзгорон ширкат намудан дар машғулиятҳои курсҳои такмили ихтисоси Муассисаи давлатии «Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» ва ба шунавандагон омӯзонидани муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳия намудан ва дар саҳифаҳои маҷаллаҳои илмӣ ва матбуоти даврӣ ба нашр расонидани силсилаи мақолаҳои илмӣ–оммавӣ роҷеъ ба масъалаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва роҳҳои бо шуғли арзанда фаро гирифтани шаҳрвандони қобили меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– гузаронидани мониторинги вазъи имрӯзаи истифодабарии технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии ҷумҳурӣ;

– гузаронидани таҳқиқот оид ба арзёбии меъёрҳои Конвенсияи №100 (1951) Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат "Дар бораи подоши баробари мардон ва занон барои меҳнати арзишаш баробар";

– омода ва ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани қарор дар бораи квотакунонии ҳатмии намояндагии занон дар роҳбарии ташкилоту муассисаҳо, новобаста ба шакли моликият.

Кормандони Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ходимони илмии Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" кӯшиш мекунанд, ки раванди таҳқиқот, алалхусус натиҷаҳои бадастомадаи илмӣ, омили фаъол дар ҷараёни иҷрои

вазифаҳои соҳаҳои меҳнат, муҳоҷират, бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ гарданд, зеро ки мавриди истифода қарор гирифтани натиҷаҳои таҳқиқот метавонад роҳи ба ҳадаф расидани мақомоти дахлдорро кӯтоҳу осон гардонад.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 http://www.president.tj/ru (санаи воридшавӣ ба сомона 2.02.2021 с.).

2. Ҳисоботи соли 2020 Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

ВОПРОСЫ НАУКИ, ОБРАЗОВАНИЯ И СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ НАСЕЛЕНИЯ В ПОСЛАНИИ ЛИДЕРА НАЦИИ

НАСРИДДИНОВ ФИРДАВС ИНОЯТОВИЧ,
начальника управления отраслевого развития Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел.: +992 (372) 227–15–83; e–mail:firdavsi.tj@mail.ru

МАХМАДБЕКЗОДА МОЁНШО ШОДМОН,
кандидат политических наук, директор Государственного учреждения «Научно – исследовательский институт труда, миграции и занятости населения»,
734026, Таджикистан, г. Душанбе, улица Н.Хувайдуллоева, 270[a] ;
тел.: +992 (372) 250–16–73; e–mail: sorbon4@inbox.ru

В статье анализируются отдельные аспекты Послания Президента Республики Таджикистан, Лидера нации Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики», внесенного в Маджлиси Оли Республики Таджикистана от 26 января 2021 года и их влияние на процессы развития указанных отраслей.

Также приводятся достижения страны за тридцать лет независимости, в частности, в области социальной защиты, заработной платы, пенсионного обеспечения, профессионального образования, положения женщин в обществе. Констатируется, что одной из основных целей Прави-

тельства Республики Таджикистан является сокращение бедности через создание новых рабочих мест, повышения минимальной заработной платы, пенсий, социальных пособий и поддержки малообеспеченных семей, а также постепенного увеличения размеров этих выплат.

Ключевые слова: *Послание, социальная защита населения, заработная плата, социальные и пенсионные выплаты, учреждения среднего профессионального образования.*

SCIENCE, EDUCATION AND SOCIAL PROTECTION OF THE POPULATION IN THE ADDRESS OF THE LEADER OF THE NATION

NASRIDDINOV FIRDAVS INOYTOVICH,
Chief Department of sector development
Center for strategic research under the President of the Republic of Tajikistan
734026, Tajikistan, city Dushanbe, city Rudaki ave. 40;
тel.992 (372) 227–15–83; e–mail:firdavsi.tj@mail.ru

MAHMADBEKZODA MOYONSHO SHODMON,
Ph.D. director of the State Institution "Scientific Research
institute of labor, migration and employment of the population"
734026, Tajikistan, Dushanbe city, st.,N.Huvaidulloev – 270[a] ,
тel. 992 (372) 250–16–73; e–mail: sorbon4@inbox.ru

The article analyzes certain aspects of the Address of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation Emomali Rahmon "On the main directions of domestic and foreign policy of the republic", submitted to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan on January 26, 2021 and their impact on the development of these industries.

It also cites the country's achievements over thirty years of independence, in particular, in the field of social protection, wages, pensions, vocational education, the position of women in society. It is stated that one of the main goals of the Government of the Republic of Tajikistan is to reduce poverty through the creation of new jobs, an increase in the minimum wage, pensions, social benefits and support for low–income families, as well as a gradual increase in the size of these payments.

Keywords: *Message, social protection of the population, wages, social and pension payments, institutions of secondary vocational education.*

УДК: 504.330.322. (575.3)

ЗАРУРАТИ МОНИТОРИНГИ АМНИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ҚОДИРЗОДА ДИЛОВАР БАҲРИДДИН,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини
вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
734024, Тоҷикистон шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад 13а;
телефон: +992 902-01-18-81; e-mail: dilovark@mail.ru

ҚАЮМОВА ШАҲЗОДА ТАҒОЕВНА,
номзади илмҳои иқтисодӣ, директори муассисаи давлатии таҳсилоти
"Коллеҷи омӯзгории шаҳри Турсунзода"–и
Вазорати маориф ва илм Ҷумҳурии Тоҷикистон
735000, Тоҷикистон, ш. Турсунзода, ҷамоати деҳоти ба номи
Турсун Туйчиев, деҳаи Дӯстӣ;
тел: (+992)907-98-22-02; e-mail: Shahi-76@mail.ru

Таъмини амнияти сармоягузорӣ дар ҳама марҳалаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа яке аз масъалаи муҳим ва рӯзмарраи системаи давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Таҷриба нишон медиҳад, ки маҳз амнияти сармоягузорӣ метавонад омили пешрафт ва рушди соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ гардида, барои таъмини шароитҳо бобати ҷалби сармоя ва сармоягузорон мусоидат намояд. Дар мақолаи мазкур амнияти сармоягузорӣ аз нуқтаи назарияи илмиву амалӣ арзёбӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: *Паём**,** амнияти сармоягузорӣ, рушди устувор, иқтисодиёти миллӣ, қобилияти мақомоти давлатӣ, афзор ва механизмҳо, баҳодиҳии амнияти сармоягузорӣ, маниторинг ва ҷалби сармоя.*

Таъмини амнияти сармоягузорӣ дар ҳама марҳалаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳим ва рӯзмарраи системаи давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, ки санаи 26 январи соли 2021 ироа гардид, доир ба ҷалби сармоягузорӣ омадааст: "Беҳтар гардидани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи мустақим барои таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии мо ба ҳисоб меравад" [5, с.2].

Таҷриба нишон медиҳад, ки маҳз амнияти сармоягузорӣ метавонад сабаби муҳимми пешрафт ва инкишофи соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ гардида, барои таъмини шароитҳо бобати ҷалби сармоя ва сармоягузорон мусоидат

намояд. Дар шароити иқтисодии кишвар таъмини амнияти сармоягузорӣ метавонад натиҷаҳои назаррасро дар самтҳои зерин татбиқ намояд:

– таъмин намудани рушди устувори иқтисодиёти миллӣ;

– муайян намудани ҳудуди сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар;

– муҳайё кардани фазои сармоягузорӣ бо татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ.

Бо ин мақсад зарур аст, ки омӯзиш, таҳлил ва баҳодиҳии тамоюлҳои асосӣ доир ба сармоягузориҳо, динамикаи онҳо, таҳлили вазъи сармоягузорӣ дар марҳалаи ҳозираи мамлакат гузаронида шаванд. Барои ин вазъи масъалаҳои зикршуда дар давоми солҳои охир дар миқёси кишвар ва дар минтақаҳои он, ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, ҳаҷму самаранокии онҳо ва омода намудани пешниҳодот ҷиҳати бартараф сохтани хатарҳои мавҷуда, муайян кардани роҳҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани ҳиссаи сармоягузориҳо дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар муайян карда шаванд.

Таҳқиқу пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки амнияти сармоягузорӣ қобилияти таъсиррасонии мақомоти давлатӣ ба ҷараёни сармоягузорӣ дар кишвар мебошад, ки рақобатпазирӣ ва рушди устувори иқтисодиёти миллиро таъмин мекунад. Дар ин ҷо дастгирии давлатии сармоягузорӣ муҳим мебошад. Чунин иқдоми пешгирифтаи давлат дар ин соҳа, пеш аз ҳама, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ барои рушди иқтисодиёт ва ҳавасманд гардонидани сармоягузорон дар бунёд намудани истеҳсолоти нав, таҷдиди истеҳсолоти амалкунанда бо истифода аз таҷҳизот ва технологияҳои пешқадами муосир, нигоҳ доштан ва муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, таъмин кардани сатҳи баланди хизматрасонӣ дар иқтисодиёти кишвар мебошад. Инчунин,, ҷалби сармоягузорӣ, татбиқи сиёсат аз ҷониби мақомоти ваколатдор, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, амалӣ карда мешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки то ҳол афзор ва механизмҳои аниқи муайян сохтани татбиқи сиёсати сармоягузорӣ аз ҷониби мақомоти дахлдор дуруст ба роҳ монда нашудааст. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта ин нуқтаи назарро муҳаққиқ Н.М. Захватов дар асари илмии худ чунин таъкид менамояд: "Ифодаи "амнияти сармоягузорӣ" то ҳол ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Баъзе муаллифон онро ҳамчун мавзӯи пурра омӯхтанашуда арзёбӣ намудаанд ва баъзе ин нуктаро ёдрас карда, дар ин бобат изҳори назар намудаанд" [4, с.201].

Дар айни замон вобаста ба истифодабарии сармоягузорӣ аз нуқтаи назари пажӯҳишгар А.С. Филатова қайд мешавад, ки таъмини рушд ва қувватдиҳии амнияти сармоягузорӣ аз рӯйи чунин самтҳо амалӣ мегарданд:

– таъмини иқтисодиёт бо миқдори кофии сармоягузориҳо барои дастгирии рушди устувори он;

– ташаккули сохтори мусоиди ҳудудӣ ва соҳавии сармоягузориҳо;

– амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузории амалишаванда дар сатҳи инноватсионӣ [8, с.304-307].

Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқоту пажӯҳишҳо барои баҳодиҳӣ ба амнияти сармоягузорӣ чунин самтҳоро зарур мешуморем:

– таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолнокии субъектҳои хоҷагидор;

– таҳлили динамика ва сохтори сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ (аз рӯйи фаъолият, тақсимоти ҳудудӣ, сарчашмаҳои маблағгузорӣ);

– баҳодиҳии миқёс ва маҳсулнокии ҷараёнҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёт.

Дар ҳақиқат, доир ба таъмин намудани амнияти истифодаи самараноки маблағҳои сармоягузорӣ олимон, коршиносон ва мутахассисон фикру ақидаҳои ба таври гуногунро пешниҳод намудаанд. Масалан, ба ақидаи муҳаққиқ А.Н.Асаул таҳлили амнияти сармоягузорӣ ниҳоят муҳим буда, гузаронидани он чунин қадамҳоро дар бар мегирад:

– муайян намудани таҳдидҳои амнияти сармоягузорӣ ва таҳияи таснифоти онҳо;

– таҳияи объектҳои мониторинги амнияти сармоягузорӣ;

–ташаккули маҷмӯи нишондиҳандаҳои зарурӣ барои ташхиси амнияти сармоягузорӣ;

–ташаккули нишондиҳандаҳои индикативӣ ва блокҳои ташхиси амнияти сармоягузорӣ;

– гузаронидани ташхиси индикативии вазъи амнияти сармоягузорӣ дар умум;

– ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаҳои вазъи амнияти сармоягузорӣ [1, с.325].

Бо дарназардошти гуфтаҳои болозикр, барои баҳодиҳии амнияти сармоягузорӣ индикаторҳои хавфҳои сармоягузорӣ–нишондиҳандаҳои ҳудудии инъикоскунандаи таъсири омилҳои иқтисодӣ ба амнияти сармоягузорӣ кумак-расонандаро истифода кардан зарур мегардад. Дар навбати худ индикаторҳои хавфҳои сармоягузорӣ бояд ба меъёрҳои амнияти сармоягузорӣ мутобиқ бошанд ва параметрҳои онҳоро дар сатҳҳои гуногуни зерин муайян кунанд:

– дар макросатҳ – дар сатҳи иқтисодиёти мамлакат;

– дар мезосатҳ – дар сатҳи минтақаҳо ва соҳаҳои иқтисодиёт;

– дар микросатҳ– дар сатҳи корхонаҳо, ширкатҳо ва коорпоратсияҳо.

Дар ҷараёни амалӣ намудани амнияти сармоягузорӣ ба бахши танзими ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ ва пояи қонунии он зарурати аҳамият додан пайдо мегардад. Амнияти сармоягузорӣ қисми таркибии амнияти умумии иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб меравад ва дар таъмини он нақши басо муҳим дорад. Одатан, маблағҳои сармоявии давлат ба рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, ки барои пешрафти он соҳаҳо нақши ҳалкунанда дорад, равона карда мешаванд. Бинобар ин, муҳаққиқ В.А.Богомолов дуруст қайд менамояд: "Амнияти иқтисодиёт, истиқлолияти кишварро дар бар гирифта, дар асри бисту як такяро ба лаёқати илмиву техникӣ муҳим мешуморад. Чунки босуръат рушд ёфтани иқтисодиёти кишвар аз илму техника, технологияҳои муосир вобастагӣ дорад, ки ин боиси ҷалб ва равона намудани сармоя ба ин самт мегарданд" [2, с.85].

Ҳамзамон, амнияти иқтисодии мамлакат ба хотири муайян намудани таъсири хатари ба миёномада ва пешгӯйӣ намудани он бо ёрии тарзи ташхиси махсус–усули мониторинг амалӣ карда мешавад. Дар адабиёт мафҳуми мониторинг–комплекси мушоҳидаҳо ва таҳқиқҳоро дарбар мегирад, ки тағийрёбиҳоро дар муҳити атроф вобаста ба фаъолияти одамон муайян менамоянд [3, с.36].

Дар ин ҳолат вазъи мушаххаси истифодаи самараноки маблағҳои сармоягузорӣ, мониторинг–усули муқоисаи мунтазами ҳолати воқеии иқтисодиёт бо ҳолате марбут мебошад, ки мувофиқи табъ аст. Ин ҷараён бо ёрии нишондиҳандаҳои махсус гузаронида шуда, вазъияти иқтисодиётро мавриди таҳлилу ташхис қарор медиҳад ва мувофиқи натиҷаҳои ба дастомада таклифу тавсияҳои зарурӣ пешкаш карда мешаванд. Аз ин ҷо ҳадафи таҳқиқоти амнияти сармоягузорӣ ба иқтисодиёти мамлакат дар он ифода меёбад, ки қобилияти иқтисодиётро дар бобати таъмини дархостҳои ҷамъиятӣ дар сатҳи миллӣ ва сатҳи байналмилалӣ муайян ва инчунин,, рақобатпазирӣ, кафолати бехатаргардонии онро аз ҳар гуна хавфу хатарҳо дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ таъмин намояд.

Одатан, дар сатҳи мамлакат ва минтақаву соҳаҳои алоҳидаи он бехатарии иқтисодиёт аз рӯйи даромаду хароҷоти воқеӣ, мубодилаи маҳсулоту хизматрасониҳо, истифодашавии захираҳо муайян карда мешавад. Вобаста ба он омилҳое ҷой доранд, ки истифодаи нодурусти онҳо метавонанд зарари муайянро ба иқтисодиёти миллӣ расонанд. Бинобар ин, чунин вазъияти ба вуҷудомада бояд ҳам аз ҷиҳати миқдорӣ ва ҳам аз ҷиҳати сифатӣ баҳо дода шавад.

Дар ин робита, дар натиҷаи таҳлилҳо муайян гардид, ки хатари иқтисодии дохилӣ аз таъсири омилҳои зерин ба вуҷуд омада метавонад:

1. Нокифоя ҷалб гардидани сармоягузорӣ ба соҳаи истеҳсолот ва дар натиҷаи он аз кор мондани корхонаҳои саноатӣ, аз даст додани бозорҳои молҳои истеъмолии дохилӣ ва бозорҳои хориҷӣ бо мақсади содирот. Дар натиҷаи кам гардидани таваҷҷуҳи сармоягузорон пастравии истеҳсолот, арзишмандии истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои ватанӣ на танҳо дар бозори ҷаҳонӣ, балки ҳатто дар бозори дохилӣ мавқеи худро аз даст доданд, ки ин боиси хатари иқтисодиёти дохилӣ мегардад.

2. Рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ маҳз бо сабаби истифодаи технологияи қафомонда, фарсудашавии фондҳои асосӣ, сатҳи баланди арзиши аслии маҳсулот, нарасидани мутахассисони касбӣ ҳам дар бозори рақобати нархӣ ва ҳам дар бозори рақобати ғайринархӣ паст мегардад. Азбаски маҳсулоти сифатан паст ва нархаш баланд дар бозор харидорони худро пайдо карда наметавонад, бинобар ин, корхона ба мушкилоти молиявӣ мувоҷеҳ мегардад ва натиҷаи ҳолати ба фурӯш бароварда натавонистани молаш корхонаро то ба муфлисшавӣ оварда мерасонад. Вазъи баамаломада ба ширкатҳои хориҷӣ имкон фароҳам меорад, ки саҳмияҳои корхонаҳоро ба пуррагӣ харидорӣ намоянд.

3. Сатҳи баланди монополизм дар иқтисодиёт яке аз сабабҳои афзоиши хатари пастравии иқтисодиёт мегардад. Монополист мафтуни моли худ шуда, хатари рақобати бозориро намебинад, эҳтиёҷот ва таваҷҷуҳи вай ба комёбиҳои илму техника кам мегардад, ки дар натиҷа неруи илмию техникӣ дар истеҳсолот ба таври зарурӣ истифода намегардад. Бо сабаби паст шудани интегратсияи илм бо истеҳсолот на танҳо мубориза барои сохтан ва баровардани молу маҳсулоти нави рақобатпазир фаромӯш мегардад, балки мутахассисони мавҷуда бо дарназардошти кам шудани таҷрибаю малакаи кориашон ба истифодаи дурусти технологияҳои муосир сарфаҳм рафта наметавонанд.

4. Сустшавии фаъолнокии сармоягузорӣ дар амалӣ кардани навгонию навовариҳо (инноватсионӣ) ва иқтидори илмию техникӣ низ ба иқтисодиёти дохилӣ таъсири манфӣ мерасонад. Масалан, агар дар Руссия – 1,24 дарсади маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, дар Фаронса ва ИМА – 3 дарсад, дар Ҷопон – 3,39 дарсад, дар Чин – 2 дарсад ва дар Исроил – 5 дарсади маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ барои илм ҷудо карда шавад, дар Тоҷикистон бошад, барои илм 0,09% -и маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ҷудо карда мешавад [7, с.121].

5. Сармоягузорӣ дар мамлакат бо дарназардошти маҷрои ғайриистеҳсолиро пеш гирифтан, боиси рушди соҳаҳои дигар ва коҳиши инкишофу пешравии истеҳсолот мегардад. Ҳоло маблағҳои асосие, ки ба иқтисодиёт сафарбар мешаванд, бештар ба соҳаҳои тиҷорат, хизматрасонӣ, роҳу нақлиёт ва дигар инфрасохтори зарурӣ равона карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, мебояд роҳҳои ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории истеҳсолӣ муайян ва амалӣ карда шаванд, то ин ки бо ҷалби маблағҳои сармоягузорӣ ба соҳаҳои соҳибкории истеҳсолӣ талабот ва завқи корӣ пайдо гардида, истеҳсоли маҳсулоти тайёру рақобатпазир ба роҳ монда шавад.

6. Номукаммалии сохтори истеҳсолот, махсусгардонии корхонаҳои мавҷуда бо истифода аз сармояи хориҷӣ, ки бештар на барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, балки ба истеҳсоли маҳсулоти нимтайёр ва ашёи хом нигаронида шудаанд.

Аз ин рӯ, содироти ашёи хом аз мамлакат бо нархҳои арзон ва воридоти маҳсулоти тайёри саноатӣ аз хориҷи кишвар бо нархҳои гарон пешниҳод мегардад. Масалан, соли 2017 дар таркиби маҳсулоти содиротии мамлакат ҳиссаи маҳсулоти маъданӣ 40,7 дарсад, филизоти арзонбаҳо ва маснуоти онҳо 19,1 дарсад, сангу филизоти қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо 17,8 дарсад, маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва маснуоти онҳо 15,2 дарсад, маҳсулоти рустанӣ 2,2 дарсад ва дигар молҳо 5,0 дарсадро ташкил додаанд. Вале таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки таърихан муомилоти ашёи хом ҳанӯз ягон мамлакати дунёро ба мамлакати рушдкарда ва тараққикардаи технологӣ табдил надодааст. Бинобар ин, пеш гирифтани самти индустриализиву аграрии рушди иқтисодиёти кишвар талаб мекунад, ки маҳсулоту хизматрасониҳои рақобатпазир ҳам барои бозори дохилӣ ва ҳам барои бозори беруна бароварда шаванд [7, с.26].

7. Пурзӯр гардидани вобастагии истеъмолоти шахсӣ ва иқтисодиёти мамлакат аз маҳсулотҳои воридотӣ. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳам дар бозори истеъмолӣ ва ҳам дар бозори корхонаҳо, фаровонии молу маҳсулоти бозор асосан аз ҳисоби молҳои воридотӣ таъмин карда мешаванд. Ба маҳсулоти ватанӣ кам таваҷҷуҳ ва афзалият зоҳир мегардад. Дар сохтори гардиши молҳо дар бозори дохилии мамлакат қариб 71 дарсадро молҳои воридотӣ ташкил медиҳанд. Фақат дар сохтори молҳои кишоварзӣ ҳиссаи картошка 97,9 дарсад, сабзавот – 99,4 дарсад, мевагӣ – 96,7 дарсад, гӯшт ва маҳсулотҳои гӯштӣ – 72,0 дарсад, шир ва маҳсулоти ширӣ – 99,1 дарсад, тухм – 63,7 дарсад, маҳсулоти нонӣ – 45,2 дарсад, равғани рустанӣ–11,7дарсад аз ҳисоби истеҳсоли ватании худӣ таъмин карда мешаванд [9]. Дар чунин ҳолат бозори истеъмолӣ ва бозори корхонаҳои мамлакат аз молҳои воридотӣ вобаста мешаванд. Бинобар ин, дар ҳолати ҷой надоштани иқтисодиёти воридотивазкунанда мустақилият ва соҳибихтиёрии иқтисодии мамлакат ноустувор мемонад.

8. Нобаробарии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳои мамлакат ба номусоидии шароитҳои табиию иқлимӣ, нобаробарии ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда, вайроншавии мувозинати байнисоҳавии иқтисодиёт ва сари вақт иҷро нагардидани барномаҳои асосноки дурнамои тараққиёт асос меёбад.

9. Ривоҷ ёфтани иқтисодиёти ниҳонӣ ва дар ҳисоб набуда (пинҳонӣ)– дар натиҷаи нодуруст гузаронидани дигаргунсозиҳои иқтисодии тобозорӣ ба муносибатҳои иқтисодии бозорӣ дар қайд набудан ё нодуруст ба ҳисоб гирифтани бисёр навъҳои фаъолияти ҷамъиятӣ, рӯйпӯш кардани даромадҳо ва пардохт накардани андоз, имконияти сафарбар шудани маблағҳои калон барои гирифтани пеши роҳи кушодашавии ҷиноятҳо, аз ҷумла ҷиноятҳои калони соҳаи иқтисодӣ.

Аз ин ҷост, ки дар соли 2020 ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ дар ҳаҷми умумии беш аз 5,4 млрд сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 1,3 млрд сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шуд. Бахусус соли гузашта бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ дар кишвар 300 коргоҳу корхонаҳои нави саноатӣ бо беш аз 6500 ҷойҳои корӣ, 157 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳсилоти миёнаи умумӣ ва биноҳои иловагӣ барои 63 ҳазор нафар хонанда, 108 муассисаи тиббӣ ва ба масоҳати беш аз 1,2 миллион метри мураббаъ манзили истиқоматӣ сохта, ба истифода дода шуданд. Дар ин давра зиёда аз 193 ҳазор ҷойҳои кори доимӣ ва мавсимӣ ташкил карда шуда, даромади пулии аҳолӣ 10 дарсад афзоиш ёфт [5, с.2] .

Ҳамин тариқ, пешравии иқтисодиёти миллӣ бештар аз ҷалби сармоя ба соҳаҳои гуногун, бахусус соҳаи саноат, бо таъсиси корхонаҳои саноатӣ, вусъат ёфтани барқароркунӣ ва аз нав маҷаҳҳазгардонии истеҳсолот, тавлиди истеҳсолоти нав, то ба маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани ашёи хоми мавҷуда ва бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, ба кор даровардани корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолӣ тавассути таҷдиди истеҳсолот ва татбиқи босамари имтиёзҳо дар самти дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ тавассути татбиқи сиёсати сармоягузорӣ вобастагӣ дорад.

АДАБИЁТ

1. Асаул А. Н. Модернизация экономики на основе технологических инноваций. – СПб: АНО ИПЭВ, 2008. – 606 с.

2. Богомолов В.А. Экономическая безопасность. –М.: ЮНИТ-ДАНА, 2009. – С.223.

3. Евдокимова Т.Г., Маховикова Г.А. Краткий словарь делового человека. – М.: Финансы и статистика, 1991. – С. 421.

4. Иқтибос аз Хрусталев Е.Ю., Славянов А.С. Проблемы разработки национальной инвестиционной стратегии в условиях финансовой нестабильности. // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. - 2009. - N 6; // Экономическая безопасность. 2008. N 10. с306.

5. Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ "Оид ба самтҳои сиёсати дохила ва хориҷии кишвар". Минбари халқ. 27 январи соли 2021, №4 (1298). С-2.

6. Рауфӣ А., Рабиева Т.М., Холиқов М.Ғ. Иқтисодиёти индустриалии инноватсионӣ асоси воридотивазкунӣ./Маводи конфроси байналмилалии илмӣ-амалӣ "Таъмини маҳсулоти воридот ивазкунандаи ватанӣ дар шароити рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамоҳангсозии кишварҳои Осиёи Миёна", 29-30 ноябри соли 2019. Қисми 2. –Душанбе: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 2019. – С. 121.

7. Рауфӣ А. Моҳияти иқтисодиёти индустриалӣ-аграрии Тоҷикистон. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2018. - № 4.

8. Филатова А. С. Инвестиционная безопасность РФ в современных условиях. // Молодой ученый. -2015. - №1. - С. 304-307.

9. Ҳисоби мо аз рӯйи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

НЕОБХОДИМОСТЬ МОНИТОРИНГА ИНВЕСТИЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

КОДИРЗОДА ДИЛОВАР БАХРИДДИН,
доктор экономических наук, профессор, заместитель Министра образования и науки Республики Таджикистан;
734024, Таджикистан, г.Душанбе улица Нисормухаммад, 13а;
тел.: +992 902-01-18-81; e-mail: dilovark@mail.ru

КАЮМОВА ШАХЗОДА ТАГАЕВНА,
к.э.н. директор Государственного образовательного учреждения
«Педагогического колледжа города Турсунзаде»
Министерства образования и науки Республики Таджикистан
735000, Таджикистан, г.Турсунзаде, сельсовет имени
Турсуна Туйчиева, село Дусти;
тел.: (+992) 907-98-22-02; e-mail: Shahi-76@mail.ru

Обеспечение инвестиционной безопасности на всех этапах социально-экономического развития общества является одним из важнейших и актуальных вопросов государственного строя. Опыт показывает, что инвестиционная безопасность может быть важным фактором развития различных секторов национальной экономики и способствует созданию условий для привлечения инвестиций и инвесторов. В данной статье представлена оценка инвестиционной безопасности с научно-практической точки зрения.

Ключевые слова: *Послание, инвестиционная безопасность, устойчивое развитие, национальная экономика, потенциал органов государственной власти, инструменты и механизмы, оценка инвестиционной безопасности, мониторинг и привлечение инвестиций.*

THE NEED FOR MONITORING INVESTMENT SECURITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

KODIRZODA DILOVAR BAHRIDDIN,
Doctor of Economic Sciences, Professor, Deputy
Minister of Education and Science,
13a Nisormukhammad Street, Dushanbe, Tajikistan, 734024;
tel: +992 902-01-18-81, e-mail: dilovark@mail.ru

KAYUMOVA SHAHZODA TAGOEVNA,
Candidate of economic sciences. Director of the state educational institution
«Pedagogical College in Tursunzade»
Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan
735000, Tajikistan, Tursunzade city, village council named after
Tursun Tuychieva, the village of Dusti;
tel: (+992) 907982202; e-mail: Shahi-76@mail.ru

Ensuring investment security at all stages of the socio-economic development of society is one of the most important and pressing issues of the state system. Experience shows that investment security can be an important factor in the development of various sectors of the national economy and helps to create conditions for attracting investments and investors. This article presents an assessment of investment security from a scientific and practical point of view.

Keywords: *investment security, sustainable development, national economy, the potential of state authorities, tools and mechanisms, investment security assessment, monitoring and attracting investments.*

УДК: 330.3(575.3)

ТАЪЙИНОТИ ВАЗИФАВИИ МУНОСИБАТҲОИ ТАҚСИМОТӢ ДАР ТАШАККУЛЁБИИ ДАРОМАДИ АҲОЛӢ

АКИЛҶОНОВ ФУРҚАТҶОН ШАРИФОВИЧ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти
байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
734055, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 63/3;
тел.: +992 93 -572- 77 -72; e-mail: furkat_75@mail.ru

Дар мақола шароити рушди муносибатҳои бозорӣ баррасӣ карда шуда, арзиш ва нархи меҳнат на танҳо бо маҷмӯи воситаҳои такористеҳсоли меҳнат, инчунин, бо таносуби талабот ва пешниҳод муайян карда мешавад. Яъне музди меҳнат бо мувофиқати тақозо ва арза дар низоми мувозинати умумӣ муайян карда мешавад. Диққати махсус ба ҷараёни таҷзияи қонуни такористеҳсоли меҳнат дода мешавад, ки мувофиқи он музди меҳнат ба як корманд нисбат ба арзиши меҳнат паст мегардад ва дар ин ҳолат функсияи чораҳои азнавтақсимкунӣ, ки ба баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат равона гардидаанд, фаъол гардонида мешавад. Мувофиқи ин ҳолат корфармо қувваи кориро вобаста аз қобилияти меҳнат, ки пеш аз ҳама, бо натиҷаи кор муайян карда мешавад, киро мекунад.

Калидвожаҳо: *қувваи корӣ, муносибатҳои бозорӣ, муносибатҳои тақсимотӣ, даромади аҳолӣ, музди меҳнат.*

Муносибатҳои тақсимотӣ дорои хусусиятҳои махсус мебошанд, ки ба амалигардонии пурраи вазифаҳои онҳо мусоидат менамоянд. Таъиноти функсионалии муносибатҳои тақсимотӣ дар илми иқтисодӣ доимо мавриди муҳокима қарор дорад, лекин дар амалия ба ин масъала диққати кам зоҳир карда мешавад.

Одатан, ду вазифаи муносибатҳои тақсимотиро ҷудо мекунанд: такористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонӣ. Е.И. Капустина гумон мекунад, ки “муносибатҳои тақсимотӣ дар ҷамъият бо мақсади таъминот ва васеъшавии такористеҳсоли қувваи корӣ, яъне тайёрии қувваи корӣ барои иштирок дар истеҳсолот аз мавқеъи маълумотнокии умумии коргар, сатҳи тахассусмандӣ ва саломатии ҷисмонии он” истифода мешавад [4, с. 5].

Таъиноти ҳавасмандгардонии муносибатҳои тақсимотӣ дар ҳама назарияҳои иқтисодӣ мушоҳида карда мешавад. Таҳлили адабиёти иқтисодӣ нисбат ба муносибатҳои тақсимотӣ имкон дод, ки чунин самтҳои асосии он дар вазифаи ҳавасмандгардонӣ ҷудо карда шаванд:

– афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва такомули он;

– баланд намудани тахассусмандӣ ва ҳосилнокии коргарон;

– фароҳам овардани шароит барои инкишофи қобилияти корӣ дар коллектив;

– ҳамоҳангсозии ягонагии низоми манфиатҳои иқтисосдии ҳама аъзоёни ҷамъият; - таъмини ҳаматарафаи инкишофи шахсият;

- мукаммалгардонии тарзи ҳаёт.

Аксари муҳаққиқон ҳама вазифаҳои ҳавасмандгардонии номбаршудаи муносибатҳои тақсимотиро ба музди меҳнат алоқаманд мекунанд. Пеш аз ҳама, чунин муносибат бо субъектон алоқаманд мебошад, ки дар натиҷа даромади тақсимшударо истифода мебаранд.

Дар адабиёти иқтисодии давраи Иттиҳоди Шӯравӣ дигар маънидодкуниҳои муносибатҳои тақсимотиро дарёфт кардан мумкин аст, ки диққати асосиро пеш аз ҳама ба баробарии заҳматкашон нисбат ба воситаҳои истеҳсолот ҷалб мекунанд. Чунин муносибат пурра ба идеологияи коммунистии давраи Иттиҳоди Шӯравӣ мутобиқат мекунад, зеро сарчашмаи асосии даромадҳои аҳолӣ дар ин давра музди меҳнат баромад карда, фарқгузории даромадҳои аҳолӣ бошад, бо таъиноти иҷтимоӣ, собиқаи корӣ ва мавҷудияти маҷмӯи имтиёзҳо муайян карда мешуд.

Гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ба тағйироти куллӣ дар муносибатҳои тақсимотӣ оварда расонид. Дар навбати аввал чунин тағйирот бо афзоиши даромадҳои номиналии аҳолӣ ва мавҷудияти таваррум, ҳодисаи номутаносибӣ дар эҳтиёҷоти истеъмолӣ ва талаботи пардохтпазири қисми зиёди аҳолӣ алоқаманд мебошад.

Музди кор оҳиста-оҳиста аз натиҷаи фаъолияти корхонаҳо ва саҳми меҳнатии коргар ҷудо шуд. Дар давраи гузариш тамоюли пардохти музди кор вобаста аз ҳосилнокӣ ва эҳтиёҷот ба коргар мушоҳида карда мешавад. Дар натиҷа фарқгузории даромадҳо ба назар мерасад, ки ба пуррагӣ ба хислатҳои сифатии қобилияти меҳнатии коргарон мувофиқат намекунад. Дар натиҷа муносибатҳои тақсимотӣ нақши ҳавасманд-гардониро аз даст дода, бо вазифаи такрористеҳсолӣ маҳдуд шуданд. Дар шароити муосир эътироф намудани қувваи корӣ ҳамчун мол ва зарурати ислоҳоти низоми пардохти меҳнат дар асоси назарияи арзиш худро пурзӯр кардааст.

Эътирофи арзиши қувваи корӣ дар таъиноти фуксионалии муносибатҳои тақсимотӣ ҳам дар вазифаи такрористеҳсолкунӣ ва ҳам дар вазифаи ҳавасмандгардонӣ ифода меёбад. Маъмул аст, ки таркиби меҳнатии ташаккулёбии даромадҳои аҳолӣ дар амалигардонии муносибатҳои тақсимотӣ нуқтаи асосӣ мебошад. Бо баробари ин фарқ дар хароҷоти меҳнат ҳаматарафа ба инобат гирифта мешавад. Ин бо он асос меёбад, ки хароҷоти меҳнати гуногунсатҳ дар тӯли як фосилаи вақт қобил буда, арзишҳои гуногунро тавлид менамояд. Масалан: меҳнати нисбатан мураккаб дар тӯли воҳиди вақт метавонад арзиши иловашудаи зиёдтарро ба вуҷуд оварад. Новобаста аз он, ки коргар вобаста ба вақт ва сифати кори худ музди меҳнатро ба даст меорад, қайд кардан зарур аст, ки чунин пардохти меҳнат ба арзиши қувваи корӣ мувофиқат намекунад. Азбаски қобилият ба кор аз худи инсон ҷудонашаванда аст, такрористеҳсоли қувваи корӣ ба такрористеҳсоли худи коргар дар асоси истеъмолоти маҷмӯи муайяни воситаҳои рӯзгузаронӣ баробар аст.

Маълум аст, ки К. Маркс ақидаи Малтус-Лассалро оид ба “қонуни оҳанини музди меҳнат” инкор карда буд, ки дар арзиши қувваи корӣ чорчӯбаи ҳадди ақали зиндагонии физиологиро гузошта буд. Воситаҳои ҳамарӯзаи муҳим бояд мавҷудияти биологии инсонро нигоҳ доранд, ки барои фаъолнокии меҳнатӣ неруву тавон медиҳад. Меҳнат ин яке аз шаклҳои мавҷудот буда, К. Маркс воситаҳои ҳаётиро ҳамчун зарурати нигоҳдории ҳолати коргар дар сатҳи муътадил муайян намуда аст, ки ба ин мафҳум фаҳмиши “унсури ҷисмонӣ” дохил карда, эҳтиёҷоти муқаррариро қонеъ мегардонад. Дар охири асри XIX А.Маршалл таркиби воситаҳои зарурии мавҷудияти коргарро баён намуда, қайд карда буд, ки агар коргарро аз ягон унсурҳои ин воситаҳо дур кунанд, ҳосилнокии меҳнати он ба монанди ҳосилнокии аспе, ки нигоҳубин карда намешавад, паст мешавад [5,с.128]. Бо баробари ин, ӯ қайд мекунад, ки ба ғайр аз воситаҳои ҷорӣ, воситаҳои анъанавӣ вуҷуд доранд, ки барои ҳосилнокӣ зарур нестанд. Лекин агар онҳо ҳангоми пардохти музди меҳнат ба инобат гирифта нашаванд, он гоҳ одамон одатан, аз воситаҳои ҷорӣ истифода мебаранд, дар ин ҳолат ҳосилнокии меҳнат аз сатҳи муқаррарӣ паст мешавад.

Дар шароити густариши муносибатҳои бозорӣ арзиш ва нархи қувваи корӣ на танҳо бо маҷмӯи воситаҳои такрористеҳсоли қувваи корӣ, инчунин,, бо таносуби талабот ва пешниҳоди он муайян карда мешавад. Яъне музди меҳнат дар натиҷаи мувофиқати талабот ва пешниҳод дар низоми мувозинатии умумӣ муайян карда мешавад. Бо баробари ин ҷудошавӣ аз қонуни такрористеҳсоли қувваи корӣ имконпазир аст, ки

«Маҳмуди Гардезӣ дар асараш «Зайн-ул ахбор» чунин меорад: Ҷамшед Наврӯзро бо шукронаи он, ки Худованд гармову сармову бемориву маргро аз мардумон гирифт ва сесад сол бар ин ҷумла буд, таҷлил намуд ва дар ҳамин рӯз буд, ки вай савори гӯсолае сӯйи ҷануб рафт ба ҳарби девон ва сиёҳон ва ба он ҳарб карду ҳамаро маҳқур кард.”[2.С.39.]

Осоршиносон ба ҷашни Наврӯз таърихи чандҳазорсолаҳо додаанд, аммо он бо пайдоиши худ чун олам азалию абадист. Аз ин рӯ, дар ҳамбастагӣ бо он шуури инсонӣ дар ҳар форматсияи ҷамъиятӣ кӯшиши кашф намуданашро кард ва асрору қонунҳои табиатро одамӣ вобаста ба дараҷаи даркаш шарҳу эзоҳ дод. Арзишҳои идеологӣ, аз ҷумла Наврӯзро, ки ба нафъи ҷамъият мебошанд, худи ҷамъият, яъне халқ пос медорад ва ҳеҷ гуна шаклҳои шуури ҷамъиятӣ наметавонанд онҳоро аз байн бубаранд ва монеаи ҷашнгириашон бигарданд. Мукаммал будани ин идея аз он ҳувайдост, ки ҳарчанд ҳанӯз аз даврони қадим ҷашн гирифтани Наврӯзро таърих гувоҳӣ диҳад ҳам, аз диди фалсафӣ, ки ба илм ва андеша кардан такя мекунад, ин чизест пештар ва бештар аз он. Дуруст аст, ки идеяи ҷашн гирифтани Наврӯз ба шуури ҷамъиятӣ иртибот дорад, аммо мавҷудияти Наврӯз марбут аст ба Шуури Кулл.

Далели дигар он аст, ки амсоли Наврӯз ва ҳам ин ҷашни бостонӣ дар олами ҳастӣ ва таърихи инсоният дигар иде вуҷуд надорад то ин дараҷа барои одам зарурӣ, чунки замин одамиро мехӯронаду мепӯшонад ва зоҳири ин эҳёгарӣ зуҳури табиат аст ва ботинаш нумӯи он. Чун дар ин рӯз ҳаёт бар марг, садо бар сукунат ва гармӣ бар сардӣ ғалаба мекунад, ки ин боиси дилгармии инсон, махсусан деҳқон мегардад ва ӯ донаи умед бар киштааш мепошад.

Одамӣ аз азал вобаста ба шуури инфиродиаш ба табиат сару кор гирифта, талаботи иҷтимоии худро қонеъ мегардониданд. Агар мантиқан тавақҷуҳ кунем, Наврӯз барои инсони ҳамондавраина рамзи аз табиат дарёфт кардани ризқу рӯзӣ, хурсандӣ, ҷашни олами ботинӣ буд, ки оҳиста–оҳиста, чун инсонҳо бо ҳам ҷамъ омаданд, дар муносибатҳои истеҳсолии ҳар форматсияи ҷамъиятӣ шуури ҷамъиятиро ба вуҷуд овард. Акнун таърих гувоҳ аст, ки инсон чи гуна онро дар марҳалаҳои гуногуни ҷамъиятӣ ҷашн мегирифт, ҷашн мегирад ва таҳқиқи он ба дӯши фалсафаи иҷтимоӣ ва илмҳои кумакрасонаш вогузор мегардад.

Мусаллам аст, ки дастури омода намудани суманакро, ки рамзи асосии Наврӯз аст, аввалин инсонҳое, ки дар ҳудуди Осиёи Миёна маскун шуданд, дар зимистони қаҳратун эҷод карда буданд. Мувофиқ ба ривоятҳо, дар ҳоле ки захираҳои ғизоии мардум тамом шуда буданд ва ҳанӯз сабзаи гандум наврусте шуда буд, мардум аз вазъи бади иҷтимоӣ ба пухтани суманак пардохтанд. Ингуна хӯрок онҳоро аз марг наҷот дод, яъне то баҳор расонид.

«Ҷашни Наврӯз зодаи хирад, андеша, ҷаҳонбинӣ, тафаккури гузаштагони бузурги мост ва маҳз ҳамин категорияҳои ахлоқию фалсафиро, ки ҷомеаи мо имрӯз аз ҳарвақта дида бештар ба онҳо ниёзманд аст, дар ниҳоди худ дорад» [1.]

Ҳар Наврӯз табиат дар шаш шакл – дар осмон, дар об, дар замин, дар наботот ва ҳайвоноту ҳатто инсоният аз нав зинда мегардад.

Ба масъалаи мавҷудияти тафаккури омиёнае, ки аҳёнан дар ҷаҳонбинии нокомил, гӯиё хосатан ҷашнгирии Наврӯз ба “оташпарастон”, ки дар дини Зардуштия роиҷ буд ва агар шахси мусулмон Наврӯзро ҷашн бигирад, оташпараст мешавад, розӣ шуда наметавонем. Чунки маълум аст, ки дар динҳои гуногуни ҷаҳонӣ мавқеи ҷойгирии унсурҳои асосии ҳастӣ – об, оташ, хок, ҳаво дида мешавад. Таваҷҷуҳ ба ин унсурҳо дар ҳама динҳо ҷой дорад, аммо ба таври хосатан яке аз онҳо дар таърих дар дини алоҳидае мавриди истифодаи бештаре мегардад, ки усулан барои поксозӣ бо анъанаҳои гуногун шакл гирифтааст. Масалан, оташ дар дини Зардуштия, об дар дини Ислому Насронӣ. Аммо: “Дар ин миён об аз умдатарин аносири табиат ба шумор меояд, ба тавре ки дар миёни адёни илоҳӣ ҳеҷ кадом ба андозаи дини муъбини ислом ба вижа Куръони карим ба мавзӯи об напардохтаанд.”[4.]

Дуруст аст, ки унсурони табиӣ аз азал мавриди таваҷҷуҳи инсоният қарор дошта, аз қадим то он ҷое мавқеъ пайдо намуда буд, ки вобаста ба ҷаҳонбинии ҳамондавраинаашон барои ҳар як унсури табиӣ худои махсус таъин мекарданд. Аз даврони қадим худои об ва оташ вуҷуд дошт. Бо вуҷуди баъдтар яккахудоиро парастиш намудан инсоният аз ин чаҳор унсури табиӣ дар зиндагии ҳаррӯза истифода менамуданд. Яъне дар даврони ислом низ об василае барои поксозӣ (вузӯъ) дар ҳолати таҳорат ва ҳатто дар ҳоли шустушӯ пеш аз гӯрондан истифода мешавад. Дар дини Насронӣ низ то ҳол аслан аз обпошӣ чун усули поксозӣ истифода менамоянд. Об унсури пок аст ва ҳам поккунанда аст. Дар дини Зардуштия низ оташ унсури поккунанада ба ҳисоб мерафт, аммо сабаб чӣ бошад, ки ақидаи “Наврӯз–зардуштиён–“оташпарастон” баъдтар дар тафаккури инсоният то андозае реша давонид....?! Шояд аз он лиҳоз ба унсурҳои табии обу оташ назари содалавҳона мекунанд, ки таваҷҷуҳи омиёнаи тарси таҳти таъсири эътиқоду парастиши худои обу оташ афтодан дар байни мардум ҳанӯз боқӣ монад....

Яъне худи Наврӯз ба оину дине вобастагӣ надорад ва танҳо ҷашнест, ки вобаста ба талаботҳои иҷтимоӣ, яъне аз хӯрдан ва ғизо асос мегирад. Оне, ки имрӯз дар фаҳмишҳои гуногуни ифротӣ ҷашнгирандагони Наврӯзро дар умум “оташпараст” меноманд, ҳеҷ алоқамандие ба эътиқоду имондорӣ дар мусулмонӣ надорад.

Дар мавриди эволютсияи табиӣ маҳз ба набототу ҳайвонот дар психологияи ҷамъиятӣ ва ҳатто шуури таърихӣ фаҳмишҳои гуногун боқӣ мондаанд. Хонатозакунӣ, хариди Наврӯзӣ, сайри Наврӯзӣ, талоши дарёфти солмҳои (салам- калимаи арабӣ) мусобиқаҳои варзишии Наврӯзӣ,

қалбҳоро пок гардонидан, чоршанбеи сурӣ, гулгардонӣ рафтан ба хонаи ҳамдигар, реҷаи ғизоӣ, ҳафтсин ва ҳафтшин, сездаҳ рӯзи ҷашн аз истилоҳот ва ибороте ҳастанд, ки ба шаклгирии ҷашни Наврӯз тақвият бахшиданд ва ҳамчунин, аз ривоятҳо низ бар он зам гардиданд. Байтҳои зиёде дар фолклор вуҷуд доранд, ки нозукона аз пайки Наврӯзӣ дарак медоданд. Масалан, дар айёми Наврӯзӣ кӯдакон бо суруду шодӣ ба даст гули сияҳгӯш гирифта, аз омад-омади баҳор ба ҳар хонадон чунин пайғом медоданд:

Гул овардам ба меҳмонӣ,

Ту қадри гул намедонӣ....

Ё ин ки шоири муосири тоҷик Забеҳуллои Сафо бо ду мисраъ шеър Наврӯзро чунин тавсиф менамояд, ки аз ҷаҳонбинии фалсафӣ доштани мардуми тоҷик бо дарки Наврӯзӣ гувоҳ медиҳад:

Ман фалсафаи баҳорро медонам,

Ҳамроҳии гул ва хорро медонам.

Чуноне ки қайд кардем, дар психологияи ҷамъиятӣ ва оинҳои мардумӣ ривоёт ва эътиқодҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд. «Мувофиқи ривояте дар замони шоҳ Ҷамшед шумораи ҷонварон чунон зиёд шуд, ки паҳнои замин ба онҳо танг гардид. Бинобар ин, бо қудрати Худованд замин се маротиба васеътар гардид ва он рӯзро рӯзи нав, яъне рӯзи васеъшавии заминро Наврӯз ниҳоданд.» [2.С.38]

Ҳамчунин, дар рӯзи чоршанбе ҷашн гирифтани Наврӯз ҳикмати худро дорад, чунки дар тӯли таърихи инсоният дар психологияи ҷамъиятӣ яке аз оинҳои неки Наврӯзӣ ─ поксозӣ, яъне аз гуноҳон худро пок сохтан ва аз гуноҳҳои дигарӣ гузаштан, ҳафтае пеш аз ҷашни Наврӯз шурӯъ мешуд ва ҳатман дар рӯзи чоршанбе амалӣ мегардид. Дар ин ҳафта гулханҳо ороста, аз болои оташ ҳафт маротиба мегузаштанд ва дар шаби охир ба сари якдигар об пошида, ҳатман аз болои оби ҷоришаванда ҳам мегузаштанд. Ин рӯзро “Чоршанбеи хушбахтӣ” меномиданд.

Ва ё, пеш аз ислом ҳафтае то омади Наврӯз ба гузаштагон бахшида мешуд ва аз рӯҳи онҳо наҷот аз ҳама бадиҳо хоста мешуд.

Аммо бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали чун мероси ғайримоддии ҷаҳонӣ эътироф гардидани Наврӯз, олимон, аз ҷумла тоҷикон Наврӯзро акнун на танҳо чун ҷаҳонбинӣ ва ё урфу одат медонистанд, балки барои таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни илмии он пардохтанд. Дар баробари онҳо мақолаи муаллиф низ дар маҷаллаи “Адабиёт ва санъат” соли 2012 бо номи “Назаре ба фалсафаи Наврӯз” чоп гардид. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳқиқу таҳлил аз Наврӯз ва барои ташаккули он дар ҳуввияти миллати тоҷик ҷанбаҳои таърихиву бостонӣ, асосҳои нуҷумии он, мавқеи Наврӯз дар динҳои гуногуни ҷаҳонӣ, ҳикмати ахлоқии Наврӯз, арзишҳои суннати Наврӯз, наврӯзгузаронӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, ҷойгоҳи Наврӯз дар тӯли таърих дар осори меросии мутафаккирону олимони тоҷик оид ба Наврӯз афзоиш ёфта истодааст.

Аз диди идеологияи ҷамъиятӣ имрӯз ҷашн гирифтан, зиёда аз он дарк кардани моҳияти Наврӯз ва дарёфти пайдоишу асли он амри зарурӣ аст.

Дигар, ин идея, хушбахтона, дар давлатдории имрӯзаи тоҷикон низ идеяи ташаккулёфтаест, ки тамоми шаклҳои шуури ҷамъиятӣ қабулаш кардаанд.

Ақл ва дарке, ки бо ҷонибдории кишварҳои азалиҳикмат дар боби аз ҷониби Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ба ҳайси ҷашни ҷаҳонӣ қабул шудани Наврӯз саҳми худро дареғ надошт ва он ба феҳристи ёдгории ғайримодии ҷаҳонӣ ворид карда шуд, боз як маротиба аз кишвари азалбунёд, хиради комили мардуми асолатпарвари тоҷик гувоҳ аст. Дигар ин ки набояд фаромӯш кард, ки имрӯз беш аз дигар форматсияҳои ҷамъиятӣ инсоният ба табиати зинда муҳтоҷ аст ва хосса, ба ин ҷашн, ки ҷашни зебоию фаросат, бедорию заҳмат, ҷашни паёму ваҳдату муҳаббат, покию садоқат ва дарки ҳакимона мебошад.

АДАБИЁТ

1. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат.//Суханронӣ зимни мулоқот бо зиёиён, 19 марти соли 1997: ҷилди дуюм. –Душанбе, «Ирфон», 2002.

2. Масъалаҳои омӯзиш ва таҳқиқи таърих ва фалсафаи Наврӯз.//Қурбонхонова Н.. Алоқамандии ҳайвоноту парандагон бо оини Наврӯзӣ: –Душанбе. «Империал групп». 2016. –С.170.

3. Назриева О.Ш. Адабиёт ва санъат. 20-уми марти соли 2012, –С.4.

4. Расонаи байналмилалии хабарии Қуръон. Аҳамияти об аз дидгоҳи ислом. https://kurdistan.iqna.ir/fa/news/ (санаи воридшавӣ рӯзи 05.02.2021, соати 12.18.)

5. Фахридини ИРОҚӢ. Ламаъот.//Таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти О.Назриева: –Душанбе, 2004.

ОСМЫСЛЕНИЕ ФИЛОСОФИИ НАВРУЗА

НАЗРИЕВА ОЙНИЁЛ ШАРИФОВНА,
кандидат философских наук, заместитель начальника управления анализа и прогнозирования внутренней политики Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел.: +992 37 2272093

В статье рассматривается взаимосвязь и равенство между происхождением Навруза и возникновением живого мира с философской точки зрения как науки и мировоззрения. Автор подчеркивает этот факт в произведениях Фахриддина Ираки.

По мнению автора, позиция празднования Навруза у разных мировоззрений и этносов почти одинакова, независимо от их интереса к природной стихии.

Ключевые слова: *философия Навруза, живая природа, равенство ночи и дня, природные элементы, религии.*

PERCEPTION OF THE PHILOSOPHY OF NAVRUZ

NAZRIEVA OYNIYOL SHARIFOVNA,
candidate of philosophical sciences, Deputy head of the Department of domestic policy analysis and forecasting, Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
89 Rudaki Ave., Dushanbe, , Tajikistan, 734025
telephone: +992 37 2-27-20-93.

The article examines the relationship and equality between the origin of Navruz and the emergence of the living world from a philosophical point of view as a science and worldview. The author emphasizes this fact in the works of Fahriddin Iraqi.

Author considers that the position of celebrating Navruz among different worldviews and ethnic groups is almost the same, regardless of their interest in the natural elements.

Keywords: *philosophy of Navruz, wildlife, equality of night and day, natural elements, religions.*

УДК: 338+351

РУШДИ БАЪЗЕ САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ СОҲАИ ТАНДУРУСТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ХУДОЙДОДОВА ФАРЗОНА ИСЛОМИДИНОВНА,
муовини сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел.: (+992) 937010683; e-mail: Farzon2705@mail.ru

НАЗИРОВА МАРҲАМАТ НАЗАРОВНА,
сармутахассиси Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел.: (+992) 918-42-91-84; e-mail: nmarxamat@mail.ru

Дар мақолаи мазкур масъалаи рушди баъзе самтҳои афзалиятнорки соҳаи тандурустии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ба ақидаи муаллифон, нақши сиёсати иҷтимоӣ дар соҳаи тандурустӣ бо фароҳам овардани шароити мусоид, рушди муносибатҳои баробарӣ ва боадолатӣ дар ҷомеа вазъи солимии ҳар як қишри ҷомеаро беҳтар мегардонад. Ҳамчунин, хизматрасониҳои босифати тиббӣ аз нерӯ ва донишу малакаҳои кормандони соҳа ва мавҷуд будани заминаи моддию техникӣ дар рушди соҳаи тандурустӣ нақши муҳим дорад.

Калидвожаҳо: *соҳаи тандурустӣ, самтҳои афзалиятнок, тибби оилавӣ, стратегияи миллии солимии аҳолӣ, соҳаи ҷарроҳӣ, кумакҳои иҷтимоӣ, хизматрасонии тиббию иҷтимоӣ, муассисаҳои тиббӣ.*

Дар раванди сиёсати иҷтимоӣ яке аз унсурҳои асосии амнияти миллӣ вазъи соҳаи тандурустӣ мебошад, ки бевосита ба саломатии миллат таъсир мерасонад. Солимии инсон ва ҷомеа, умуман, солимии миллатро аз фазои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар муйян карда мешавад. Сиёсати иҷтимоӣ дар соҳаи тандурустӣ ҳамон вақт натиҷабахш мегардад, ки агар қонунгузории соҳа хуб ба роҳ монда шуда, барномаю стратегияҳои самарабахш қабул карда шаванд. Дар ин раванд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аввали соҳибистиқлол гардидани кишвар баҳри ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидани сиёсати иҷтимоӣ дар самти тандурустӣ

пайваста кӯшиш менамояд. Давра ба давра вобаста ба мушкилоти соҳа ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид намуда, рафти иҷрои барномаю стратегияҳои қабулгардида таҳлил ва назорат карда мешаванд.

Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ барои такмили амнияти тандурустӣ як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд. Яке аз снаадҳои асосии меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи тандурустӣ Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки он аз 2 фасл, 29 боб ва 223 модда иборат мебошад. Кодекси мазкур дар таърихи соҳаи тандурустии кишвар бори аввал соли 2017 аз тарафи Маҷлиси намояндагон қабул гардида, бо ҷонибдории Маҷлиси Миллӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расидааст.

Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Қонун “Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ” ва дигар санадҳои қонунгузории соҳаи тандурустӣ қабул гардида, муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи тандурустӣ танзим менамояд ва ба таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба ҳифзи саломатӣ нигаронида шудааст. Ҳамзамон, низоми тандурустӣ, тартиби ташкил ва рушди фаъолияти тиббии давлатию хусусӣ, намудҳои кумаки тиббӣ, омода намудани кадрҳои соҳа, таъмини модару кӯдак бо кумаки тиббӣ, ҳифзи солимии ҷамъиятӣ, таъмини амнияти санитарию эпидемиологӣ, расонидани кумаки тиббӣ ба гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеа, назорати давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ, маблағгузории соҳа, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кормандони соҳаи тандурустиро танзим менамояд.

Баъди қабул гардидани Кодекси тандурустӣ тибқи боби 29, моддаи 222–и ин санад як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи соҳаи мазкур аз эътибор соқит карда шудаанд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июни соли 1991 “Дар бораи муолиҷаи маҷбурии бемории майзадагӣ ё нашъамандӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1997 “Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2002 “Дар бораи фаъолияти хусусии тиббӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2002 “Дар бораи солимии репродуктивӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2002 “Дар бораи ёрии равонпизишкӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2003 “Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2003 “Дар бораи ёрии наркологӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2004 “Дар бораи тибби халқӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2005 “Дар бораи муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 22 декабри соли 2006 “Дар бораи ҳимояи ғизодиҳии табиии кӯдакон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2006 “Дар бораи ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2007 “Дар бораи пайвандсозии (транплантатсияи) узв ва (ё) бофтаҳои инсон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 2009 “Дар бораи донории хун ва ҷузъҳои он”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009 “Дар бораи ҳимояи тиббию иҷтимоии шаҳрвандони мубталои диабети қанд”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010 “Дар бораи тибби оилавӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010 “Дар бораи иммунопрофилактикаи бемориҳои сироятӣ”) [1], зеро предмети танзими ин санадҳо пурра дар Кодекси мазкур оварда шудаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки самтҳои афзалиятноки амнияти тандурустии ҳар як кишварро аз рӯйи нишондиҳандаҳои демографӣ, сатҳи беморӣ, маъюбӣ, таъминоти заминаи моддӣ–техникӣ ва ғайраҳо муайян кардан мумкин аст, ки ин бевосита ба ҳаёти иҷтимоӣ–иқтисодии аҳолии кишвар таъсир мерасонад. Дар шароити муосири Тоҷикистон дар самтҳои гуногуни соҳаи тандурустӣ афзалиятҳои назаррас мушоҳида мегардад. Ҳифзи сиҳатии аҳолӣ ва расонидани кумаки тиббию санитарӣ ба аҳолӣ, пеш аз ҳама, ба модару кӯдак, ворид намудани раванди тибби оилавӣ, фаъолияти фарматсевтӣ, густариш намудани соҳаи ҷарроҳӣ, таъмини аҳолӣ бо муассисаҳои тиббӣ, рушди тибби хусусӣ ва ғайра самтҳои афзалиятноки амнияти тандурустӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар шароити муосир яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи тандурустӣ, ки аз “Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 –2020” бармеояд, рушди сифатноки кумаки аввалияи тиббию санитарӣ мебошад, ки бо тибби оилавӣ асос ёфтааст. Фаъолияти тибби оилавӣ дар ҷумҳурӣ аз солҳои 1998 ба роҳ монда шуда, нисбати фаъолияти дигар соҳаҳои тандурустӣ бартарӣ дорад. Зеро, пеш аз ҳама, бо он вобаста мебошад, ки як табиб метавонад дар самтҳои гуногуни соҳаи тиб кӯмаки тиббӣ расонад, алалхусус дар шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти дурдаст, ки дар он ҷо мутахассиси ин ё он соҳаи тиб намерасад. Дар ин самт вазифаи асосии тибби оилавӣ – огоҳ намудани аҳолӣ аз паҳн гардидани бемориҳои гуногун ва роҳҳои пешгирии он, ҳифзи аҳолӣ аз ҳар гуна бемориҳои сироятӣ мебошад.

Рушди тибби оилавӣ дар Тоҷикистон бо фармони Вазорати тандурустӣ аз 23 июни соли 1998, №236 «Оид ба зина ба зина гузаштани ташкили хизматрасонии тиббӣ бо принсипҳои табиби амалияи умумитиббӣ (табиби оилавӣ) барои солҳои 1998-2000» ва баъдан, бо мақсади рушди тибби

оилавӣ дар ҷумҳурӣ бо фармони Вазорати тандурустӣ аз 12 январи соли 2006, №13 «Оид ба рушди тибби оилавӣ» оғоз гардид.

Дар ин самт «Барномаи рушди тибби оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2015» амал мекард, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, №330 тасдиқ гардида буд [7]. Асоси тибби оилавиро табиб ва ҳамшираи тибби оилавӣ ташкил медиҳад. Раванди тибби оилавиро дар ҷумҳурӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010 “Дар бораи тибби оилавӣ” ба танзим медароварда. Чунончи, дар боло қайд намудем, соли 2017 бо қабули Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари як қатор қонунҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тибби оилавӣ” низ аз амал боз дошта шуд. Зеро ҳамаи он талаботе, ки оид ба раванди тибби оилавӣ дар қонуни мазкур дарҷ гардида буд, дар боби 11–уми Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

Имрӯз дар қаламрави ҷумҳурӣ раванди тибби оилавӣ хеле хуб ба роҳ монда шудааст, аммо дар ин самт норасоии духтурон ва кормандони миёнаи соҳаи тиб вуҷуд дорад, хусусан дар ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ. Баъди ворид намудани раванди тибби оилавӣ дар кишвар сатҳи расонидани кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дар муассисаҳои тиббӣ ва дигар бахшҳои соҳаи тандурустӣ рушд намуда истодааст. Ҳамзамон, метавон гуфт, ки як қатор нишондиҳандаҳои демографӣ, аз ҷумла сатҳи фавти модару кӯдак, дар байни аҳолӣ паст гардида истодааст. Масалан, тибқи таҳлилҳо дар замони соҳибистиқлолӣ нишондиҳандаи умумии фавт қариб ду баробар, аз ҷумла фавти кӯдакони синни то панҷсола 3,2 баробар кам шудааст. Инчунин,, дар ин давра аҳолии Тоҷикистон аз панҷуним миллион қариб ба 9,5 миллион нафар расида, беш аз 70 дарсад афзудааст [2].

Тибқи Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 – 2020 азнавсозии объектҳои тандурустӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб рафта, ҳамаи муассисаҳои тандурустӣ давра ба давра азнавсозӣ ва бо технологияҳои муосир таъмин карда мешаванд.

Дар стратегияи мазкур омадааст, ки дар марҳалаи якум бояд заминаҳои моддию техникии муассисаҳои тандурустии пойтахт, дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва шаҳрӣ, дар марҳалаи дуюм муассисаҳои тандурустии сатҳи вилоятӣ дар самти дастрасии аҳолӣ ба ташхиси томографияи компютерӣ, офталмодиагностикаи компютерӣ, маҷмӯи дастгоҳҳои реаниматсионӣ барои тифлони навзод ва ғайра, дар марҳилаи сеюм беморхонаҳои марказии ноҳиявӣ ва шаҳрӣ беҳтар гардонида шуда, бо таҷҳизотҳои зарурии тиббӣ муҷаҳҳаз гардонида шаванд. Вобаста ба ин, имрӯз ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам дар сатҳи вилоят, шаҳру ноҳияҳо аз тарафи Ҳукумати

кишвар ва худи аҳолӣ шабакаҳои моддию техникии соҳаи тандурустӣ беҳтар гардида истодааст.

Дар баробари маблағгузории соҳаи тандурустӣ аз тарафи буҷети давлат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста барои бартараф намудани камбудиҳои соҳа созмонҳои байналмилалиро барои кумак даъват менамояд, ки он метавонад рушди устувори иқтисодии кишварро таъмин намояд.

Баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист бо ҳамаи сохторҳои байналмилалӣ ҳамкории судмандро ба роҳ монад. Яке аз чунин сохторҳои байналмилалии намоён–Бонки Ҷаҳонӣ мебошад, ки бо дастгирии он дар самтҳои гуногуни рушд, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт, тандурустӣ, кишоварзӣ, пешгирии офатҳои табиӣ ва дигар соҳаҳои афзалиятнок дар ҳар гӯшаи мамлакат корҳои назаррас анҷом дода шуданд. Айни замон бо дастгирии ин созмони бонуфузи молиявӣ дар Тоҷикистон лоиҳаҳои зиёди сармоягузории давлатӣ дар соҳаҳои гуногун татбиқ гардида истодаанд.

Лоиҳаи «Беҳтаркунии хизматрасонии тиббӣ» мисоли хубест доир ба ин ҳамкорӣ, ки дар беҳтар намудани хизматрасонӣ дар самти кумаки аввалияи тиббӣ, бахусус дар минтақаҳои деҳот кӯмак мерасонад. Он аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ ва Фонди мақсадноки натиҷаҳои инноватсионӣ дар соҳаи тандурустӣ ба маблағи 33 миллион доллари ИМА маблағгузорӣ мешавад ва аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Бо омӯзонидани кормандони тиб, сохтмон ва ҷиҳозонидани муассисаҳои тиббӣ ва аз ҳама муҳим, бо пешниҳоди тавсияҳои мушаххас ва ҳавасмандгардонии молии кормандони соҳаи тандурустӣ ҷиҳати расидан ба натиҷаҳои беҳтар тавассути равиши «маблағгузории натиҷаи фаъолият», лоиҳа ба боло бурдани сатҳи фарогирӣ ва сифати хизматрасониҳои асосии кумаки аввалияи тиббию санитарӣ нигаронида шудааст.

Дар доираи лоиҳаи мазкур 37 маркази нави саломатии деҳот дар саросари мамлакат, аз ҷумла дар ноҳияҳои Фархор, Ёвон, Ҷалолиддини Балхӣ, Данғара, Девештич, Ҷаббор Расулов, Мастчоҳ, Файзобод ва Ишкошим бунёд шуда истодаанд. Зиёда аз 10 ҳазор корманди тиб омӯзонида шуданд, аз он ҷумла доир ба масъалаҳои нигоҳубини самарабахши модарон, кӯдакон ва калонсолоне, ки фишори баланд доранд. Ҳиссаи занҳои ҳомилае, ки духтури табобатӣ мунтазам ба онҳо ҳангоми ҳомиладорӣ кумаки тиббӣ мерасонид ва он раванди ҳомиладорӣ ва таваллудро нисбатан бехатар мекунад, дар ноҳияҳои лоиҳавӣ тақрибан 100

дарсадро ташкил медиҳад. Сифати кумаки тиббии дар муассисаҳои лоиҳа расонида ба ҳисоби миёна ба беш аз 20 дарсад дар марказҳои саломатии деҳот ва ба зиёда аз 30 дарсад дар бунгоҳҳои саломатӣ беҳтар гардид. Дар маҷмӯъ, беш аз як миллион нафар ё 14 дарсади аҳолии Тоҷикистон, бахусус занҳо ва кӯдакон, аз фаъолияти лоиҳа манфиат бардоштанд [7].

Яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи тандурустӣ, ки аз рӯйи он сатҳу сифати хизматрасонии тиббии ватанӣ муайян мегардад, ин густариши соҳаи ҷарроҳӣ мебошад. Ҷарроҳӣ яке аз нишондодҳои асосии хизматрасонии тиббӣ ба аҳолии кишвар маҳсуб меёбад, зеро агар баҳодиҳӣ барои табобати дигар гуруҳи бемориҳо нисбӣ бошад, мардум ба хизматрасонии тиббие, ки тавассути ҷарроҳӣ анҷом дода мешавад, бевосита баҳо медиҳад. Барои он, ки табобати ҷарроҳӣ дар лаҳзаҳои аввал ҳам натиҷа медиҳад ва ҳам сатҳи хизматрасониро муайян мекунад.

Мутаасифона, бештари шаҳрвандони кишвар барои ҷарроҳӣ ба мамлакатҳои хориҷа сафар менамоянд, зеро имрӯз соҳаи ҷарроҳӣ дар Тоҷикистон ба он сатҳе нарасидааст, ки ҳама навъи амалиёти ҷарроҳиро дар дохили кишвар анҷом бидиҳад. Ин он маъноеро надорад, ки иқтидори тавоноии табибони ҷарроҳи ватанӣ бесифат аст, сабаби ин омил дар он аст, ки барои анҷом додани як чанд амалиёти ҷарроҳӣ, ба монанди ҷарроҳии бемориҳои вазнини дарғоти дил, иваз намудани клапанҳои дил, роҳҳои маҷроҳои хунгарди дил, ҷарроҳиҳои дил барои кӯдакони навзод, бемориҳои ҳароммағз, сутунмуҳра ва баъзе амалиётҳои ҷарроҳии дигар аз нигоҳи технологӣ дар кишвар як андоза мушкилот доранд, бо ин сабаб шаҳрвандони мамлакат барои анҷом додани онҳо ба хориҷи кишвар сафар мекунанд. Барои бартараф намудани ин камбудӣ Тоҷикистонро зарур меояд, ки бо дастгирии сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ аз он технологияи муосири тиббие, ки дар ҷаҳон арзиши гаронро дорад, бихарад, ё ин ки якҷоя бо ширкатҳои бонуфузи хориҷӣ мувофиқи шартнома дастгоҳҳои замонавии ҷарроҳиро истеҳсол намояд.

Ба ҳар ҳол, тибби муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусан, соҳаи ҷарроҳӣ дар тӯли даврони истиқлол ба таври бесобиқа рушд намуда истодааст. Солҳои охир ҳатто чунин ҳолатҳоро низ мушоҳида намудан мумкин аст, ки шаҳрвандони хориҷӣ барои аз амалиёти гуногуни ҷарроҳӣ гузаштан, ба Тоҷикистон меоянд. Эътимод дар дараҷаи баланди хизматрасонӣ, касбияти мутахассис ва дастрас будани нархи ҷарроҳӣ мебошад. Бояд гуфт, ки шаҳрвандони хориҷӣ бештар бо мақсади пайвандсозии узвҳо ба табибони тоҷик муроҷиат менамоянд. Чунончи, табибони тоҷик тавонистанд дар кӯтоҳтарин марҳала гузаронидани

ҷарроҳии пайвандсозии узвҳоро азхуд кунанд ва арзандаи касби хеш гарданд.

Бо мақсади дастрас гардонидани хизматрасониҳои ҷарроҳӣ ба шаҳрвандони мамлакат ҳанӯз соли 2010 маҳз бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Муассисаи давлатии «Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон» таъсис дода шуд. Ба фаъолият шурӯъ намудани чунин як маркази ҷавобгӯй ба талаботи замонавӣ имкон ба вуҷуд овард, ки шаҳрвандони мамлакат бо харҷи камтари маблағ дар ватани худ амалиёту пайвандсозии узвҳоро гузаранд [7].

Ҷиҳати коҳиш додани шумораи нафароне, ки ба хориҷи кишвар барои ташхис ва табобат сафар мекунанд, дар заминаи Муассисаи давлатии «Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон» шуъбаи пайвандсозии мағзи устухон фаъолият дошта, то имрӯз ба 12 нафар бемор амалиёти пайвандсозии мағзи устухон гузаронида шудааст. Тибқи маълумоти ҳисоботии Вазорати тандурустӣ, то охири соли 2019 дар ҷумҳурӣ ба 126 нафар шаҳрванди хориҷӣ амалиёти пайвандсозии узвҳо гузаронида шудааст.

Солҳои охир мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар масъалаҳои татбиқи самараноки барномаҳои соҳавӣ, омӯзиш ва андешидани тадбирҳо вобаста ба масъалаҳои хизматрасонии маъюбон ва солимгардонии онҳо, самаранок ва мақсаднок истифода намудани маблағҳои сармоягузорӣ, мукаммалгардонии сохторҳои низоми тандурустӣ, такмили сиёсати кадрӣ, ҷобаҷогузории кормандони соҳаи тандурустӣ ва компютерикунонии самтҳои мухталифи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ дар муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ корҳои муайян ба анҷом расонида шуд.

Масъалаҳои ҳифзи солимӣ ва иҷтимоии аҳолӣ дар баробари 4 афзалияти стратегии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар меҳвари амалҳои давлат дар самти баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон дар мадди аввал қарор доранд. Солҳои охир мавриди муҳокимаи пайваста ва тафсири дақиқ қарор додани ҷанбаҳои гуногуни хизматрасонии тиббию иҷтимоӣ ба ҳар як қишри ҷомеа дар маҷлисҳои ҳукуматӣ, ҷаласаю машваратҳои шӯрои амният, ҳамоҳангсозӣ оид ба масъалаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон, мубориза бо бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла бо бемориҳои сил, вируси норасоии масунияти одам, вараҷа, мубориза бо нашъамандӣ ва ғайра дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

таваҷҷуҳи махсуси роҳбарияти давлат ба масъалаҳои иҷтимоӣ шаҳодат медиҳанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ мунтазам роҳбарияти давлат ба рушди маблағгузории соҳаи тандурустӣ диққати хоса дода, давра ба давра онро зиёд менамояд. Дар ин муддат буҷети соҳаи тандурустӣ 25 маротиба афзоиш ёфта, музди маоши кормандони соҳаи тандурустӣ низ зиёда аз 19 маротиба баланд карда шудааст. Ҳамзамон, пардохти саривақтии музди маош, кумакҳои иҷтимоӣ, ҷубронпулиҳо таҳти назорати қатъии Ҳукумат қарор дошта, ҷиҳати бартараф намудани қарздории пардохти ин маблағҳо, ҳамзамон беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонӣ чораҳои бетаъхир андешида шуда истодаанд.

Тибқи ҳисоботи Вазорати тандурустӣ, дар соли 2019 чорабиниҳои зиёде вобаста ба самтҳои гуногуни соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ба монанди Конгресси кардиологҳо ва терапевтони кишварҳои Осиё ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, конфронси байналмилалӣ вобаста ба масъалаҳои мубрами сироят бо ВНМО, бемории сил, норасоии ғизо, вобаста ба кори ҳамширагӣ, 20–солагии вориднамоии тибби оилавӣ, Форуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба масъалаҳои тавонбахшии маъюбон, Шӯро доир ба масъалаҳои тандурустии давлатҳои аъзои ИДМ ва Шарҳи якҷояи соли нуҳуми татбиқи “Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 – 2020” (Саммит – 9)” гузаронида шуданд [6].

Хулоса, марҳалаи солҳои 2010 –2019–ро ҳамчун солҳои бобарору пурмаҳсули соҳаи тандурустӣ ҳисобидан мумкин аст, чунки дар давоми ин солҳо як қатор рӯйдодҳои муҳимми таърихии фаромушнашаванда ба амал омаданд, хусусан дар соли 2019, ки таҳлили амиқ ва баҳогузории нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиёту иҷтимоиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ санаи 26 декабри соли 2019 зимни Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуд. Боиси фараҳмандист, ки Роҳбари давлат дар баробари дастовардҳои дигар соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти кишвар, инчунин,, тамоюли беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, вазъи демографӣ ва тандурустии аҳолӣ, аз ҷумла дарозумрӣ, нишондиҳандаҳои умумии фавт, хусусан фавти кӯдакони синни то панҷсола, беҳтар гардидани вазъи инфрасохтори соҳа тавассути ба истифода додани иншооти тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо қайди саҳми назарраси соҳибкорону сармоягузорон, нисбат ба

солҳои пешин ва рушди ҳифзи солимии модарону кӯдаконро ҳамчун дастовардҳои назаррас қайд намуданд.

Бо ташаббуси бевоситаи Сарвари давлат эълон гардидани солҳои 2019 – 2021 ҳамчун “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” маънои хосса дорад, зеро ин раванд анъанаи нав дар сиёсати пешгирифтаи давлат буда, дар ин раванд дар соли 2019 дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тавассути бунёди беш аз 125 муассисаи тандурустию ҳифзи иҷтимоӣ рушди инфрасохтори соҳа дар сатҳи деҳот вусъат дода шуд [6].

Ҳамин тариқ, нақши сиёсати иҷтимоӣ дар соҳаи тандурустӣ бо фароҳам овардани шароити мусоид, рушди муносибатҳои баробарӣ ва боадолатӣ дар ҷомеа вазъи солимии ҳар як қишри ҷомеаро беҳтар мегардонад. Ҳамчунин, хизматрасониҳои босифати тиббӣ аз нерӯ ва донишу малакаҳои кормандони соҳа ва мавҷуд будани заминаи моддию техникӣ дар рушди соҳаи тандурустӣ нақши муҳим дорад.

Дар маҷмӯъ, дастовард ва навгониҳое, ки айни замон дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасанд, худ далели раднопазири онанд, ки соҳаи мазкур дар мамлакат рӯ ба рушд аст, вале бархе норасоиҳо дар баъзе бахшҳои тиб ҳоло ҳам мушоҳида карда мешаванд, ки барои боз ҳам рушд ва муккамал намудани бахши тандурустии Тоҷикистон ҳалли худро тақозо менамоянд. Яке аз мушкилоти глобалӣ, ки айни замон ба сатҳи хизматрасонии тибби ватанӣ таъсири манфӣ мерасонад, ин аз даст додани кадрҳои касбии ботаҷрибаи ин соҳа мебошад, ки бо сабабҳои гуногун ҷумҳуриро тарк мекунанд.

Беҳтар кардани сифати хизматрасониҳои тиббӣ, бешубҳа, бе беҳтар кардани сифати таълим ғайриимкон аст. Барои қонеъ гардонидани талаботи соҳа ба мутахассисони соҳибихтисос, ки маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ доранд, зарур аст:

– ҳамасола афзоиши фарогирии донишҷӯёнро тибқи фармоиши давлатӣ таъмин намуда, бо назардошти талаботи байналмилалӣ стандартҳои нави давлатӣ, ки ҳатмии маълумоти олии тиббӣ ва фармасевтӣ мебошанд, таҳия ва татбиқ намоянд;

– ба таври назаррас мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии тиббӣ. Барои ин дар донишгоҳҳои тиббии кишвар марказҳои таълимӣ ва клиникии донишҷӯён барои таҷрибаомӯзии малакаҳои амалӣ, омӯзиши омӯзгорони донишгоҳҳои тиббӣ дар технологияҳои нави таълимӣ (ҳам дар хориҷ ва ҳам дар дохили кишвар) бо ҷалби мутахассисони пешбари хориҷӣ зарур аст;

– ба омодагии клиникии донишҷӯён диққати махсус дода шавад, таҷрибаи байналмилалии марказҳои таълимӣ ва клиникии донишгоҳҳои

пешбари тиббии хориҷиро омӯхт, дастгирии методологии ҷараёни таълим, кори мустақилона, арзёбии малакаҳои клиникӣ ва амалии донишҷӯёнро таъмин намояд.

Барои ба даст овардани самаранокӣ ва сифати омода кардани кадрҳои тиббӣ интихоб ва қабул ба донишгоҳҳои тиббӣ аҳамияти муҳим дорад. Бо ин мақсад зарур аст, ки меъёрҳо ва талабот ба сатҳи тайёрии ҳатмии пеш аз донишгоҳ дар соҳаи илмҳои табиӣ ва ташкили санҷиши психометрӣ таҳия карда шаванд.

АДАБИЁТ

1. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, боби 29, Муқаррароти хотимавӣ, моддаи 222, Душанбе с.2017;
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2019, шаҳри Душанбе;
3. Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 – 2020;
4. Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”//маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти ҶТ, соли 2019;
5. Ҳисоботи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2018;
6. Ҳисоботи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019;
7. http://moh.tj/ (06.04.2019/12.06.2019/22.07.2019)

РАЗВИТИЕ НЕКОТОРЫХ ПРИОРИТЕТОВ В СЕКТОРЕ ЗДРАВООХРАНЕИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

ХУДОЙДОДОВА ФАРЗОНА ИСЛОМИДИНОВНА,
заместитель начальника Управления
анализа социальных проблем Центра стратегических исследований при
Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел.: (+992) 937 01 06 83; e-mail: Farzon2705@mail.ru

НАЗИРОВА МАРХАМАТ НАЗАРОВНА,
главный специалист Управления анализа социальных проблем Центра
стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел.: (+992) 918-42-91-84; e-mail: nmarxamat@mail.ru

В данной статье анализируется развитие некоторых из приоритетных направлений здравоохранения в Таджикистане. По мнению авторов, роль социальной политики в сфере здравоохранения заключается в улучшении здоровья всех слоев общества путем создания благоприятных условий, развития равноправных и справедливых отношений в обществе. Также можно сказать, что качественные медицинские услуги зависяшие от силы и знаний и навыков персонала и наличия материально–технической базы играют важную роль в развитии здравоохранения.

Ключевые слова: *сфера здравоохранения, приоритетные направления, семейная медицина, национальная стратегия здоровья населения, хирургия, социальная помощь, медико–социальные услуги, медицинские учреждения.*

DEVELOPMENT OF SOME PRIORITIES IN THE HEALTH SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

KHUDOYDODOVA FARZONA ISLOMIDINOVNA,
deputy head of the Department analysis of social problems of the Center for strategic researchs under the President of the Republic of Tajikistan
734025, 89 Rudaki ave., Dushanbe city, Republic of Tajikistan,
tel.: (+992) 937 -01- 06- 83; e-mail: Farzon2705@mail.ru

NAZIROVA MARKHAMAT NAZAROVNA,
Chief specialist of the "Department of analysis of social problems" of the Center for Strategic Researches under the President of the Republic of Tajikistan 734025, 89 Rudaki ave, Dushanbe city, Republic of Tajikistan;
tel.: (+992) 918-42-91-84 e-mail: nmarxamat@mail.ru

This article analyzes the development of some priority areas of health care in Tajikistan. According to the authors, the role of social policy in the field of health care is to improve the health of all strata of society by creating favorable conditions, developing equal and fair relations in society. It can also be said that high-quality medical services that depend on the strength and knowledge and skills of personnel and the availability of material and technical resources play an important role in the development of health care.

Keywords: *health care, priority areas, family medicine, national health strategy, surgery, social assistance, medical and social services, medical institutions.*

УДК: 1+39(575,3)

ВИЖАГИҲОИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИФТИ ФАРҲАНГӢ ДАР МУҲИТИ СУБЭТНИКӢ

ПИРОВ АЛАМШО КАРИМОВИЧ,
номзади илмҳои фалсафа, Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав
735140, Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67;
тел.: 904 35-36-22; e-mail: pirov.alamsho@mail.ru

Дар мақолаи мазкур аз нигоҳи фалсафӣ баррасии хусусиятҳои хосси ташаккули амалҳои муштараки фарҳангҳои хурдақавмӣ сурат гирифтааст. Муаллиф нишон додааст, ки дар заминаи чунин амалҳои муштарак дилбастагии гурӯҳҳои субэтникӣ бо арзишҳои фарҳанги умумимиллӣ ба амал омада, ҳувияти умумишаҳрвандии тоҷикистонӣ дар аъзоёни ҷомеа новобаста аз вобастагии қавмию фарҳангӣ ташаккул меёбад. Қайд карда мешавад, ки дар баробари дигар омилҳо, ба хусусиятҳои ин амалҳои муштарак табиати иҷтимоиёти онҳо низ таъсир мерасонад, зеро ҳар кадоми онҳо бо хусусияти навъи муносибатҳои дар сохтори иҷтимоиёти онҳо бартарӣ дошта, аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз сабаби мавҷуд набудани таҷрибаи танзими устувори давлатии ҳаёти иҷтимоӣ типи бартариёфтаи муносибатҳо дар сохтори иҷтимоиёти ин гурӯҳҳо на ба ниҳодҳои расми ҷомеа, балки ба гурӯҳҳои ибтидоӣ ҳамбастагӣ доранд.

***Калидвожаҳо**: этникӣ-фарҳангӣ, амали муштарак, вижагиҳои хурдақавмӣ, гурӯҳҳои этникӣ, маросимҳои анъанавӣ, гурӯҳҳои хурдақавмӣ, модели иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа, амали муштараки иҷтимоӣ.*

Ҳоло тағйироте, ки дар низоми иҷтимоии ҷамъияти мо ба вуҷуд омадаанд, тасаввуроти аъзоёни онро низ дар бораи шаклҳои ҳамкориҳои хусусияти муколамадошта бо гурӯҳҳои дигари субэтникӣ ва байни худ тағйир додаанд. Чунки ҷомеаи мо, ки таҷрибаи интихоби мустақилона ва татбиқи амали муштараки унсурҳои таркибии онро надорад, ҳоло дар назди интихоби тарзҳои алтернативии татбиқи он меистад. Аммо ин интихоб бинобар зарурат ва бунёди яклаҳзаинаи асосҳои институтсионалии ба роҳ мондани амалҳои муштараки муколамавӣ ва пешбурди саривақтии торҳои робитаҳо бо воҳидҳои мувофиқи субэтникӣ мушкил гаштааст. Агар пештар ба сифати пули барқароркунандаи чунин муколама дар тасаввуроти аъзоёни ҷомеа зарурияти наздик сохтани манфиатҳо хизмат мерасонданд, пас ҳоло онҳо ҷустуҷӯи меъёрҳои иловагии марбут ба таъмини бехатарии муҳити зисти

иҷтимоиро пеш мегузоранд. Бинобар ин, консепти “ҷомеи бехатар” акнун нисбати баъзе аз ангезаҳои истеъмолӣ мартабаи беҳтарро касб менамояд. Яке аз сабабҳои мушкилоти ба роҳ мондани муколамаи комил дар асоси амали муштараки фарҳангӣ аз рӯйи принсипи мувофиқ омадани артефактҳои фарҳангӣ ба асосҳои давлат–миллат ва аз мазмуни худогоҳии миллӣ ташаккулёбанда, ки аз тарафи давлатҳои миллӣ қабул карда шудааст, бар меояд. Намодҳои ҳувияти миллӣ, ки дар асоси артефактҳои фарҳангӣ ташаккул ёфтаанд, на ҳамеша аз ихтилофот озоданд ва воридшавии онҳоро ба сохтори ҳувияти тамоми гурӯҳҳои субэтникие, ки дар сарҳади он зиндагӣ мекунанд, бозмедорад.

Зуҳури тасдиқи гуфтаҳои болоро дар раванди ҷустуҷӯи роҳҳои нави амали муштараки бо гурӯҳҳои субэтникии ба таркиби он дохилшаванда пайгирӣ кардан мумкин аст. Қобили қайд аст, ки ин масъала дар доираи дигар пробпемаҳо солҳои охир аз тарафи олимони тоҷик муфассал таҳқиқи худро ёфтааст [2. 3. 4.]. Ба ақидаи Т. Н. Бозрикова “муносибатҳои байнимиллӣ ва байниқавмӣ ба маънои васеъ чун амалҳои муштараки халқҳо дар соҳаҳои гуногун – сиёсат, иқтисодиёт, маданият ва ҳ.к., дар маънои маҳдуд бошад – чун муносибатҳои байнишахсии одамони миллатҳои гуногун дар соҳаҳои меҳнат, оилавӣ–маишӣ ва намудҳои дигари муошарати ғайрирасмӣ, фаҳмида мешаванд.

Бинобар ин, бешубҳа, дар муносибатҳои ҳозираи байни миллатҳо дар ҷумҳурӣ таҷдид ва тағйиротҳои дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа дар давоми солҳои охир ба вуҷуд омада таъсири худро расониданд”[1, с.36]. Модели аз ҷиҳати идеологӣ асоснокшудаи ба роҳ мондани амалҳои муштараки гурӯҳҳои мазкур дар асоси умумияти манфиатҳои синфӣ, ки дар даврони шӯравии рушди онҳо ҷой дошт, акнун талаботи инкишофи ҷомеаро дар самти таъмини асосҳои ҳамгироии табақаҳо ва умумиятҳои гуногун баҳри мақсаду вазифаҳои муштарак, қонеъ гардонида наметавонист. Бинобар ин, баъд аз ба даст овардани истиқлолият ин кишварҳо ба ҷустуҷӯи механизмҳои дигари бунёдии таъмини амали муштараки самараноки иҷтимоии гурӯҳҳои субэтникии худ, шурӯъ карданд. Ҷустуҷӯи ин асосҳо дар аснои касби истиқлолият бо роҳи ҷалби артефактҳои фарҳангӣ, ки ҳувияти этноси давлат ташаккулдиҳандаро бояд қонунӣ месохтанд ва бо ин амали муштаракро бо гурӯҳҳои дигари субэтникӣ ба роҳ мемонданд, амалӣ мегашт. Аммо бинобар гуногунии фарҳангии гурӯҳҳои субетникие, ки дар мамлакат зиндагӣ мекунанд, ин лоиҳа дар мавриди ба роҳ мондани амали муштараки пурмаҳсули байнифарҳангӣ байни онҳо натиҷаи дилхоҳ надод. Пас интиқол дар воқеяти “давлат–миллат”-и артефактҳои фарҳангӣ, ки дар қаринаи дигари сиёсӣ ташаккул ёфтаанду мазмуни намудҳои давлати муосири миллиро инъикос

намекунанд, на ҳамеша бомуваффақият анҷом меёбанд, онҳо дар аксари мавридҳо номашонро иваз менамоянд ва ё фаромӯш мешаванд.

Ҳар яке аз ин омилҳои ҳамкории муколамавӣ ҳам тарафи мусбат ва ҳам манфӣ доранд. Аз ин рӯ, аксари мамлакатҳои минтақа ҳоло дар назди интихоби яке аз ин омилҳо ба сифати авлавият дар ба роҳ мондани муколама бо мамлакатҳои дигари ҳамсоя қарор доранд.

Ҳоло дар манзари тағйироти дар ҳаёти ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйдиҳанда, масъалаи чӣ тавр зимни таркиби бисёрқавмии аҳолӣ, рушди худогоҳии миллӣ ва эҳёи маънавии халқи тоҷик дар дурнамои дарозмуддат муносибати таҳаммулпазиронаи гурӯҳҳои гуногуни этникиро ба анъанаҳои дигари фарҳангӣ ва арзишҳои ҳаётӣ ба даст овардан мумкин аст, муҳим боқӣ мемонад. Ба андешаи мо, яке аз механизмҳои муҳимми ба даст овардани ин мақсад вусъат додани шакли муколамавии амали муштараки иҷтимоӣ байни тамоми гурӯҳҳои қавмие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат доранд, шуда метавонад ва ин ба фаъолона воридшавии онҳо ба ҳаёти ҷамъиятии мамлакат имконият фароҳам меоварад. Маҳз бинобар ҳамин, шиносоии ин гурӯҳҳо бо арзишҳои этникӣ ва анъанаҳои хоси иҷтимоӣ–фарҳангии ҷомеаҳои дигар ва ҳамроҳшавӣ ба онҳо яке аз омилҳои асосии бунёди модели ҳамзистии фарҳангӣ ва сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда метавонад. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дарк намоянд, ки бунёди чунин модели иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа, на танҳо аз давлат, балки аз сохторҳое низ вобаста аст, ки пеш аз ҳама, ба идоракунии соҳаҳои шаҳрвандӣ ва иқтисодӣ робита доранд. Ин имконият медиҳад, ки ҳар гуна замина барои зуҳури муносибати мутакаббирона ва нописандонаи намояндагони як гурӯҳи қавмӣ нисбат ба гурӯҳи дигари қавмӣ осоишта бартараф карда шавад.

Дар робита ба ин зарурати муайян намудани сабабҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷудо намудани гурӯҳҳои маргиналии қавмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бунёди механизмҳо барои татбиқи модели гуногун (плюралистӣ) ва ҳамзистии иҷтимоӣ–фарҳангии ҷомеа ба вуҷуд меояд. Ин ба баланд бардоштани таҳаммулпазирӣ нисбат ба ҳамдигар, новобаста ба фарқият дар фарҳанг, анъанаҳо, маишат ва ғайраҳо зуҳуршаванда, имконият медиҳад. Бинобар ин, мо дар назди худ вазифа гузоштем, ки бо роҳи васеъ намудани доираи захираҳои мавҷуда дар омӯзиши анъанаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии гурӯҳҳои алоҳидаи қавмӣ таҳқиқоти иктишофӣ (ҷустуҷӯӣ) ба амал бароварда, баъдан консептуализозии зуҳуротеро, ки ба вазъияти муносибатҳои байниҳамдигарии гурӯҳҳои ҳурдақавмӣ алоқаманданд, амалӣ гардонем.

Ташаккул ва такомули амали муштараки муколамавии иҷтимоӣ байни гурӯҳҳои гуногуни қавмӣ як қисми тағйирёбии ҷомеа мебошад. Муносибатҳои байниқавмӣ зернизоми муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Қисми муҳим ва суръатфизои рушди муносибатҳои байниқавмӣ сиёсати илман асоснокшудаи миллӣ ба шумор меравад. Он ҳамоҳангии амалҳои муштаракро байни тамоми гурӯҳҳои қавмӣ таъмин менамояд. Сатҳи ташаккул ва амалӣ гардидани сиёсати миллӣ аз фаъолияти иҷтимоӣ–иқтисодӣ, сиёсӣ, маънавии миллатҳо, гурӯҳҳои қавмӣ ва умумиятҳои дигар вобаста аст.

Раванди васеъ гардидани ҳудудҳои амали муштараки таҳаммулпазиронаи байниқавмӣ як қисми бузурги тағйирёбиҳои ҷомеаро дар бар мегирад ва барои ҳамгироии гурӯҳҳои гуногуни қавмӣ дар атрофи мақсаду вазифаҳои рушди ҷомеаи мушаххас чун асос хизмат мерасонад. Нуқтаи назаре, ки мувофиқи он иқтидори этнопсихологии амали муштараки таҳаммулпазиронаи гурӯҳҳои гуногуни қавмӣ танҳо аз рӯйи анъанҳои фарҳангӣ ва арзишҳои онҳо сурат мегирад, беасос мебошад. Аксари арзишҳое, ки асоси маъмул гардидани амали муштараки муколамавиро ташкил медиҳанд, дар раванди ҳаёту фаъолияти муштараки тамоми табақаҳои иҷтимоӣ ва субъектҳои ҷомеаи мушаххас ба вуҷуд меоянд. Дар аксари мавридҳо шаклҳои амали муштараки таҳаммулпазирона аз тарафи ниҳодҳои иҷтимоии ҷомеа бо мақсади муқаррар намудани амали муштараки мутаносиб байни аъзоёни ҷомеа, барои коркард ва пешниҳоди тарзи беҳтарини ба даст овардани мақсадҳои худ ва роҳати иҷтимоӣ, моделсозӣ мегарданд. Самтҳои асосии сиёсати миллии Тоҷикистони муосир инҳоянд: бунёди асосҳои эҳёи тамоми ҷамъиятҳои қавмии Тоҷикистон, таъмини иштироки онҳо дар идоракунии ҷомеа, мақомоти ҳокимияти сиёсӣ ва давлатӣ. Масъалаҳои афзалиятноки сиёсати муосири милии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо маҳсуб меёбанд: мустаҳкамсозии давлатдории миллӣ, ташаккули ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон чун ҷомеаи муосири тафдидёфта.

Афкори муосири миллии мо дар давраи то бозсозӣ дар коркарду таҳқиқоти ҷанбаҳои гуногуни амалҳои муштараки қавмӣ–фарҳангӣ асосан вижагиҳои ҳамин таъйинотро ба асос мегирифтанд. Ба усули таърихият такя карда, баъзе олимон ташаккули амали муштараки қавмӣ–фарҳангиро дар мисоли мушаххаси таърихи ин ё он халқ мавриди таҳлил қарор медоданд. Дар маводи Тоҷикистон ин раванд, пеш аз ҳама, дар мисоли ошно кардани халқҳои бодиянишин ба фарҳанги моддӣ ва маънавии тоҷикон нишон дода мешуд. Ин, нисбатан, дар осори намояндагони мактаби этнографӣ баръало нишон дода шудааст.

Интихоби стратегияи дигар дар афкори иҷтимоии ибтидои асри XX, ки дар он омилҳое ба назар гирифта мешуданд, ки дар консепсияҳои қаблан

баррасикардаи мо мавҷуд набуданд, ихтиёру беихтиёр мунтазам рӯй овардан ба афзалияти қорӣ намудани унсури таҳаммулпазириро ба мазмуни амали муштараки байниқавмӣ муҳим гардонд ва он бо дарназардошти манфиатҳои гурӯҳҳои дигар ба қонеъ гардонидани манфиатҳои гурӯҳҳои қавмӣ роҳ кушод. Зимни баррасии ин масъала намояндагони фалсафаи иҷтимоии ин давра суоле мегузоштанд: дараҷаи муносибати таҳаммулпазиронаро байни субъектҳои амали муштараки байниқавмӣ аз ҷиҳати сотсиологӣ магар андоза кардан мумкин аст? Ба ин савол дар осори муҳаққиқон ҷавоби қаноатбахш пайдо кардан мумкин аст.

Бо такя ба гуфтаҳои боло, ба сифати объекти таҳқиқот барои омӯзиши дараҷаи таҳаммулпазиронаи муносибатҳои байниҳамдигарии гурӯҳҳои субэтникӣ мо аҳолии ноҳияҳоеро интихоб кардем, ки дар онҳо таҷрибаи аз нав ба вуҷуд овардани сохтори иҷтимоиёти худ ҳам хусусияти фосиладор ва ҳам бефосилавӣ дорад. Бояд қайд кард, ки агар дар гурӯҳи якуми ноҳияҳо ба инсон амалан имконияти алтернативии интихоби рафтор, худҳаммонандсозӣ дар доираи анъанаҳои ташаккулёфтаи анъанавӣ дода нашуда бошад, пас дар ҳолати дуюм, бо такя ба ҷудошавӣ аз решаҳои сохтори анъанавӣ инсон мунтазам дар назди масъалаи ҷустуҷӯи шаклҳои самтҳои арзишноки рафтор, муносибат ба худ, ба ҷомеа ва давлат меистад. Бинобар ин, дар раванди ҷустуҷӯи моделҳои муносиби рафтор дар шароити тағйирёбандаи ҳаёти одамон дар маҳалҳое, ки таҷрибаи тасвиби аз нав ба вуҷуд овардани сохтори иҷтимоиёти аҳолӣ ҷой дорад, аксаран ба умқи сохтори анъанаҳо мераванд. Дар маҳалҳое, ки чунин таҷриба мавҷуд нест, сотсиум мунтазам дар назди зарурат ба кашф ва ё дарки шаклҳои нави самтҳои арзишнокӣ–рафтории ҳаёт қарор дорад. Аз мадди назари муҳаққиқони алоҳида, ки ҳаёти иҷтимоиро дар қаринаи тағйирёбиҳо меомӯзанд, дар канор мондани ин вижагиҳои фазои иҷтимоӣ–фарҳангии Тоҷикистон дар гузашта тамоюл ба он дошт, ки сотсиуми тоҷик ҳоло наметавонад ба равандҳои навсозӣ ба қадри кофӣ таассур кунад, ки ин равандҳо ба он равона карда шудаанд. Вақте ки мо шоҳиди он мегардем, ки зери таъсири шароти нав мавҷудияти робитаҳои иҷтимоӣ, амалҳои муштарак, муносибатҳо тадриҷан, тавсифоти тамоман дигарро касб мекунанд, агарчанде шиддатнокӣ дар ҳамаи нуқтаҳои фазои иҷтимоии он якхела нест. Дар баъзе ҷойҳо арзишҳое, ки моделҳои асосии рафтори одамонро муайян менамоянд, аз нишондодҳои фарҳанги анъанавии дар ҷомеа маъмулшуда бармеоянд, дар ҷойҳои дигар иқтидори синтезкунандаи сармояи иҷтимоии фарҳанги сотсиуми тоҷик дар мутобиқшавии моделҳои муосири робитаву самтҳои арзишию-рафторӣ бомуваффақият зоҳир мегардад. Вижагиҳои зуҳури лаҳзаи аввалро мо дар ҷойҳое омӯхтем, ки таҷрибаи тӯлонии таърихии аз нав ба вуҷуд овардани моделҳои рафтор бо такя ба ҳифзи робитаҳои

анъанавии музофотии одамон, гузариш ба сохторҳои амиқи анъанавӣ барои ҷустуҷӯи асосҳои ҳаммонандсозӣ ва худмуайянкунии онҳоро доштанд. Раванди тағйирёбии ҷанбаҳои дар боло ишорашудаи ҳаёти иҷтимоии сотсиум равшану возеҳ дар ҷойҳои мавҷудбудаи таҷрибаи на чандон ғании мустақилонаи аз нав ба вуҷуд овардани анъанаҳои рафтори одамон, робитаҳои сотсиум баръало ошкор мегардад. Маҳз дар ин ҷо одамоне, ки бештар аз дигарон аз шаклҳои анъанавии тамоюлҳо дур шудаанд, ба раванди тағйирёбиҳо ва таҷрибаи нави иҷтимоӣ–эҷодӣ ҷалб гардидаанд.

Моҳияти чунин ҷойгиршавии маҳалҳо дар фазои иҷтимоӣ–фарҳангӣ ба мутамарказонидани диққат на танҳо ба он равона аст, ки фазои иҷтимоӣ-фарҳангии Тоҷикистони муосир якхела аст, балки бо чунин далеле ифода меёбад, ки ҷавобҳо ба ҳамон як зуҳурот аз нуқтаҳои гуногуни ин фазо бармеомада, вижагиҳои гуногун доранд. Ин фарқ на танҳо ба суръатнокӣ, таҳдидҳои муосир, балки ба мазмуни он низ тааллуқ дорад. Бинобар ин, дар нуқтаҳои ишорашудаи фазои иҷтимоӣ-фарҳангии Тоҷикистони муосир дар маркази диққати мо тамоюлҳои рафтори иҷтимоӣ, хусусияти робитаҳои иҷтимоӣ, вижагиҳои бунёди сохтори умумиятҳо, хусусиятҳои хоҷагирдорӣ ва сохтори макони зисти қавмҳо меистоданд. Омӯзиши ин ҷанбаҳои ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи муосири кишварамон ба мо иттилооти боэътимодро дар бораи тарҳи равандҳои тағйирёбанда дар он тасдиқ менамояд.

Зуҳури ин падидаро мо дар мисоли хусусиятҳои амалҳои муштараки иҷтимоии гурӯҳҳои алоҳидаи қавмии даштиқипчоқӣ, ки дар ҷануби ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, омӯхтем. Маълум гардид, ки дар баробари дигар омилҳо, ба хусусиятҳои ин амалҳои муштарак табиати иҷтимоиёти онҳо низ таъсир мерасонад, зеро ҳар кадоми онҳо бо хусусияти навъи муносибатҳои дар сохтори иҷтимоиёти онҳо бартардошта, аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Бо такя ба ин, аз сабаби мавҷуд набудани таҷрибаи танзими устувори давлатии ҳаёти иҷтимоӣ типи бартариёфтаи муносибатҳо дар сохтори иҷтимоиёти ин гурӯҳҳо на ба ниҳодҳои расми ҷомеа, балки ба гурӯҳҳои ибтидоӣ ҳамбастагӣ доранд. Чунин сифати иҷтимоӣ дар ин гурӯҳҳои қавмӣ ва гурӯҳҳои дигари туркӣ дар Тоҷикистони муосир дар натиҷаи тарзи ниммуқимии тарзи ҳаёт ва шакли мувофиқи иҷтимоишавӣ, ки ҳоло низ тағйир наёфтаанд, нигоҳ дошта шудааст.

Ҳамин тариқ, ноустувории мувофиқати мусбат дар сохтори ҳувияти хурдақавмҳои даштиқипчоқӣ ба ниҳодҳои расмӣ қисман бо он маънидод мегардад, ки моҳияти муносибатҳои иҷтимоӣ, сохтори иҷтимоиёти онҳо дар шакли патернализм, трайбализм ва ғайра ба низом дароварда шудааст. Аз ин бармеояд, ки онҳо ҷустуҷӯи воҳиди бақои зинда мондани худро дар худсобитсозӣ дар ҳудуди гурӯҳҳои ибтидоӣ ба роҳ мемонанд.

Ҳамзамон, дар сохтори иҷтимоиёти тоҷикон мавҷуд набудани механизмҳои коркардшудаи берун рафтан аз доираи ҷамоати худ, робитаҳо, уҳдадориҳои ахлоқӣ, масъулият силсилаи унсури норасо ҳисоб меёбад. Аз рӯйи принсипи алоқаҳои хешутаборӣ минтақавӣ ба роҳ мондашуда онҳо дар дохили ҷамоат амал мекунанд. Берун аз доираи онҳо одамон ба дигарон боварии кам ва ё умуман бовар надоранд, дар назди дигарон, ки ба минтақаҳои дигари гурӯҳҳои этникӣ, ҷамоатҳо мансубанд, масъулият ҳис намекунанд. Ин шиддатнокии амали муштараки онҳоро бо ҷамоатҳои дигар, ки бо онҳо муносибати наздик надоранд, заиф мегардонад. Дар натиҷа ҳоло байни ҷамоатҳои қавмии баъзе аз минтақаҳои ҷанубӣ, робитаи мустаҳками бевосита, ки ба бовари дуҷониба асос ёфтааст, камтар вуҷуд дорад. Ниҳодҳои расмӣ, сохторҳои ҷамъияте, ки дар гузашта ин вазифаҳоро ба дӯш доштанд, ҳоло низ аз рӯйи аломатҳои маҳдуди гурӯҳӣ тақсимбандӣ шудаанд. Пештар мавҷудияти чунин амали муштарак дар доираи фазои умумии хоҷагидорӣ таъмин мегашт, яъне воҳидҳои он вақт мавҷудаи хоҷагидорӣ (колхозҳо, савхозҳо, қитъаҳо, бригадаҳо) гурӯҳҳои гуногуни қавмиро дар бар мегирифтанд. Акнун хоҷагиҳои саҳомии деҳқонӣ (фермерӣ)-и дар ҷойи онҳо ташкилшуда асосан аз рӯйи усули қавмӣ, минтақавӣ ва ё оилавӣ сохта шудаанд, аёну ноаён фазои амали муштараки ҷамоатҳои гуногунро дар асоси татбиқи шаклҳои фаъолияти хоҷагидории дар ин ҷо ба таври васеъ паҳншударо, маҳдуд месозанд. Дар навбати худ, амалҳои муштараки гурӯҳҳои гуногуни қавмии ба дин асосёфтаро дар сатҳи ғайрирасмӣ ниҳодҳои ғайрирасмӣ (намози панҷвақта, маросимҳо, хайрот, идҳо ва ғ.) аз рӯйи принсипи дар боло номбаршуда тадриҷан таъмин менамоянд. Аз ин рӯ, дар чунин ҳолатҳо ниҳодҳои расмӣ, механизмҳои таъминкунандаи амали муштарак ва ҳамгироии ҳувияти дастаҷамъии гурӯҳҳои қавмии дар сатҳи давлати мавҷудбуда бояд ба мадди аввал бароянд. Нақши асосии механизмҳои расмиро дар ба роҳ мондани амали муштараки ҷамоатҳои гуногун муҳаққиқ Ҷ. П. Мердок ба таври махсус қайд кардааст: “Масъалаи ташкили амали ҳамоҳангшудаи коллективӣ, инчунин, риояи қонуният ва тартибот дар сиёсати калон назар ба ҷамоати алоҳида муҳимтар аст. Роҳҳои ғайрирасмии ба даст овардани ризоят, ҳамкорӣ ва назорати иҷтимоӣ дар ҷое кор карда наметавонанд, ки робитаҳои мустақими шахсӣ вуҷуд надошта бошанд ва онҳо бо механизмҳо ва тартиботи расмӣ иваз карда шаванд. Муносибатҳои байнишахсӣ, ки аъзои иттиҳодияи ҷамоатиро ба ҳам мепайванданд, аз рӯйи зарурат на мушаххас ва мустақим, балки нисбатан абстрактӣ ва ё шартӣ хоҳанд буд. Албатта, онҳо одатан аз рӯйи модели муносибатҳои шахсии байни аъзоёни як ҷамоат ташаккул меёбанд, аммо вақте ки муносибатҳои

байнишахсӣ аз доираи ҷамоат берун мешаванд, онҳо расмӣ ва қолабӣ мегарданд”[5, с. 113].

Хулоса, ки мавҷуд набудани амали муштараки самаранок байни истиқоматкунандагони гурӯҳҳои қавмӣ дар ин ҷойҳо то андозае дар ташкили таҷриба, расму оин, маросимҳо, ҳаёти ҳамарӯзаи ин ҷамоатҳо сабаби худро дорад. Дар ин ҷода агар чорабиниҳои алоҳидаи анъанавӣ, ки тоҷикон баргузор мекунанд, бештар ба фарогирии васеи ҷамоатҳои мувофиқ нигаронида шуда бошанд, пас дарбайни гурӯҳҳои субэтникии даштиқипчоқӣ онҳо дар доираи гурӯҳҳои хешутаборӣ ва оилаҳо маҳдуд мегарданд.

АДАБИЁТ

1. Бозрикова Т. Н. Проблемы этнических меньшинств в Таджикистане. – Душанбе: Типография Музей древности Таджикистана, 2003.- 108 с.

2. Джононов С. Исторический опыт решения проблем национальных меньшинств и его значение для государственного строительства // Национальные меньшинства Таджикистана: проблемы и перспективы. Душанбе: Типография Министерства образования Республики Таджикистан, 2002.- 135 с.

3. Касымова Р. Проблемы развития этнических меньшинств в современном Таджикистане (политико-правовой аспект). Душанбе: Эчод, 2004.- 223 с.

4. Ким В. Аналитический обзор положения национальных меньшинств в Республике Таджикистан. – Душанбе: ООО «Тасвир» 2005.- 127 с.

5. Мердок Дж. П. Социальная структура. – М.: ОГИ, 2003. – 608 с.

ОСОБЕННОСТИ СТАНОВЛЕНИЯ КУЛЬТУРНЫХ ВЗАИМОДЕЙСТВИЙ В СУБЭТНИЧЕСКОЙ СРЕДЕ

ПИРОВ АЛАМШО КАРИМОВИЧ,
кандидат философских наук, Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава
735140, Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айни 67;
тел.: 904 35-36-22; e-mail: pirov.alamsho@mail.ru

В статье с философской точки зрения рассматривается специфические особенности формирования взаимодействий между субэтническими культурами. Автор указывает, что благодаря таким взаимодействиям этносы приобщаются с ценностями национальной культуры, а у членов общества, независимо от их этнической и культурной принадлежности формируется общегражданская идентичность. Отмечается, что, наряду с другими фактора-

ми, на характеристики этих взаимодействий также влияет природа их социальности, поскольку каждое из них отличается друг от друга характером типа отношений, который доминирует в их социальной структуре и микросреде. Из-за отсутствия опыта устойчивого государственного регулирования социальной жизни в развивающихся обществах доминирующий тип отношений в социальной структуре этих групп зависит иногда не от формальных институтов общества, а от активности первичных групп.

***Ключевые слова**: этнокультурные взаимодействия, социокультурные особенности, этнические группы, традиционные обряды, субэтнические группы, социокультурная модель общества, социальное взаимодействие.*

FEATURES OF THE FORMATION OF CULTURAL INTERACTIONS IN THE SUB-ETHNIC ENVIRONMENT

PIROV ALAMSHO KARIMOVICH,
Ph.D candidate on philosophy Bokhtar State University
named after Nosiri Khusrav
735140, Tajikistan, Bokhtar city, 67 Aini Street;
tel: 904353622, E-mail: pirov.alamsho@mail.ru

From a philosophical point of view, the article examines the specific features of the formation of interactions between sub-ethnic cultures. The author points out that thanks to such interactions, ethnic groups become familiar with the values of national culture, and members of society, regardless of their ethnic and cultural affiliation, form a common civic identity. It is noted that, along with other factors, the characteristics of these interactions are also influenced by the nature of their sociality, since each of them differs from each other in the nature of the type of relationship that dominates in their social structure. Due to the lack of experience in sustainable state regulation of social life, the dominant type of relations in the social structure of these groups depends not on the formal institutions of society, but on the primary groups.

***Keywords:** ethnocultural interactions, sociocultural characteristics, ethnic groups, traditional rituals, subethnic groups, sociocultural model of society, social interaction.*

УДК: 37.011+001.4

МАСЪАЛАҲОИ ЭҲЁИ ҲУВИЯТИ ОРИЁӢ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

АБДУЛЛОЗОДА МАСРУР АҲМАД,
доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи
журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода;
тел.:(+992) 988-06-86-01-30; e-mail: masrur_a@mail.ru

Дар мақола дар асоси осори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои эҳё ва ташаккули ҳувияти ориёӣ дар давраи Истиқлоли давлатии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Таъкид мегардад, ки сиёсати фарҳангии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эҳёи фарҳанги бостонии ориёӣ ва худшиносии ориёӣ ба ҳайси яке аз ҷанбаҳои худогоҳии миллии тоҷикӣ мусоидат менамояд. Тазаккур дода мешавад, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2006 - Соли бузургдошти тамад дуни ориёӣ эълон шуда, дар асарҳои бунёдии ӯ масъалаҳои маърифати фарҳанги ориёӣ дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ илман асоснок карда шудаанд.

Дар мақола аз тариқи таҳлили осори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти инсонпарваронаи тамаддуни ориёӣ ва тафовути чунин фаҳмиши дуруст аз дигар тафсирҳои нодурусти масъалаи мазкур ошкор гардидааст.

Калидвожаҳо: *Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, истиқлоли давлатӣ, соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, ҳувияти ориёӣ, фарҳанги ориёӣ, худшиносии миллӣ, А.А. Семенов*

Соли 2021 мардуми шарифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашни 30-солагии истиқлоли давлатии кишварро ботантанаву шукӯҳи хос таҷлил менамоянд. Дар ин 30 соли пуршараф миллати тоҷик роҳеро тай намуд, ки метавон онро барҳақ сарнавиштсоз номид, чун аз ҷангу хунрезии таҳмилӣ ба сулҳу ваҳдати комили миллӣ расид. Сулҳу субот, осоишу оромиш, ки ба шарофати сиёсати хирадмандона, сулҳофарин ва фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имконпазир гашт, заминаи мусоиду созандае фароҳам овард, кирушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат таъмин гардад.

Сиёсати фарҳангпарваронаи Пешвои миллат дар самтҳои мухталиф – арҷгузорӣ ба забони тоҷикӣ, таҷлили 1100-солагии давлати Сомониён, эҳёи ҷашнҳои бостонии Сада, Наврӯз, Меҳргон, бузургдошти намояндагони шинохтаисиёсат, адабиёт, ҳунар, илм амалӣ мегардад, ки ҳадаф аз онҳо ташаккул додани худшиносиву ҳувияти фарҳангиву таърихии миллати тоҷик мебошад, чун танҳо афроди худшинос қодиранд истиқлоли давлатиро ҳифз намоянд ва таҳким бахшанд.

Яке аз чунин иқдомҳои ҳувиятсози Пешвои муаззами миллат, эълон намудани соли 2006- чунсоли бузургдошти тамаддуни ориёӣ мебошад. Ва басо рамзист, ки дар партави ҷашни бошукӯҳи 30-солагии истиқлоли давлатӣ мо 15-умин солгарди бузургдошти тамаддуни ориёиро низ истиқбол хоҳем кард. Ба ин хотир, пас аз гузашти солҳо, месазад роҷеъ баин ибтикори фарҳангпарваронаи Сарвари давлат, қабл аз ҳама, аз пайомад ва таъсиру нуфузи он ба шаклгирии шуур ва худшиносии миллии тоҷиконсухане чанд гуфта бошем.

Ҳаёту мамоти ҳар як давлати миллии соҳибистиқлол аз сатҳу савияи худшиносиву ҳувияти мардуми он вобаста аст. Агар миллат худогоҳу худшинос аст, пас пояҳои давлати миллӣ устуворанду истиқлоли давлатӣ осебнопазир. Ва билъакс, агар мардуми кишвар худшинос набошанд ва ҳувияти миллиашон заифу нопурра бошад, пас он ба истиқлоли давлати миллӣ хатар эҷод мекунад. Ин аст, ки таблиғи ифтихори ватандорӣ ва худшиносии миллӣ – асоси мафкуравии давлатҳои миллист, ки ҳадафи он шакл додани ҳувияти миллии ҳама қишрҳои ҷомеа мебошад.Ин ё он андеша ҳамон вақтнеруву тавон дорад, ки агар фарогиру пурвусъат буда, миллионҳо нафар ҷонибдору муътақид дошта бошад. Ба ин хотир, ҳама гуна андешаву мафкураҳо ба масъалаҳои ташвиқу таблиғ диққати аввалиндараҷа медиҳанд, бо ҳам дарнабард мешаванд, зеро танҳо ба ин васила метавон сафи муътақидонро афзуд ва мафкураҳои бегонаро заиф сохт.

Давлати соҳибистиқлоли мо аз ин раванд истисно нест. Бисту нуҳ сол инҷониб моҳияту ҷавҳари сиёсати мафкуравии давлати Тоҷикистонро тарғибу таблиғи худшиносиву ҳувияти миллӣ ташкил медиҳад, ки ҳадаф аз он худшиносу худогоҳу ватанхоҳу миллатпарвар намудани шаҳрвандони кишвар ба ҳисоб меравад. Чунонки Пешвои миллат дар робита ба ин таъкид намудаанд «пешрафти устувори миллат ва ҷомеа дарҷаҳони муосир, қабл аз ҳама, ба ифтихори баланди милливу ватандорӣ, худшиносиву худогоҳии афроди он ва садоқату муҳаббати фарзандонаш ба ин сарзамини аҷдодӣ вобаста мебошад» [10].

Ҳувияти миллии тоҷикӣ, ба андешаи мо, аз панҷ самти ба ҳамдигар алоқаманд иборат аст:

а) ҳувияти сиёсӣ-ватандорӣ -ифтихор аз давлати миллии муосир бо ҳама хосияту рамзҳояш, қабл аз ҳама, аз шахсияти бузурги Пешвои миллат ва сиёсати ӯ мебошад, зеро маҳз ба шарофати ин сиёсати хирадмандона мо имкони шакл додани ҳувияти миллии тоҷикиро пайдо намудем. Инчунин, ба самти мазкур ифтихор аз соҳибистиқлолии кишвар, парчам, нишон, суруди миллӣ, артиши миллӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоиву фарҳангӣ, сулҳу оромиш ва омодагӣ ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ дохил мешаванд.

б) ҳувияти ориёӣ ё нажодӣ – шинохти нажоди худ, ифтихор аз асли ориёии хеш. Чунонки маълум аст, қавму миллатҳои рӯйи замин аз нажодҳои мухталиф иборат мебошанд ва бо асолати нажодии худ ифтихор мекунанд. Миллати сарбаланди мо ба нажоди ориёӣ мутааллиқ буда, ҳар як фарди худогоҳи тоҷик асли ориёии худро бояд шиносад ва аз он фахр намояд;

в) ҳувияти таърихӣ–шинохти роҳи таърихии пурпечутоби миллату давлати тоҷикро аз замонҳои қадим то давраи ҳозира дар бар мегирад. Ҳофизаи таърихӣ, ифтихор аз шахсиятҳои сиёсии таърихӣ (мисли Куруши Кабир, Исмоили Сомонӣ), нигаҳдории ёдгориҳои даврaҳои гузашта, омӯзиши амиқи таърихи миллӣ яке аз муҳимтарин рукнҳои ҳувияти миллӣ буда, дар маҷмӯъ ифтихор аз давлатдории хешро дар назар дорад;

г) ҳувияти фарҳангӣ– ифтихор аз фарҳангу тамаддуни моддиву маънавии миллӣ, забон, адабиёт, шахсияти адибону олимони бузурги классик ва муосир (Рӯдакӣ, Сино, Фирдавсӣ, Умари Хайём, Ҷалолиддини Балхӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода ва бузургони дигар). Ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ, бавежа асолати забони модарӣ, таҳкиму тақвияти амалкарди забони тоҷикӣ ба ҳайси забони давлатии кишвар;

д) ҳувияти динӣ-мазҳабӣ – шинохти исломи суннатӣ тибқи мазҳаби таҳаммулпазири Имоми Аъзам, ифтихор аз мусулмони ҳанафимазҳаб будан. Ҳифзи мазҳаби анъанавии ҳанафӣ азҳар гуна олоишҳои беруна, муборизаи беамон бо мафкураҳои динии ифротгароёна ва бегонапарвар.

Чунонки зикраш рафт, ин панҷ самти ҳувияти миллии тоҷикӣ ба ҳам зич алоқаманд буда, яке аз онҳо ҳувияти ориёӣ ё нажодӣ аст. Лозим ба ёдоварист, ки бидуни ифтихори нажодӣ худшиносии мо ноқис хоҳад буд,чун ориёият аслу решаи миллати мост.Ба ибораи дигар, нахуст решаи худро дониста бошем, бидонем, ки кистему аз куҷоем! Он гоҳ ҳувияти мо пурраву комил хоҳад гашт.

Маҳз бо мақсади шинохти аслу насаби хеш, бо мақсади шакл додану комил намудани ҳувияти нажодии тоҷикон бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2006 соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ эълон гардид,

ки ба андешаи мо, яке аз иқдомҳои бузургу созандаи Сарвари давлат маҳсуб меёбад.

Гузашта аз ин Пешвои миллат дар бораи тамаддуни ориёӣасарҳои пурмуҳтаво ва барномавиеро рӯйи кор оварданд, ки дар эҳё ва асоснок намудани ҳувияти ориёии тоҷикон нақши босазо доранд. Асарҳои мондагори Пешвои миллат «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» (2006), «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ» (2006) ва «Арзишҳои ориёӣ дар тамаддуни ҷаҳонӣ» (2006)заминаи неруманди ғоявии шакл додани худшиносии ориёии тоҷикон маҳсуб мешаванд. Дар ин осор Пешвоимиллат шинохти тамаддуни ориёиро аз ҷониби насли кунунӣ, ҷойгоҳи арзишҳои ориёиро дар тамаддуни ҷаҳонӣ ва аз ҳама муҳиммаш зарурати бузургдошти соли тамаддуни ориёиро барои наслҳои имрӯзу ояндаи тоҷикон матраҳ ва ҳамаҷониба асоснок намудаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки таълифоти мазкури Сарвари давлат маводи ниҳоят васеъро дар бар гирифта, натиҷагириву ҷамъбастҳои ҷолибе баён гардидаанд, ки таҳлил ва фарогирии ҳамаҷонибаи ҳар кадоми ондар оянда аз аҳли қалам таҳқиқоти мукаммалеро тақозо менамояд. Ин ҷо ҳадафи мо дар доираи имконоти як мақола аҳаммияти бузурги андешаҳои Пешвои миллатрооид ба моҳияту арзиши фарҳангу тамаддуни ориёӣ барои ташаккули худшиносии нажодии тоҷикони имрӯза, ки дар асарҳои ӯ матраҳ шудаанд, дар арафаи ҷашни бошукӯҳи 30-солагии истиқлоли давлатӣ нишон додан мебошад. Дар ин мақоламо бештар ба асари «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ» такя намудем, аммо ҷо-ҷо, дар мавриди муносиб аз баъзе нуктаҳои муҳимми дигар асарҳои ба ин мавзӯъ бахшидаи Роҳбари давлат низ ёдовар гардидем.

Дар оғози асари пурмуҳтавои «Ориёиҳо вашинохти тамаддуни ориёӣ» Сарвари давлат таъкид месозанд, ки маҳз «истиқлолият дар таърихи давлатдории тоҷикон ва сарнавишти миллати тоҷик оғози марҳилаи сифатан нав гардида, барои шинохт ва дарёфти арзишҳои тамаддуну фарҳанги миллӣ заминаи устувору пойдор фароҳам овард». Сипас мақсад аз бузургдошти соли тамаддуни ориёиро ин тавр муайян мекунанд: «Ҳадафи асосии бузургдошти соли тамаддуни ориёӣ ҳамчун мероси сирф фарҳангӣ асосан пос доштани арзишҳои маънавӣ, илмӣ ва таърихии мардуми тамаддунсозу фарҳангофарини тоҷик мебошад, то ин ки наслҳои имрӯз ва ояндаи миллати мо аз он ба таври васеъ баҳрабардорӣ карда, барои рушду такомули ҳастии худ кӯшиш намоянд. Зеро дар тӯли таърих миллати тоҷик ҳамеша ҳаракатҳои нажодпарастӣ, миллатгароӣ ва бузургманиширо инкор ва маҳкум месозад» [8, с. 4]**.**

Чунонки мебинем, Роҳбари давлат ҳадафи созандаву фарҳангофарини бузургдошти соли тамаддуни ориёиро сароҳатан баён намуда, зимнан таъкид кардаанд, ки тоҷикон ҳамеша зидди ҳама гуна нажодпарастӣ, миллатгароӣ ва бузургманишӣ буданду ҳастанд.

Ин таъкиди Сарвари давлати тоҷикон албатта сабабҳои ҷиддӣ дорад, чун баъзе интиқодгарони муғриз пайдо шуданд, ки мехостанд бузургдошти соли тамаддуни ориёиро ба назарияҳои нажодпарастона вобаста намоянд. Маълум аст, ки дар нимаи дуюми қарни 19 ва аввали қарни 20 аврупоиён назарияи нажодпарастии ориёиятро матраҳ ва таблиғ намуда, ориёиёнроирқи олӣ ва мардумони дигар, махсусан яҳудиёнро ба ирқи паст ворид намуданд. Ин гуна андешаҳои нажодпарастиро фаронсавиён - Жозеф Артур де Гобино (1816-1882), Важе де Ляпуж (1854-1936); англисҳо – Хюстон Стюарт Чемберлен (1855-1927), Френсис Галтон (1822-1911); олмониҳо – Алфред Плётс (1860-1940), Алфред Розенберг (1893-1946), Ганс Гюнтер (1891-1968) ва дигарон дар асарҳои худ «асоснок» ва таблиғ кардаанд. Пайомади сиёсии ин андешаҳои нажодпарастона шакл гирифтани ҷунбиши натсионал-сотсиалистӣ ва ба сари қудрат омадани фашистон дар Италия ва Олмон гардид. Дар Олмони фашистӣ сиёсати зидди яҳудиён ва наслкушии онҳо авҷ гирифт, ҷангҳои истилогарона бар зидди кишварҳои дигар, аз ҷумла Иттиҳоди Шӯравӣ оғоз ёфт. Фашистони олмонӣ дар шаҳри Нюрнберг ду қонуни нажодпарастона қабул намуда, андешаи ирқҳои оливу пастро қонунан сабт намуданд. Тибқи ин қонунҳо, яҳудиёну лӯлиҳо ирқи паст ва олмониҳову миллатҳои ба онҳо хеш ирқи олӣ хонда шуданд. Рамзи бостонии тамаддуни мардумони ҳиндуэрониву пайравони дини буддоӣ (махсусан дар фарҳанги буддоии Тибет) сувастӣ (свастика) чун рамзи Олмони фашистӣ пазируфта шуд ва моҳияти асливу созандаи он таҳриф гардид. Ин ҳама амалҳои мафкуравию сиёсии аврупоиён ва қабл аз ҳама ваҳшигариҳои фашистони олмонӣ сабабгори он гардид, ки баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ дар кишварҳои Ғарб номи ориёӣ ва рамзи сувастӣ бадном гашт ва бо мафкураву амалҳои нажодпарастона алоқаманд карда шуду то ҳол мешавад.Дар китоби «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» Пешвои миллат ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда менависанд, ки «дар нимаи аввали асри гузашта фашистони Германия ба ин истилоҳ тобиши нажодӣ дода, бо сиёсати ҷангҷӯёна ва қатли оми миллионҳо мардуми бегуноҳи Аврупо ин номро бадном ва беобрӯ сохтанд»[7, с. 16].

Хуллас, гуноҳи ирқпарастон аст, ки этнонимиориёиву рамзи сувастиро бадном сохтаанд, ҷавобгарӣ дар назди таърих низ бар дӯши онҳост, зеро мусаллам аст, ки фарҳангу тамаддуни мардумони Ховарзамин, махсусан тоҷикону эрониён, рабте ба ин кору амалҳои аврупоиён надоранд.

Пешвои миллат бо такя ба таҳқиқоти олимоне мисли В.М. Жирмунский, М.М. Дяконов, Г.Ф. Илин, А. Мейе ва дигарон бо мисолҳои мушаххас назарияҳои нажодпарастонаро дар бобати «нажоди ориёии шимолӣ» (ба истилоҳ «нордизм» ё «нордитсизм») маҳкум намуда, таъкид кардаанд, ки «дар бораи мансуб будани номи ориёӣ танҳо ба мардумони эронӣ ва ҳиндӣ ва ё дар

маҷмӯъ мардумони ҳиндуэронӣ тақрибан ҳамаи муҳаққиқон назари ягона доранд»[8, с. 8-9].

Аз ин лиҳоз, барои мо тоҷикон ориёият фарҳангу тамаддун, номи таърихии миллати тоҷик, асолати нажодӣ мебошад, зеро ба қавли Пешвои миллат«ҷавҳар ва бунёди ин фарҳанг бар пояи андеша ва ахлоқи башардӯстӣ ва мақоми волои инсон устувор гардидааст. Се меъёр ё усули ахлоқ ва ё андешаи тарбияи инсон, кибо шиори пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек, аз номи паёмбари оини ориёӣ гуфта шудааст, ки дар бунёди худ дар ҳеҷ тамаддуни дигар ҳамто надорад» [8, с. 5]**.** Ин аст, ки фаҳмиши мо тоҷикон аз мафҳуми ориёият, ба андешаҳои бебунёду беасоси назарияпардозони нажодпарасту бузургманиши аврупоӣ рабте надорад ва аз онҳо ба куллӣ фарқ мекунад.

Бинобар ин яке аз ҳадафҳои соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ барқарор намудани ҳақиқати илмиву таърихии номи неки ориёӣ буду ҳаст. Лозим ба ёдоварист, ки то давраи Ҷанги дуюми ҷаҳон вожаи ориёӣ, чун мутародифи тоҷику эронӣ дар асарҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва публитсистӣ васеъ истифода мешуд ва маънии манфӣ ба бор надошт. Масалан, яке аз мақолаҳои шарқшиноси машҳур, академик В.В. Бартолд, ки соли 1896 навишта буд, чунин ном дошт: «Чанд сухан дар бораи фарҳанги ориёӣ дар Осиёи Миёна» («Несколько слов об арийской культуре в Средней Азии»). Мақоларо В.В. Бартолд бо чунин суханон оғоз менамояд: «Ба он дараҷае, ки мо метавонем таърихи Осиёи Миёнаро пайгирӣ намоем, аҳолии бумии он ҳама вақт ба қабилаи ориёӣ, маҳз ба гурӯҳии эронии халқҳои ориёӣ тааллуқ дошт» [1, с. 322]. Вақте осори бисёрҷилдаи В.В. Бартолд солҳои 60-ум асри XX мунташир гардид, таҳиягарони мақола аз ҷониби муаллиф истифода шудани вожаи «ориёӣ»-ро дар поварақ ин гуна шарҳ додаанд: «Истилоҳи «ориёӣ»-ро В.В. Бартолд, **чунонки дар он замон маъмул буд,** барои нишон додани мансубияти забонии аҳолии бостонии Осиёи Миёна, ки ба забонҳои гуногуни шарқии эронӣ гуфтугӯ мекарданд, истифода бурдааст» [1, с. 322]. Аммо ин баҳои ноқис аст ва мазмуни мақолаи В.В. Бартолд баръало нишон медиҳад, ки вай вожаи ориёиро на танҳо чун мафҳуми забонӣ, балки чун мафҳуми этникӣ низ ба кор бурдааст. Ба таври мисол: «ҳукмронии табақаи заминдорро дар марҳалаи маълуми ҳаёти фарҳангӣ, мо дар ҳамаи ориёиён ба мушоҳида мегирем»; «дар шаҳри нав миллати ориёӣ ва дини Зардушт макон ёфтанд»; «зардуштия то истилои мусалмонон дини ҳамаи ориёиёни Осиёи Миёна набуд»; «амалӣ намудани ин низом…дар Осиёи Миёна кори Сомониён буд, ки ҳокимони асилзодаи ориёӣ ба ҳисоб мерафтанд»[1, с. 323-329].

Зимнан бояд қайд намуд, ки Сарвари давлат аз дидгоҳҳои академик В.В. Бартолд ёдовар шуда таъкид кардаанд, ки «В.В. Бартолд дар давроне, ки истилоҳи ориёӣ ба маънои ҳиндуаврупоӣ истифода мешуд, ин истилоҳро бисёр

дуруст ва огоҳона ва бо дарки воқеияти таърих барои забонҳои гуногуни шарқии эронии сокинони қадими Осиёи Миёна – гузаштагони тоҷикон ба кор бурдааст. Ба гумони мо В.В. Бартолд истилоҳи ориёиро барои давроне, ки ин мардумон нажоди худро бо ин ном ёд карда ва худро танҳо бо ҳамин ном мешинохтаанд ва дигар мардумон низ онҳоро бо ҳамин ном мехондаанд, хеле муносиб истифода кардааст». Сипас Пешвои миллат дар мавриди корбурди мафҳуми ягонаи ориёӣ ҳаққи баробар доштани мардумони «ориёии ҳиндӣ» ва «ориёии эронӣ»-ро қайд намуда, дар муҳити «ориёиёни эронӣ» «корбурди бештар ва суннати тӯлонитар» доштани онро таъйид карда, ба чунин хулосаи муҳим меоянд: «Бинобар мақоми таърихии номи нажодии арйа (ориёӣ) ин истилоҳ, ҳамон тавре ки барои ориёиҳои ҳиндӣ ба кор меравад, ҳамин тавр барои ориёиҳои эронӣ он ҳамчун номи таърихӣ ва суннатии ин мардумон бояд истифода ва пазируфта шавад» [8, с. 10].

Мисоли дигарро аз фаъолияти илмии муаррихи машҳури рус А.А. Семенов меорем. Соли 1925 А.А. Семенов дар маҷмӯаи дастҷамъии «Тоҷикистон», ки аз тарафи «Ҷамъияти омӯзиши Тоҷикистон ва халқиятҳои эронӣ дар хориҷ аз он» («Общество для изучения Таджикистана и иранских народностей за его пределами») ба нашр расида буд, мақолае чоп кард бо номи «Ёдгориҳои моддии фарҳанги ориёӣ» («Материальные памятники арийской культуры») [4, с. 113]. Ин таҳқиқоти арзишманди А.А. Семенов, ки бо як меҳру садоқати беандоза нисбат ба тоҷикону аҷдоди ориёии онҳо таълиф ёфтааст,бо чунин суханон оғоз мешавад: «Тоҷикон аксари аҳолии Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикистонро ташкил намуда, авлоди қадимтарин мардуми бумии кишвар - ориёиёни Осиё ба ҳисоб рафта, ба гурӯҳи эронии қабилаи бузурги ориёиёнтааллуқ доранд. Дар давоми ҳаёти таърихии бисёрасраи худ, онҳо қариб дар тамоми минтақаи шарқии пуштакӯҳи Эронзамин асари фарҳанги моддии худро боқӣ гузоштаанд. Ва агар дар бисёр ҷойҳо имрӯз аҳолии ориёӣ тамоман аз байн рафтааст, вале ёдгориҳои гузашта омирона ба мо дар бораи ин аҳолӣ нақл карда, ишора ба он мекунанд, ки фарҳанги ориёӣ аз қаламрави Тоҷикистони имрӯза беҳад ба дуродур баромадааст. Нақшу асари дурахшони онро мо то кунун дар ҷумҳуриҳои худмухтор ва дигар вилоятҳои Туркистон дучор меоем.Дар ҳама ҷои ин минтақа ганҷинаи бузурги бостоншиносӣ на танҳо таҳқиқ нагардидааст, балки ба қадри кифоя санҷида ҳам нашудааст» [4, с. 113].

Вақте А.А. Семенов қайд мекунад, ки «дар бисёр ҷойҳо имрӯз аҳолии ориёӣ тамоман аз байн рафтааст», аз ҷумла сарзамини Хоразмро дар назар дошта, онро «қадимтарин макони фарҳанги ориёӣ»[4, с. 150] меномад.

Баъди бист сол мақолаи мазкури А.А. Семенов бо номи тағйирхӯрдаи «Ёдгориҳои моддии фарҳанги эронӣ дар Осиёи Миёна» («Материальные памят-

ники иранской культуры в Средней Азии») соли 1944 дар Сталинобод, дар шакли китобчаи алоҳида, бо теъдоди 1500 нусха, аз нав чоп шуд. Муҳаррирони масъули китоб Б. Ғафуров ва Н. Прохоров буданд.Дар аннотатсияи китоб зикр шудааст, ки «акнун рисолаи мазкур дар шакли аз ҷониби муаллиф хеле иловашуда ва ислоҳёфта ба чоп мерасад»[5, с. 2].

Бояд тазаккур дод, ки бозчопи ин китоб талаби замон буд, чун дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ вобаста ба мубориза бар зидди истилогарони фашистӣ масъалаҳои худшиносии миллии халқҳои шӯравӣ, аз ҷумла тоҷикон ба мадди аввал баромад. Дар ин давра асосан осоре таълиф ва нашр шудаанд, ки худшиносиву худогоҳии миллиро инъикос ва таблиғ менамуданд, аз ҷумла чунин асарҳоимондагори устод Садриддин Айнӣ - «Исёни Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик - Темурмалик». Дар ин солҳо китоби А.А. Семенов низ дар радифи чунин асарҳо интишор ёфт, вале ба мушоҳида мегирем, ки дар охири ҷанг аз корбурди вожаи «ориёӣ» парҳез шудааст. Сабаби ин, албатта, маълум аст, чун амалҳои зиддинсонии фашистони олмонӣ, мафҳуми «ориёӣ»-ро манфӣ сохта буд ва акнун муаллифону ноширон маҷбур буданд, кидар истифодаи он эҳтиёткор бошанд. Дар ин бора, муаррих Б. Литвинский ёдовар мешавад: «Семенов дар вақташ китобчае навишта буд бо номи «Ёдгориҳои моддии фарҳанги ориёӣ», ки баъдан тоҷикон онро аз нав чоп карда, дар номаш эҳтиёткорона вожаи «ориёӣ»-ро ба «эронӣ» иваз намуданд. Маҳз ба хотири ин китобча вазъи Семенов хеле душвор шуда,аз дасти вай Пажӯҳишгоҳи дастхатҳои шарқиро ки худаш таъсис дода буд, кашида гирифтанд» [6]. Баъди ин ҳодиса А.А. Семенов бо даъвати Б. Ғафуров ба Тоҷикистон омад ва ӯ сарвари пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва этнографияи Академияи илмҳои ҷумҳурӣ таъйин гардид.

Аз ҷумла Л.А. Бретаницкий ном санъатшинос дар шумораи 7-уми маҷаллаи «Вопросы истории» аз соли 1947 ба асари мазкури А.А. Семенов тақризи манфие навишта, ӯро ҷонибдори «назарияи панэронӣ» эълон намуд ва ба он гунаҳкор кард, ки вай танҳо тоҷиконро меросгари фарҳанги бостонии Осиёи Миёна медонад (айнан): «В заключительной части автор считает, что им дана "возможность составить представление о великих достижениях, относящихся к тому времени, когда здесь (в Средней Азии - Л. Б.) преобладала иранская культура, указывавшая мощное влияние на соприкасавшиеся со среднеазиатскими иранцами народы". Тем самым проф. А. А. Семёнов подчеркивает свои принципиально неверные положения, исключающие действительный ход исторического процесса, и совершенно игнорирует культуру остальных народов Средней Азии, кроме таджикского, связанных на протяжении многовековой совместной жизни своими историческими судьбами» [2, с.131].

Бояд гуфт, ки иқтибоси мазкурро Л.А. Бретаницкий аз матни китоби А.В. Семенов канда гирифтааст. Матни пурраи ин пора чунин аст (айнан): «Хотя мы сделали беглый схематический обзор материальных памятников иранской культуры в Средней Азии, он тем не менее дает возможность составить представление о великих достижениях, относящихся к тому времени, когда здесь преобладала иранская культура, оказывающая мощное влияние на соприкасавшиеся с среднеазиатскими иранцами народы. Исчерпывающий во всех подробностях обзор всех памятников прошлого, связанных с иранской культурой страны, имеет исключительное значение для разработки вопросов истории народов Средней Азии вообще и в частности таджиков, являющихся, как уже было сказано в начале нашего обзора, потомками древнейших иранских засельников этой страны» [5, с. 46].

Дар аввали тақризи худ Л.А. Бретаницкий менависад, ки «рисолаи соли 1925 чопшудаи профессор А.А. Семенов таҳти унвони «Ёдгориҳои моддии фарҳанги ориёӣ», ба қавли муаллиф «дар шакли хеле иловашуда ва ислоҳёфта», соли 1945 бо номи «Ёдгориҳои моддии фарҳанги эронӣ дар Осиёи Миёна» аз нав нашр гардид. Илова ва ислоҳҳои ин рисола аз чӣ иборат мебошанд, ки бояд то ҳадде натиҷаҳои корҳои таҳқиқотии 20 соли охирро инъикос менамуданд. Ҳамзамон, то кадом андоза консепсияи умумии таърихии муаллиф дуруст аст, ки тибқи он ёдгориҳои бисёрасраи фарҳанги халқҳои Осиёи Миёна ба хонандаи шӯравӣ дар нашри соли 1925 ба ҳайси ёдгориҳои фарҳанги ориёӣ, аммо дар нашри соли 1945 чун фарҳанги эронӣ муаррифӣ шудаанд?» [2, с. 128].

Дар ҷойи дигари тақриз дар ин маврид боз ишора рафтааст: «Ба консепсияи яктарафа ва зарарноке, ки дар умум асоси корро ташкил дода, дар давоми ду даҳсола ҳеҷ гуна тағйир наёфтааст, зикр менамоем, ки ислоҳҳо ҷузъӣ буда, моҳиятан хислати зоҳирӣ доранд. Дар ҳама ҷо мафҳумҳои - фарҳанги ориёӣ, қабилаи ориёӣ, аҳолии ориёӣ ва ҳоказо – ба вожаи эронӣ иваз карда шудаанд» [2, с. 129].

Чунонки мебинем, масъалагузории Л.А. Бретаницкий ғайриилмӣ буд, зеро ба қавли Б. Литвинский «эҳтиёткорона» иваз намудани вожаи «ориёӣ» (ки соли 1945 маънии манфӣ ба бор гирифта буд) ба «эронӣ», табиӣ буда, сабабҳои ҷиддӣ дошт, ки аз он муаллифи тақриз бошуурона чашм пӯшидааст. Аз ин дидгоҳ, ҳадафи Л.А. Бретаницкий ба хубӣ маълум мешавад. Мақсади ӯ сиёҳ намудани шахсияти А.А. Семенов ва ақидаҳои ориёигаройӣ-тоҷикигароии ӯ буд. Тақриз нисбати А.А. Семенов ва китоби ӯ бо чунин суханони айбдоркунанда хотима ёфтааст: «Мо чунин меҳисобем, ки рисолаи тақризшаванда бо тамоюли худ ва мазмуни бунёдияш таърихи халқҳои Осиёи Миёнаро таҳриф сохта, хонандаро раҳгум месозад. Ин рисола дастовардҳои илми шӯравиро дар

давоми 20 сол ба назар нагирифта, дорои камбудиҳои зиёд ва иштибоҳи услубӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад талаботи рӯзафзуни хонандаи шӯравиро оид ба рушди фарҳанги моддӣ, аз ҷумла меъмории халқҳои Осиёи Миёна,ки ба методологияи илмии марксистӣ-ленинӣ асос ёфтааст, қонеъ созад» [2, С. 131].

Ба ибораи дигар мавқеи тоҷикигароии А.А. Семенов ба мафкураи марксистӣ-ленинӣ мухолиф эълон гардида (ҳарчанд дар асл ин тавр набуд), олими номдор мавриди интиқоди шадид қарор гирифт. Дар ин вазъ роҳбари вақти ҷумҳурӣ, Бобоҷон Ғафуров, А.А. Семеновро ба Тоҷикистон даъват намуд, ки то охири умраш сарварии пажӯҳишгоҳи таърихро ба уҳда дошту баҳри ривоҷи илми тоҷик хидматҳои арзанда анҷом дод.

Минбаъд, аз оғози солҳои 70-уми асри гузашта сафед кардани мафҳуми ориёӣ бо асарҳои аллома Б. Ғафуров, махсусан китоби «Тоҷикон» алоқаманд аст, ки дар он мафҳумҳое мисли: «ориёӣ», «қабилаҳои ориёӣ», «аҳди ориёӣ», «қабилаҳои ҳиндуориёӣ», «нажоди ориёӣ», «тоифаҳои ориёӣ», [3, с. 49-65] ба ҳайси аҷдоди халқи тоҷик,ба таври фаровон ба кор рафтааст.

Дар асари «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ» Роҳбари давлат боз ба ду масъалаи муҳим дахл намудаанд, ки наметавон аз он ёдовар нашуд: яке, муносибати андешаи ориёият ва ислом, ва дигаре аз нажоди ориёӣ будани қавмҳои тӯронӣ.

Дар мавриди муносибати андешаи ориёият бо ислом Пешвои миллат зикр намудаанд, ки «вобаста ба эълони бузургдошти тамаддуни ориёӣ сару садоҳое баланд гардиданд, ки гӯё омӯзиши тамаддуни ориёӣ ва арзишҳои он ба сатҳи диёнат ва эҳсоси динии мардуми мусулмони мо халал ворид мекарда бошад» [8, с. 4]. Сарвари давлат чунин гузориши масъаларо «бе бунёд ва аз воқеият дур» арзёбӣ намуда, чунин таъкид месозанд: «воқеият ин аст, ки мо тамаддуни ориёиро ҳамчун падидаи сирф фарҳангӣ баррасӣ карда, ба наслҳои имрӯзу оянда омӯхтани онро ба хотири шинохти беҳтар ва амиқтари баромади таърихии миллатамон талқин менамоем. Ва ин амал пояҳои дини мубини исломро, ки аксарияти мутлақи мардуми мо пайрави онанд, заррае халалдор нахоҳад кард»[8, С. 5].

Дар ин маврид Пешвои миллат ба робитаи арзишҳои тамаддуни пешазисломӣ ва баъдиисломии тоҷикон ишора намуда, пайвандии ононро таъйид карда, андешаи худро дар китоби «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» боз ҳам инкишоф дода, менависанд: «…дар таҳаввулу инкишофи маданияти исломӣ ва рушду нумувви илму адабу фарҳанги он, маданияти ориёӣ, ки аз тафаккури аҳди қадим бархӯрдор буд, нақши фаъол дошт. Имрӯз шеърҳои Рӯдакиву достонҳои Фирдавсӣ, ғазалиёти Ҳофиз, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдиву эҷодиёти Ҷомиро, ки нашъаи тамаддуни ориёӣ доранд, тамоми ҷаҳон бо ифтихор

ба забон меоранд»[7, с. 10]. Дар ин таъкидоти муаллиф мо меросбарии ду тамаддуни бузурги тоҷикон ва ғанӣ гардидани фарҳанги тоҷикии асрҳои миёнаро аз фарҳанги бостонӣ ба мушоҳида мегирем.

Лозим ба ёдоварист, ки масъалаи асолати нажодии тӯрониён яке аз қазияҳои баҳсноки илми таърих ва этнологияба ҳисоб меравад. Ин масъалаест, ки дар мавриди онду мавқеъ мавҷуд буда, аз ҳамдигар тафовути куллӣ доранд. Андешаи тоҷикӣ, ки пойбанди ҳақиқати таърихист, ба ин назар аст, ки тӯрониён (турҳо) ба ирқи ориёӣ мансуб мебошанд. Ин нуктаи хеле муҳимми худшиносии нажодӣ ва таърихии тоҷиконро Пешвои миллат бори дигар таъкид намуда, менависанд: «дар мавриди тӯрониён ва мансубияти ин қавм ба ориёиҳо дар илмиэроншиносии ҷаҳон таълифоти фаровон анҷом дода шуда ва дар мансубияти нажодии ин мардум ҷойи гумон ва шубҳа вуҷуд надорад» [8, с. 26].

Тавре ки аз баррасӣ ва таҳлили иҷмолии дидгоҳҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои Миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба мазмуну моҳияти тамаддуни ориёӣ маълум мегардад, маҳз ба василаи сиёсати хирадмандонаи ин абармарди миллат ҳувияти ориёии тоҷикон аз нав эҳё гардид. Барҳақ, маҳз Сарвари давлати тоҷикон – эҳёгари ҳувият ва худшиносии ориёӣ аст!

Агар дар даврaҳои қабл аз истиқлол роҷеъ ба асли ориёии миллати тоҷик доираҳои маҳдуди зиёиён хабар дошта бошанд, пас тавассути сиёсати фарҳангпарваронаи Пешвои миллат, ки қабл аз ҳама, барои ташаккули худогоҳиву хештаншиносии миллӣ равона карда шудааст, дар бораи асли ориёии хеш оммаҳои васеи мардум бохабар гаштанд. Ва худшиносии миллӣ ҳамон вақт қавӣ аст, ки агар фарогири шуури оммаҳои васеъ бошад. Бо ташаббуси Пешвои миллат эълон шудани соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, ки 15-солагии он бо 30-юмин солгарди истиқлоли кишвари азизамон рост меояд, имконеро фароҳам овард, ки ҳувияти ориёии тоҷикон хислати ҳамагонӣ пайдо намояд.

Заминаи асосӣ ва муътамад барои минбаъд ҳам амиқ рафтан ҳувияти ориёии тоҷикон, пеш аз ҳама, асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи фарҳангу тамаддуни ориёӣ мебошад, ки аҳаммияти онҳо дар шароити набардҳои мафкуравии ҷаҳони имрӯза беш аз пеш меафзояд. Ба ин хотир, ин асарҳои пурмуҳтаво, ки ба миллати тоҷик қарнҳо хидмат хоҳанд намуд, бояд аз тариқи расонаҳо, чорабиниҳои илмиву фарҳангӣ, навиштаҳои илмӣ-оммавӣ, асарҳои бадеӣ пайваста таблиғу ташвиқ шаванд, зеро танҳо бо ин роҳ метавон тоҷики худогоҳи ориёӣ, шаҳрванди худшиноси давлати милливу дунявии соҳибистиқлолро тарбия кард ва ташаккул дод.

АДАБИЁТ

1. Бартольд В.В. Сочинения. Т.II.Ч. 2. – М.: Изд-во «Наука», 1964. – 657 с.
2. Бретаницкий Л.А. Проф. А. А. Семенов «Материальные памятники иранской культуры в Средней Азии» / Вопросы истории. – 1947. - № 7. – С. 128-131.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. – Душанбе: «Нашриёти муосир», 2020. – 976 с.
4. Семенов А.А. Материальные памятники арийской культуры / Таджикистан. Сборник статей с картой. Под редакцией члена общества Н.Л. Корженевского. – Ташкент, 1925. – С. 113-150 с.
5. Семенов А.А. Материальные памятники иранской культуры в Средней Азии. – Сталинабад: «Госиздат при СНК Таджикской ССР», 1944. – 47 с.
6. Литвинский Борис. Бободжан Гафуров, великий и ужасный (воспоминания историка) [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://centrasia.org/newsA.php? st=1237526940 (дата обращения: 06.20.2020)
7. Эмомалӣ Раҳмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. - 372 с.
8. Эмомалӣ Раҳмон. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 96 с.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Арзишҳои ориёӣ дар тамаддуни ҷаҳонӣ/ Садои мардум. – 2006. - 31 август. – № 99.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Осорхонаи миллӣ ва мулоқот бо зиёиёни кишвар. 20 марти соли 2013 [Захираи электронӣ]. - Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/4130(таърихи мурочиат: 03.05.2020)

ПРОБЛЕМЫ ВОЗРОЖДЕНИЯ АРИЙСКОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ В ПЕРИОД ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

АБДУЛЛОЗОДА МАСРУР АХМАД,
доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского славянского университета
734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде 30;
тел.:(+992) 988-06 86-01; e-mail:masrur_a@mail.ru

В статье на основе произведений Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона рассматриваются проблемы возрождения и становления арийской идентичности в период государственной независимости Таджикистана. Подчеркива-

ется, что культурная политика Президента Республики Таджикистан способствует возрождению древней арийской культуры и арийского самосознания в качестве одного из аспектов таджикского национального самосознания. Отмечается, что Президентом Республики Таджикистан 2006 год был объявлен годом празднования арийской цивилизации, а в его фундаментальных произведениях научно обосновываются вопросы постижения арийской культуры в условиях современной глобализации.

В статье через анализ произведений Президента Республики Таджикистан раскрывается гуманистическая сущность арийской цивилизации и отличие такого правильного познания от других неверных трактовок данной проблемы.

Ключевые слова: *Президент Республики Таджикистан, государственная независимость, год празднования арийской цивилизации, арийская идентичность, арийская культура, национальное самосознание, А.А. Семенов*

PROBLEMS OF ARYAN IDENTITY REVIVAL IN THE PERIOD OF STATE INDEPENDENCE

ABDULLOZODA MASRUR AHMAD,
Doctor of Philological Sciences, Professor at the Department of national and international journalism of Russian-Tajik (Slavonic) University
734025, Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzade Street. 30,
tel.: (+992) 988-06-86-01; e-mail: masrur_a@mail.ru

Based on the works of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, the article examines the problems of revival and formation of Aryan identity during the period of state independence of Tajikistan. It is emphasized that the cultural policy of the President of the Republic of Tajikistan contributes to the revival of the ancient Aryan culture and Aryan identity as one of the aspects of the Tajik national identity. It is noted that the President of the Republic of Tajikistan declared 2006 the year of celebration of Aryan civilization, and his fundamental works scientifically substantiate the issues of understanding Aryan culture in the context of modern globalization.

Through the analysis of the works of the President of the Republic of Tajikistan, the article reveals the humanistic essence of the Aryan civilization and the difference between such correct knowledge and other incorrect interpretations of this problem.

Keywords: *President of the Republic of Tajikistan, state independence, year of celebration of Aryan civilization, Aryan identity, Aryan culture, national identity, A. A. Semenov*

УДК:327(470:575)

СТАНОВЛЕНИЕ ПРИНЦИПОВ И КОНЦЕПТУАЛЬНЫХ ОСНОВ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (В КОНТЕКСТЕ ПОИСКА ПУТЕЙ РЕШЕНИЯ ПРОБЛЕМЫ АФГАНИСТАНА)

САФОЛЗОДА МУХАММАДИ КУРБОН,
кандидат исторических наук, доцент Филиала МГУ имени
М. В. Ломоносова в городе Душанбе
734025, Таджикистан, г. Душанбе, улица Бухоро 35/1;
e-mail: m-di2005@mail.ru

Статья посвящена вопросам становление принципов и концептуальных основ внешней политики Республики Таджикистан, основоположником которого является Президент Республики Таджикистан, Лидер нации уважаемый Эмомали Рахмон, а также в свете его инициатив поиска путей решения проблемы Афганистана.

Дается краткая характеристика истокам процесса становления внешней политики страны, где изначально соседней дружественной стране, отведено важное место.

Представляет интерес ранний период налаживания отношений между Республикой Таджикистан и Афганистаном, которые переживали непростые страницы истории становления и формирования внешней политики государства. Это, тот самый период, когда Таджикистан после восстановления конституционной власти выступает вкачестве самостоятельного субъекта международного права, устанавливает по всей стране прочный мир, расширяет и укрепляет взаимоотношение со всеми странами активно участвуя в решении общечеловеческих проблем.

